Ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Фарход РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Зулхия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Мадина НАБИЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Суғд
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА** - муҳаррири бахши филологӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 6915 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№2**

**№2 (238), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А

**23 ФЕВРАЛ – РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ**

Ҳимояи Ватан, миллат ва давлат – масъулият ва рисолати муқаддас....................................3

**ЭЪТИМОД**

М. ҒОИБ. Сарфармондеҳи олӣ..........................................................................................5

**НИЁГОНИ МО**

Ш. САИДМУРОДЗОДА. Донишмандон аз нигоҳи Пешвои миллат......................................6

**ДИДГОҲ**

С. ТУРОНОВ. Илму маориф – дар меҳвари сиёсати Президент..................................................9

**ИДЕОЛОГИЯ**

А. ОДИНАЕВ. Хатарҳои терроризм ва экстремизм ба амнияти миллӣ................................13

**ИНСОН ВА АХЛОҚ**

А. АБДУЛЛОЕВ. Виҷдон - асоси рушди шахсият ва ҷамъият..............................................16

**ИСЛОҲОТ**

С. НАБИЗОДА. Китоби дарсӣ: забон ва замон....................................................................23

**ПЕДАГОГИКА**

Н. ТАЛБАКОВА. Омӯзгор ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён...............................................26

**АДАБИЁТ**

Х. РАҲИМОВ. Зиндагии ҳикматбор.....................................................................................29

**ТЕХНОЛОГИЯ ВА ЗАБОНОМӮЗӢ**

З. ҲУСЕЙНОВА. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар таълими забони хориҷӣ...............................32

**ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ**

Ҷ. ХАЙРУЛЛОҲ. Технологияҳои рақамӣ дар таълим...........................................................34

**БИОЛОГИЯ**

З. ТОШБОЕВА. Тани сиҳат – бехи давлат.............................................................................39

**ФИЗИКА**

М. САФАРОВ. Рушди салоҳияти иҷтимоии хонандагон дар таълим...................................43

**ХИМИЯ**

С. РАБИЕВ. Омӯзиши ҳалли масъалаҳо доир ба зичӣ...........................................................48

**РАВОНШИНОСӢ**

Н. АМОНОВ. Ташхис ва пешгирии рафтори наврасони душвортарбия...............................53

**САНАД**

Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2044......................................................................................................59

# ҲИМОЯИ ВАТАН, МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ – МАСЪУЛИЯТ ВА РИСОЛАТИ МУҚАДДАС

***Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба муносибати 32-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***22.02.2025, шаҳри Душанбе***



**Муҳтарам генералҳо ва афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ!**

Фардо ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлати соҳибихтиёри тоҷикон мебошанд, 32 сол пур мешавад. Ҳамаи шумо – хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро ба муносибати ин санаи таърихӣ – ҷашни фарзандони далеру шуҷои Ватан самимона табрик мегӯям. Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар муддати 32 соли сипаригардида ҳифзи истиқлолу озодии мамлакат, ҳимояи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро дар кишвар ҷавонмардона ва бо садоқат ба халқу Ватан таъмин карда истодаанд. Дар ҳар давру замон ҳимояи Ватан ва ҳаёти осоиштаи мардум барои ҳар як ҷавонмарди бонангу номус вазифаи муқаддас ва вазифаи пуршараф ба ҳисоб меравад. Тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ҳамчун миллати фарҳангиву сулҳдӯст, соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободкору созанда шинохта шудаанд. Вале дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллати мо фарзандони далеру фидокори он, аз қабили Муқаннаъ, Спитамен, Деваштичу Темурмалик, Восеъ ва ҳазорон нафари дигар барои ҳимояи сарзамини муқаддаси аҷдодӣ қаҳрамониву ҷоннисориҳо кардаанд ва ба наслҳои имрӯза аз худ намунаи ибрати ҷовидонӣ боқӣ гузоштаанд.

Аз рӯзҳои аввали эълон гардидани истиқлоли давлатӣ ва ташкили давлати соҳибихтиёри тоҷикон масъалаи таъсис додани Қувваҳои Мусаллаҳ дар назди Ҳукумати мамлакат ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа қарор дошт. Вале мушкилоти сахту сангини ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ, хусусан, мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба иҷрои ин вазифа имконият надоданд. Танҳо баъди Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олӣ ва интихоб гардидани роҳбарияти нави сиёсии кишвар барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ ва гузоштани заминаҳои ҳуқуқии ба эътидол овардани вазъият нахустин иқдомот сурат гирифтанд.

Аз ҷумла 18-уми декабри соли 1992 бо имзои Фармони Раёсати Шурои Олӣ «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкили аввалин сохторҳои Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид ва Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун ниҳоди асосии ҳифзи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии мамлакат фаъолияти худро аз сифр оғоз карданд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ, инчунин, набудани афсарону мутахассисони касбӣ, мо ба ташкили ҷузъу томҳо, қисму воҳидҳои алоҳида ва бо техникаву

таҷҳизоти ҳарбӣ таъмин кардани онҳо шуруъ намудем. Борҳо гуфтаам ва ҳоло такроран хотирнишон месозам, ки дар кишвари тозаистиқлоли мо дар он рӯзҳо барои таъсис додани артиши касбӣ одитарин заминаи моддиву техникӣ вуҷуд надошт. Сарфи назар аз ҳамаи ин норасоиву мушкилот, 23-юми феврали соли 1993, яъне 32 сол қабл аз ин аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардид ва хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи навтаъсиси мамлакат бо ифтихор аз он гузаштанд. Бояд гуфт, ки Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар айёми ниҳоят ҳассосу тақдирсози солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки хатари парокандашавии миллат ва аз байн рафтани давлати тоҷиконро воқеан ба миён оварда буд, қарзи ватандории хешро содиқона иҷро карданд. Ба шарофати далериву шуҷоат ва фидокориву матонати онҳо ҳимояи истиқлоли давлатӣ, якпорчагии мамлакат, ба эътидол овардани вазъият, барқарорсозии сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои мусаллаҳи экстремистиву террористӣ таъмин гардид ва барои заҳмати созандаи мардуми кишвар шароиту имконияти зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Мо имрӯз ифтихор дорем, ки Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сохтори муташаккилу неруманд, муназзаму муҷаҳҳаз ва ба яке аз рукнҳои муҳимми давлатдории навини тоҷикон мубаддал гардидааст. Ва қодир аст, ки якҷо бо дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бузургтарин неъмати зиндагии мардуми тоҷик – истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои таърихии он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва зиндагии осудаи халқи Тоҷикистонро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя намояд. Вазъи бисёр ноороми бесуботи ҳарбиву сиёсӣ, ки ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст, аз ҷумла шиддат гирифтани бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани дунё, мусаллаҳшавии бошитоб ва «ҷанги сард» аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ омодабошии доимӣ, сатҳи баланди маҳорату малакаи касбӣ, ҳисси миллӣ, эҳсоси гарми ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб менамояд. Инчунин, вусъати бесобиқа пайдо кардани фаъолияти ҳаракату гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифа ва масъулияти хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро беш аз пеш муҳимму мубрам мегардонад. Дар чунин шароит риояи бечунучарои талаботи оинномаҳои ҳарбӣ, интизому тартибот ва таъмин намудани волоияти қонун дар тамоми ҷузъу томҳои низомӣ шарти асосии неруманди ва муваффақияти Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Ҳамчунин, роҳбарият ва ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки бо дарназардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон, ба масъалаҳои омодабошии доимӣ, таъминоти ҷузъу томҳо бо техникаву таҷҳизоти муосири ҳарбӣ ва фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари зиндагӣ ва хизмат барои ҳайати шахсӣ эътибори бештар диҳанд. Дар ин раванд ба масъалаи тарбияи кадрҳо, ҷобаҷогузории дурусти онҳо, бозомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорату малакаи афсарону сарбозон, азхудкунӣ ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир, аз ҷумла «зеҳни сунъӣ», инчунин, омодабошии захираҳои сафарбарӣ бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Хотирнишон менамоям, ки дар шароити буҳронии ҷаҳони имрӯза ва торафт афзоиш ёфтани хатару таҳдидҳо ба амнияти ҷомеа ва давлат боз ҳам таҳким бахшидани иқтидори мудофиавии мамлакат аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо мебошад. Ҳукумати мамлакат бо ин мақсад аз тамоми захираву имкониятҳо истифода мекунад. Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат бояд ба иҷрои вазифаи худ бо масъулияти баланд муносибат намоянд, ба савганди худ содиқ бошанд, Ватани хешро сидқан дӯст доранд ва фаромӯш насозанд, ки вазифаи ба дӯши онҳо гузошташуда, яъне, ҳимояи Ватан, миллат ва давлат масъулият ва рисолати муқаддас мебошад.

Мардуми Тоҷикистон дар симои ҳар яки шумо – хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳофизони боэътимоди истиқлолу озодии Ватан, марзу буми сарзамини аҷдодӣ, сулҳу суботи мамлакат ва ҳомиёни ҳуқуқу манфиатҳои худро мебинанд. Эътимоду умеди мардуми кишвар ҳар яки шумо – фарзандони содиқи Ватанро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёр бошед, зиракии сиёсиро аз даст надиҳед, сатҳи касбият ва омодабошии худро мунтазам баланд бардоред, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошед. Ман ба ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, иродаи мустаҳкам, ғайрату ҷасорат ва садоқати ҳар яки шумо ба давлат ва халқи Тоҷикистон эътимоди комил дорам.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, сохторҳои ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳамаи шумо – фарзандони содиқи Ватанро, ки дар ин майдон саф оростаед, ба ифтихори 32-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломатӣ, рӯҳи матин ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

# САРФАРМОНДЕҲИ ОЛӢ



Муҳаммад ҒОИБ –
Шоири халқии
Тоҷикистон

*Расад ҳазору як садо зи ҳар дами хамӯши ӯ,*
*Расад зи халқ пештар ҳама хабар ба гӯши ӯ.*
*Садои сулҳу ҷангҳо, садои ному нангҳо*
*Фикандааст зиндагӣ чӣ борҳо ба дӯши ӯ.*

*Кӣ бештар аз ӯ кашад азобу ранҷи солҳо?*
*Кӣ пештар аз ӯ диҳад ҷавоб бар саволҳо?*
*Ватан – китоби ҳоли мо, ҳаёти безаволи мо,*
*Кӣ пештар аз ӯ занад варақ китоби ҳолҳо?*

*Қатори ҳар фитода ӯ фитад зи ғуссаҳои беш,*
*Баробари супурдаҷон барад зи ёд ҷони хеш.*
*Гаҳи ғазаб ба ӯ расад нахуст тири ҳар нигоҳ,*
*Ба даҳр кист мисли ӯ ҷигаркабобу синареш?*

*Ба даври мо бузургро дигар зи хурд фарқ нест,*
*Ба гӯши ғарб пурасар дигар китоби шарқ нест.*
*Зи панд бонг кам, кам оташаш зи барқ нест,*
*Касе ба мисли сарвараш ба баҳри фикр ғарқ нест.*

*Ғам аст шодии ҷаҳон, ҳама ҳақиқаташ дурӯғ,*
*Зиён ба дида мерасад зи нури шамъи пурфурӯғ.*
*Нигоҳи тези тешааш ҳамеша сӯи решааш,*
*Ба ҷои нахл парварад ба боғи хеш занбурӯғ.*

*Ба дил ҳазор дарду ғам, ба дида бинад обро,*
*Фақат ба хоб бинад ӯ чӣ лаззат аст хобро.*
*Сутуни қасри миллат аст, умеди халқу давлат аст,*
*Ҳама чу нуқтаанд агар, бимонад ӯ хитобро.*

*Ватан – диёри орзу, замини сабзи бахти мост,*
*Зи файзи хоку оби ӯ пур аз самар дарахти мост.*
*Либоси нангро ливо ба рӯзи сахт мекунем,*
*Ватан дари уммеди мо, бақои тоҷу тахти мост.*

*Кафили сулҳу ваҳдат аст, амонӣ аст мақсадаш,*
*Ҳалок хасми ӯ шавад, агар барояд аз ҳадаш.*
*Барои ҳифзи модараш, чу кӯҳсори кишвараш,*
*Ба вақти сели ҳамлаҳо сипар шавад ба сарҳадаш...*

*Ҳазору як садо расад зи ҳар дами хамӯши ӯ,*
*Расад зи халқ пештар ҳама хабар ба гӯши ӯ.*
*Садои сулҳу ҷангҳо, садои ному нангҳо,*
*Фикандааст зиндагӣ чӣ борҳо ба дӯши ӯ...*





# ДОНИШМАНДОН АЗ НИГОҲИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## (Дар мисоли арзиши осори Аҳмади Дониш)



**Шарифхоҷаи САИДМУРОДЗОДА – директори гимназияи «Кафолат»-и шаҳри Душанбе**

**Аз миёни ҳамаи иттифоқоти муҳимме, ки то кунун дар кишварамон рух додаанд, ду вохӯрӣ – дидор бо фаъолону намояндагони ҷомеа ва дастандаркорони дини кишвар (9 марти 2024) ва вохӯрии Пешвои миллат бо донишмандону аҳли зиё (30 майи соли 2024), ки ҳар ду бо якдигар иртиботи ногусастаниву мантиқӣ доранд, арзиши фавқулода пайдо кардаанд. Ба хушдори сареҳи Раҳбари давлат, набояд фаромӯш кард, ки яке аз далоили ҷанги дохилии солҳои 90-уми асри гузашта як навъ бетарафӣ, бетафовутӣ ва ҳатто, ҳимояти бархе аз донишмандон, олимон ва равшанфикрон аз нерӯҳои ғайриқонунӣ буд. Пешвои миллат дар ҳамаи суханрониҳояшон ба ин навъи бетафовутиҳо назари мунтақидонаи худро иброз намуда, дар ҳаққи олимону зиёиён ва мақому манзалати онҳо дар ҷомеа ва вазифаҳои онҳо дар вазъиятҳои гуногун гузариш изҳори назар менамоянд.**

Соли 2016 асари арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Чеҳраҳои мондагор» интишор ёфт (нашри дуюми ин асари воқеан нодир бо иловаҳо соли 2023 бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расид). Сарвари давлат бо рӯ овардан ба таърихи миллату фарҳанги ҳазорсолаи он, агар аз як ҷиҳат, барои огоҳ сохтани мардум аз ин ғановати маънавӣ талош дошта бошанд, аз ҷиҳати дигар, ин огоҳсозӣ василае барои сарҷамъиву баҳамоии тоҷикони ҷаҳон дар гирди фарҳанги оламгири ниёгон ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус дар муқаддимаи китоби «Чеҳраҳои мондагор» басо дурандешонаву огоҳона таъкид гардидааст: «Рӯ овардани ман ба таърих ва симоҳои барҷастаи халқамон боз ба он хотир мебошад, ки мо бояд ба ояндагон зарурати донистани гузаштаи худро талқин намоем ва онҳоро аз саҳифаҳои дурахшони таърихи миллатамон, ки сабақи бузурги худогоҳӣ мебошанд, огоҳ созем ва дар қалбашон меҳру муҳаббат, садоқату вафодориро бедор намуда, ба онҳо аз ин таърихи пуршараф ифтихор карданро ёд диҳем. Зеро эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад».




Вақте ки мо ба мундариҷаи китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Роҳбари давлат менигарем, номи он бузургмардону донишмандон ва мутафаккиронеро ба чашм мерасад, ки ҳақиқатан, барои пойдории миллату асолати забон ва пояндагии рукнҳои милливу давлатдорӣ талошу ҷонбозиҳо кардаанд.

Пешвои миллат дар «Чеҳраҳои мондагор» нозукбинона зиндагиномаву фаъолияти эҷодии Аҳмад Махдуми Донишро чун «нависандаи маъруф, мутафаккири барҷаста, олим, шоир, рассом ва хаттоти номдор, ходими соҳибэътибори ҷамъиятӣ, меъмор ва донишманди мумтози нимаи дуюми асри XIX, маърифатпарвари беҳамтои тоҷик»[1] ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Дар қисмати

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 328.

алоҳидаи асари мазкур таҳти унвони «Ситорае дар тирашабҳои Бухоро»[1] роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти ибратомӯзи Аҳмад Махдуми Дониш маълумоти комил дода шудааст. Нахуст, муаллифи асар ба таърихи таҳқиқи ҳолномаи адиб аз ҷониби донишмандони тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз тамоми сарчашмаҳое, ки зикри Аҳмади Дониш дар онҳо рафтааст, ёдоварӣ мекунанд. Пешвои маҳбуби миллат, махсусан, таъкид месозанд, ки устод Садриддин Айнӣ аз нахустин муҳаққиқоне будааст, ки дар китобҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» маълумоти муҳимму нодирро дар бораи ин нобиғаи аср пешниҳод менамояд[2]. Пешвои миллат ба ковишҳои илмии Садриддин Айнӣ бахшида ба Аҳмади Дониш баҳои воқеӣ дода, афкорашонро бо чунин андешаҳои назариявӣ хулоса мекунанд: «Равиши нав ва услуби тозае, ки ӯ *(Аҳмади Дониш - Ш.Ш.)* илқо кардааст, нисбат ба шароити фосиди замони худ як равиши мустасно ба шумор рафта, дар заминаи истеъдоди фитрӣ ва фазоили илҳомӣ зоҳир шудааст. Аз ин лиҳоз, ташбеҳи зуҳури Аҳмади Дониш ба нур ё ситорае дар осмони торики Аморати Бухоро, аз дидгоҳи устод Айнӣ чун неруи равшандиҳандаи роҳи растагорӣ ва маърифати зиндагӣ тавзеҳ гардидааст».[3]

Дар давоми ин тавзеҳот офаридаҳои муҳаққиқони шинохтаи тоҷик А.Баҳоваддинов, З.Раҷабов, С.Улуғзода, А.Мирзоев, Х.Мирзозода, Р.Ҳодизода, Ғ.Ашӯров, М.Диноршоев, А.Девонақулов ва дигарон дар шинохти осору афкори Аҳмади Дониш муҳим арзёбӣ гардида, махсусан, хидмати профессор Р.Ҳодизода дар таҳқиқи осору рӯзгори ин мутафаккири нотакрор ба таври алоҳида зикр шудааст[4].

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ аз он ёдовар мешаванд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ба омӯзиши рӯзгору осори Аҳмади Дониш донишмандони тоҷик ҷиддӣ даст задаанд. Аз ҷумла, таъкид мешавад, ки «... профессор Субҳон Амирзода ҷиддан ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш машғул шуда, дар ин замина беш аз даҳ мақолаи пурбори илмӣ навишт, ки дар маҷаллаи «Адаб» мунташир гаштаанд»[5]. Муаллифи асари «Чеҳраҳои мондагор» аз таҳлили таълифоти С.Амирзода ба хулосае меоянд, ки «ӯ назарияҳои то ин дам мавҷударо дар бораи саромади ҷараёни маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик будани Аҳмади Дониш мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ба хулосае омад, ки Аҳмади Дониш ва пайравонаш дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX дар амал адиби маърифатпарвар буда, анъанаи классикони адабиёти тоҷикро бо баъзе навигариҳо идома додаанд».[6]

Дар идома бо забони бисёр содаву равон шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш ба риштаи таҳрир кашида шуда, муҳтавои муҳимтарин таълифоти ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пешвои муаззами миллат дар хусуси заминаҳои рушди тафаккур ва инкишофи фаъолияти эҷодии Аҳмад Махдуми Дониш бисёр воқеъбинона изҳори назар карда, фасоди фарогири иҷтимоӣ ва маънавиро дар қаламрави Мовароуннаҳр боиси ба туғён омадани неруи фикрии Дониш ба қалам додаанд: «Заминаи рушду инкишофи фаъолияти эҷодии ӯ (*Аҳмади Дониш – Ш.Ш.*) дар замони худ ба ягон ҷараёни тозашаклгирифтаи иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷорӣ вобастагие надошт, балки вазъи буҳронии амиқу фасоди фарогири иҷтимоӣ ва маънавӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр неруи халлоқаи фикрии Аҳмади Донишро ба таври асроромез ба туғён оварда буд».[7]

Пешвои маърифатпарвари тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳлили ҳар як асари Аҳмади Дониш пардохта, кӯшиш намудаанд, ки ба таври хеле кӯтоҳ, бе ягон зиёдагӯӣ суханҳои ҳикматомези ин нобиғаро тавзеҳ бахшанд ва диққати хонандаро ба мазмуну муҳтавои онҳо ҷалб намоянд, беҳтарин андешаҳои мутарақкии Аҳмади Донишро дарёбанд ва арзишҳои умумиинсонии онҳоро муаррифӣ кунанд. Сарвари давлат воқеъбинона таъкид намудаанд, ки Аҳмади Дониш тамоми андешаҳои ботилу куҳнашударо бо ҷасорати ба худ хос рад сохта, норасоиҳои иҷтимоии замонро бебокона зикр ва беадолатиҳову нобаробариҳои мавҷударо танқид намудааст[8].

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 328-340.
[2] Ҳамон ҷо. С. 328.
[3] Ҳамон ҷо. С. 329.
[4] Ҳамон ҷо. С. 329.
[5] Ҳамон ҷо. С. 329.
[6] Ҳамон ҷо. С. 329.
[7] Ҳамон ҷо. С. 334.
[8] Ҳамон ҷо. С. 336.

Пешвои миллат чун яке аз тарафдорони андешаҳои маорифпарварӣ бо бисёр талошҳои ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ҳамфикр буда, чунин хулоса мебароранд: Аллома Аҳмади Дониш на фақат дар рушди адабу фарҳанги тоҷик, инчунин, дар ташаккули диди равшанфикрию ислоҳотталабии мардуми Осиёи Марказӣ саҳми арзанда гузошт ва бо осори безаволаш саҳифаҳои таърихи афкори иҷтимоию фарҳангии мардумони ин минтақаро ғанитар намуд».[1]

Ба таҳлили Сарвари давлат, бо кӯшиши пажуҳишгарони тоҷик нашри илмӣ-интиқодии осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш манзури аҳли ҷомеа гардида бошад ҳам, ин ҳама арҷгузорӣ ҳоло кам аст. Дар фарҷоми қисмати «Ситорае дар тирашабҳои Бухоро»-и асари беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Чеҳраҳои мондагор» чунин хулосаи раҳнамунсоз ҷой дорад, ки бар мабно ва дар партави маҳз ҳамин таъкид то имрӯз таҳқиқоти зиёде рӯи кор омаданд: «Бояд рӯзгор ва осори ин алломаи даврон ҳарчи бештар мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, сафҳаҳои norӯшани он ошкор ва манзури ворисони воқеиаш қарор бигирад».[2]

Воқеан, мушоҳида ва таҳлили раванди аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас, дар ин масъала ҳанӯз ҳам норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки асосан дар ду самт ба назар мерасанд: яке дар вобастагӣ ба осори то ҳол интишорёфта ва таҳлилу таҳқиқи он ва дигаре интишору таҳлили минбаъдаи масъала. Ба таври мушаххас камбуд ва норасоиҳоро ба таври зайл метавон зикр кард: на ҳамаи осори ин мутафаккир барои аҳли илм ва хонандаи одӣ маълум мебошад. Ашъори пурра ва воқеии ӯ то ба ҳол ба таври пароканда ва номукаммал дастрас аст; бо вуҷуди саршор аз ҳикояву ривоятҳо ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ будани «Наводир-ул-вақоеъ», услубу усули нақли ин асар то ба ҳол ҳамчун сарчашмаи фолклори тоҷик мавриди таҳлил қарор дода нашудааст; аз назари илми адабиётшиносӣ низ бадеияти осор ва гуфтори Аҳмади Дониш то ба ҳол ба таври васеъ ва комил баррасӣ нашудааст; мақоми Аҳмади Дониш дар шеъри тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври воқеӣ муайян нагардидааст; дар баробари ибрози андешаҳои пешқадам, Аҳмади Дониш фарзанди замони худ буд ва андешаҳои қафомонда низ дошт. Зарур аст, то хонандаи муосир аз ин тарафи масъала низ огоҳ гардад ва хулоса барорад, зеро ҳам андешаҳои пешқадам ва ҳам фикрҳои қафомондаи як шахсият сабабу заминаҳои худро доштанд ва онҳо бояд ошкор гарданд; дар тӯли қариб 130 соли пас аз даргузашти Аҳмад Махдуми Дониш танҳо ду феҳристи осораш омода гардидаанд ва дар муддати зиёда аз 45 соли охир ин ташаббус дигар такрор нашудааст, ҳол он ки дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон қариб тамоми осори илмӣ, таърихӣ ва бадеии мутафаккир рӯи чоп омада, даҳҳо осори таҳлилӣ ва садҳо мақолаи илмӣ, инчунин асарҳои бадеӣ доир ба ин симои тамаддуни миллати тоҷик эҷод ва нашр гардиданд; сифати нашри баъзе аз мақолот ва маҷмуаҳо дар ҷодаи аҳамадидонишшиносӣ ҷавобгӯ ба талабот намебошад; аксари таҳқиқоти марбут ба муҳтавои осори Аҳмади Дониш, ки ба нимаи дуюми асри XX рост меояд, дар чаҳорчӯб ва талаботи тафаккури коммунистӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Мутаассифона, таъсири чунин таҳлил дар баъзе аз осори пажуҳишии даврони муосир низ ба назар мерасад ва он бояд ислоҳ гардад; зарурати ба таври густарда ва васеъ омӯхтани ҳаёт ва муҳтавои осори Аҳмади Дониш, бо дарназардошти махсусиятҳои даврони мутафаккир ва арзиши он барои худшиносии миллии мо тоҷикон боқӣ мемонад. Пешвои миллат пешниҳод мекунанд, ки: «Ба хотири гиромидошти ин чеҳраи мондагори миллату сарзамин, сиёсатмадори дурандешу тавоно, донишманд ва адиби маъруф Аҳмад Махдуми Дониш ҳайкали бошукӯҳи ӯ чун васлгари дилҳо ва тамаддунҳо дар шаҳри Душанбе гузошта шавад, то насли имрӯзу фардо аз шуҷоату ҷасорату кордониаш ҳамвора огоҳ ва бохабар бошанд ва аз он сабақи ватандориву хештаншиносӣ бигиранд».[3]

Хулоса, дар ҷомеаҳои кунунӣ на ҳар роҳбари давлат ба заҳмату хидматҳои бузургони таъриху фарҳангу тамаддуни аҷдодони худ шоиста ва сазовор арҷ мегузораду аз гузашта талаби сабақ гирифтанро мекунад. Пешвои миллати мо дар давоми фаъолияти пурсамари раҳбарии худ борҳо таъкид намудаанд, ки таърих ибратомӯз аст ва ягон халқу миллат бе арҷ гузоштан ба таърихи хеш ба қадри истиқлол ва оини давлатдориаш расида наметавонад.

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 339.
[2] Ҳамон ҷо. С. 339.
[3] Ҳамон ҷо. С. 339.

# ИЛМУ МАОРИФ – ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ПРЕЗИДЕНТ



**Султонмурод ТУРОНОВ – сармутахассиси шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

> ***Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам.***
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Тоҷикон аз ибтидо халқи хираддпарвару маърифатгустар буда, табиатан майлу рағбати қавӣ ва эътиқоди самимӣ ба илму дониш доранд. Устод Рӯдакӣ донишро «андар дил чароғи равшан» ва «бар тан ҷавшан» дониста, таъкид менамояд, ки мабнои фазилати одамиро омӯхтани илм ва маънавиёти баланд ташкил медиҳад. Абушакури Балхӣ, шоири шинохтаи тоҷик, ин маъниро чунин баён кардааст:

***Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,***
***Ба дониш тавон риштану бофтан.***

Маҳз ба шарофат ва баракати илму дониш ҳар инсон дар ҷомеа мавқеи шоистаеро дармеёбад, ба камол мерасад, тозакориҳо мекунад, ба кашфиёти навин комёб мешавад ва ба фатҳи қуллаҳои мурод мушарраф мегардад. Илм қудратафзо ва нишотбахши башарият аст, заминагузори музаффариятҳост. Дар сиёсати хирадбунёду дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарғиби омӯзиши пайвастаи илм мавқеи меҳварӣ дорад. Дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат вобаста ба тақвияти илмомӯзӣ аз тарафи аҳли ҷомеа ҷонибдории самимӣ дарёфтаанд. Ҳамин аст, ки пайвандӣ доштани рушди маорифро ба илм аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми пешрафти ҷомеа муайян карда, танҳо дар соли 2024 ду маротиба бо аҳли илм ва маорифи кишвар мулоқот баргузор намуданд ва дар ин замина мушкилоту дурнамои соҳаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, барои ислоҳи вазъ дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадори донишманду хираддпарвар буда, сиёсати дохилию берунии Тоҷикистонро бомуваффақият пеш мебаранд. Аз ин ҷост, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз файзи Истиқлоли миллӣ ва бо шарофати роҳбарии оқилонаи Пешвои миллат дар як муддати кӯтоҳ рӯ ба тараққӣ ниҳод ва дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мавқеи арзанда ишғол намуд. Тамоми комёбиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маънавию иқтисодие, ки мамлакат дар ин солҳо ба даст овард, бо сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат тавъам аст. Ба туфайли сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз нав эҳё шуд, миллати азиятдидаи тоҷик умри дубора ёфт, таъриху забон, адабу фарҳанги хешро шинохт, расму оин ва суннатҳои аҷдодии худро рӯйи кор овард, соҳиби комилҳуқуқи сарватҳои табиӣ ва маънавии худ гардид. Сарвари давлат дар суханрониҳояш ба он ваҷҳ пайваста аз Истиқлоли миллӣ ёдовар мешаванд, ки мо ба қадри ин



неъмати бебаҳо бирасем, ба он арҷ гузорем ва барои ба истиқлоли комили сиёсию иқтисодӣ ва маънавӣ расидани кишварамон саъй намоем, зеро омили асосии инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи мо маҳз соҳибистиқлолӣ мебошад. Дар ҳама давру замон, новобаста ба сохти давлат, бани башар ҳамеша ба илму маориф ниёзманд будааст ва бузургони ҳама қавму миллатҳо барои боло бурдани ин соҳаи саодатовар кӯшидаанд. Пешвои миллат дар радифи ҳалли масоили таъхирнопазири ҳаёти давлатӣ бо омӯзиши амиқи таҷрибаи ҷаҳонии шаклҳои гуногуни давлатдорӣ, низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ, арзишҳои тамаддуни миллию умумибашарӣ ва муқоисаи онҳо усули хоси давлатдории миллиро ба роҳ монданд. Президенти мамлакат бо дарки ин ҳақиқат, ки ташаккули давлат ва рушди босуботи он бе инкишофи маориф имконнопазир аст, идеяи пешбурд ва рушди маорифро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта, роҳҳои тараққиёти онро барои давлатдорӣ тарҳрезӣ намуданд ва маорифро омили муҳимтарини рушд ва пешрафти давлату миллат номиданд. Ҳар як вохӯрии Сарвари давлат бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷод, ки барпо мегардад, бо пешниҳоду дархостҳои нав ба нав, ки дар боло бурдани рӯҳияи худшиносӣ ва созандагӣ мусоидат мекунанд, натиҷагирӣ мешавад.

Президенти муҳтарам маорифро омили асосии наҷоти миллат номиданд, ки баландтарин баҳо ба аҳли маорифи кишвар мебошад. Ин баҳо, аз як сӯ, омӯзгорон ва умуман, аҳли маорифро руҳбаланд ва ифтихорманд созад, аз дигар сӯ, дар назди онҳо вазифаҳои басо муҳим ва масъулияти бағоят азим мегузорад, онҳоро ба иҷрои корҳои бузурги давлатӣ ҳидоят менамояд. Роҳбари давлат маорифро яке аз рукнҳои асосии истиқлоли миллӣ дониста, ба хидмати бедареғи омӯзгорон арҷ мегузоранд ва аз онҳо даъват ба амал меоранд, ки ба масъалаи таълиму тарбия боз ҳам ҷиддитар машғул шаванд, дониш ва малакаю маҳорати педагогии хешро ҳамвора такмил диҳанд, усулҳои муосиру самарабахши таълим ва тарбияро дар мактабҳо пурсамар татбиқ намоянд, шогирдонро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардонанд. Президенти кишвар дар ҳар як суханрониашон ба ин нуқта ишора мекунанд, ки «мактаби мо бояд дар асоси таҷрибаи ғании суннатҳои миллӣ ва дастовардҳои педагогикаи муосир фаъолият намояд».

Доир ба пешрафти маорифи кишвар Ҳукумати мамлакат қонун, консепсия, стратегияву барномаҳоеро қабул кардааст, ки ба беҳ гардондани низоми маориф ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия нигаронида шудаанд. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбутаи соҳа, ки ба нафъи наврасону ҷавонон буда, ислоҳоти маънавию иҷтимоии кишварро таъмин менамоянд, фазои солими омӯзиши илму донишро барояшон фароҳам меоранд. Дар марҳалаи раванди татбиқи Стратегияи миллии рушд дар роҳи баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ таъмин бо китобҳои дарсиву васоити таълим, компютерҳо ва дигар васоити техникии муосир пешрафти назаррасе ба амал омадааст. Имрӯз аз ҷониби олимону мутахассисон ва омӯзгорони варзида барномаҳои таълим, китобҳои дарсии насли нав таълиф гардида, дастраси хонандагони кишвар мешаванд. Ин китобҳо дар робита ба талаботи замони муосир инъикосгари мақсад ва вазифаҳои муассисаи таълимӣ мебошанд. Бо ибтикор ва талошҳои Президенти ҷумҳурӣ ҷиҳати пешрафти таълиму тарбия пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд, таълимгоҳҳои наву барҳаво бунёд меёбанд, муассисаҳои таълимӣ бо технологияи ҳозиразамон таъмин мегарданд, ҳаҷми маоши омӯзгорон тадриҷан меафзояд. Ҷиҳати омода кардани кӯдакон ба мактаб бо иқдоми бевоситаи Президенти мамлакат марказҳои инкишофи кӯдакон таъсис дода шуда, соли 2019 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1771 Марказ фаъолият мекард. Соли 2023 теъдоди ин марказҳо ба 2381 расонда шуда, дар муқоиса ба соли 2019, 610 марказ зиёд мебошад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат дар заминаи муассисаи таҳсилоти умумӣ намудҳои нави таълимгоҳҳои давлатию ғайридавлатӣ арзи вуҷуд карданд. Давлат барои инкишофи гимназияву

литсейҳо ва мактабҳои хусусӣ шароит муҳайё намуд. Дар ин раванд ҷиҳати танзими фаъолияти муассисаҳои мазкур соли 2009 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ», «Низомномаи литсей дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи гимназия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ шуданд, ки ба рушди муассисаҳои зикршуда заминаи мусоид фароҳам оварда, шумораи мактабҳои намуди нав литсей ва гимназияҳо ба 170 расидааст. Бо дарназардошти пешравии илму техиика, рушди бемайлони муносибатҳои иқтисодию бозаргонӣ, таъмини кафолати иҷтимоӣ дар интихоби озоди касб, шакли машғулият, роҳҳои худамализозии шахсият дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули касбии насли наврас бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ имрӯз дар кишвар 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 88 коллеҷ бо ихтисосҳои гуногун фаъолият доранд, ки бевосита ба касбомӯзӣ ва инкишофи бемайлони сатҳи омодагии маҳорати касбии наврасону ҷавонон мусоидат мекунанд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дастгирии кормандони соҳаи маориф ва илм давра ба давра маоши онҳоро зиёд менамояд. Маблағгузории соҳа сол ба сол зиёд гардида, танҳо дар соли 2024 ба соҳаи маорифи кишвар 8 миллиарду 231 миллиону 867 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст. Ин дар муқоиса бо соли 2001, ки маблағгузории соҳа 13 миллион сомониро ташкил медод 633 баробар зиёд мебошад. Бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ҷиҳати тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз сентябри соли 2025 музди кормандони муассисаҳои томактабию омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба андозаи 30% ва дигар кормандони соҳаи буҷетӣ, инчунин, степендияҳо 20% зиёд карда шуд. Мо, кормандони маориф, бояд ба ин ғамхориҳои беназир ба таври сазовор ҷавоб гӯем, таълиму тарбияи фарзандони халқро ба таври шоиста ба роҳ монем. Омӯзгорони гиромӣ бояд раванди таълиму тарбияро чунон ба роҳ монанд, ки фарзандони миллат дар мактабҳо дониши мукаммалу босифат гиранд, ахлоқи ҳамидаю писандида дошта бошанд, касбу ҳунар омӯзанд, тафаккуру ҷаҳонбиниашонро такмил дода, дар маҷмуъ ҳамчун шахсияти комил ба воя расанд. Танҳо дар он вақт онҳо метавонанд вазифаҳои аз ҷониби давлат ба зиммаашон гузошташударо бо сари баланд иҷро намоянд. Ҳоло дар мамлакат барои инкишоф ва пешрафти соҳаи маориф, амалигардонии ислоҳоти соҳа, коркарду такмили мундариҷаи таҳсилот ва дастгирии омӯзгорон 8 барномаи давлатӣ ва 2 стратегияи дарозмуддат мавриди амал қарор гирифта, 11 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст, ки ин рушди босубот ва устувори соҳаро таъмин менамояд. Бо иқдоми Сарвари давлат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ стипендияҳои гуногун, аз ҷумла, Стипендияи Президентӣ муқаррар шудааст, ки ин аз як сӯ, шавқу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба илму дониш афзун кунад, аз сӯйи дигар, қобилияту истеъдодҳои навро кашф менамояд. Ҳар сол дар доираи созишномаҳои баимзорасида миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои дахлдори кишварҳои хориҷӣ барои таҳсили шаҳрвандони тоҷик дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҷумҳуриҳои Туркия, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Украина, Беларус, Полша, Кипр, Канада, Чехия, Олмон, давлатҳои Малайзия, Япония, Италия, Кореяи Ҷанубӣ ва ИМА шумораи муайяни бурсияҳои таҳсил ҷудо карда мешаванд. Айни ҳол, тавассути бурсияҳои зикршуда зиёда аз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати пешрафтаи ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки беш аз 30%-и онҳоро духтарон ташкил медиҳанд. Бо ташаббусу ибтикори хирадмандонаву ватанпарастонаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи Истиқлоли давлатӣ ҷашнҳои давлатию миллӣ ва бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат таҷлил гардиданд. Ҳадафи Сарвари давлат аз ин лиҳоз, аз як ҷониб, шинохти таърихии миллат ва омӯзиши ҳикмату адаби ниёкон, нишон додани мақому манзалати миллати тоҷик дар офариниши тамаддуни умумибашарӣ ба ҷаҳониён бошад, аз ҷониби дигар, ба насли ҷавон омӯзонидани таъриху фарҳанги пурғановати халқи тоҷик ва ҳифзи осори фарҳангию таърихии кишвар аз тарафи онҳо аст.

Роҳбари давлат насли ҷавонро таъкид месозанд, ки бештар ба омӯхтани илму дониш ва шуғлҳои замони муосир таваҷҷуҳ намуда, дар донистани таъриху фарҳанги миллати тоҷик ва ҳифзи марзу бум, арзишҳои миллӣ ва ободу зебо намудани Тоҷикистони азиз аз рӯйи садоқат ба Ватан ҷаҳду талош намоянд. Дар сиёсати хирадбунёду дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиби

омӯзиши пайвастаи илм мавқеи меҳварӣ дорад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (аз 26.12.2019) Пешвои миллат бо ҳадафи таҳкими омӯзиши илмҳои дақиқ ташаббуси наҷиб нишон дода, солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда буданд. Ин ташаббуси хирадмандона ба руҳияи замон равнақи тоза бахшид ва омӯзиши илм дар байни аҳли ҷомеа, ба вижа, ҷавонон равнақ ёфт. Дар Паём ба Маҷлиси Олӣ (аз 26.01.2021) Президенти ҷумҳурӣ боз як иқдоми наҷиб нишон дода, дастур доданд, ки минбаъд дар мамлакат озмуни «Илм-фурӯғи маърифат» ҳамасола баргузор карда шавад. Сарвари кишвар ҳадаф аз ин озмунро «боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон. олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон» тавсиф бахшиданд.

Тоҷикистон ва фардои шукуфон онро наметавон бидуни рушд бахшидани технологияҳои навин ва таҳкими фанҳои дақиқ тасаввур намуд. Ин масъалаи муҳим ба иқтидору тавонмандии давлат, амнияти миллат ва такмили батадриҷи некуаҳволии аҳли ҷомеа низ ҳамбастагӣ дорад. Вобаста ба ин нукоти зикршуда озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» аҳамияти боз ҳам барҷастатаре пайдо карда, ин озмун марҳилаи тозаеро дар кишвари мо дар ҷодаи омӯзишу арҷгузории илм боз кардааст. Илм, ба таъкиди ниёкони барӯмандамон, «қуфлкушои ҳама дарҳост» ва он калиди дари саодатмандиҳоро ба дасти одамон медиҳаду комёбиҳояшонро замина мегузорад. Дастуру супориш ва таъкидҳои Сарвари давлат дар роҳи азхуд намудани осори ниёкон ва саҳми онҳо дар рушди илмҳо нақши роҳнамову ҳидоятгар дошта, насли ҷавонро ба илмомӯзиву илмдӯстӣ водор менамояд. Вобаста ба ин, бо дастури Пешвои миллат, аз ҷониби вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбута таҳия ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод кардани «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» аз иқдоми Роҳбарияти олии мамлакат дар ҷодаи илм ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ мебошад.

Масъалаи дигаре, ки Президенти мамлакат дар Паёми худ (аз 28.12.2024) ба Маҷлиси Олӣ дахл карданд, ин «таҷдиди назар кардани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълим, ворид намудани воҳидҳои нави кории омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон» мебошад. Такмилу таҳрири стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълим, ба омӯзиши ҳаматарафа барои бо дониш муҷаҳҳаз шудани хонандагон мусоидат карда, рушди ҷаҳони фикриву андешаи онро таъмин менамояд. Зеро ҳақиқати илмӣ зимни таҷриба дар ҳаёти инсон собит мегардад. Меҳвари гузоришу суханрониҳои Сарвари давлатро мафҳуми Ватан, ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ ташкил медиҳад. Мафҳуми ватандӯстӣ маънои фарох дошта, паҳлуҳои зиёд, аз ҷумла, эҳтироми таърих, расму оинҳо, суннатҳои миллӣ, табиат, илму дониш, фарҳанг, ифтихор аз номи пешиниён ва хизмат ба халқу миллатро фаро мегирад. Сарвари давлат ба забони тоҷикӣ ҳамчун бақои миллат арҷ гузошта, таъкид менамоянд: «Бақои тоҷик забони тоҷик аст, яъне, забони ноби тоҷикӣ. Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро ҳифз мекунад. Фарҳанги беназиру оламшумули тоҷикон ва адабиёти пурғановати зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикон, ки қалбҳои аҳли назар ва фаҳму фаросати ҷаҳонро тасхир кардааст, маҳз бо ҳамин забон, яъне забони тоҷикӣ навишта ва эҷод шудаанд».

Мусаллам аст, ки равандҳои ҷаҳони муосир, ҳодисаҳои табиат, пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, характер (маниш) ва арзишҳои миллии ҳар як халқу миллат ба воситаи илм омӯхта шуда, амнияти ҳар як давлат, новобаста аз мавқеъ ва минтақа, бо омӯзиши ҷанбаҳои фарогири ҳама намуди илм ва шинохти илмӣ таъмин мегардад. Танҳо дар ҳолати соҳиб будан ба донишҳои илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва таърихӣ метавон амнияти миллӣ ва рушди давлатро таъмин кард.

Ҳамин тавр, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илм ва маорифро дар сиёсати худ дар ҷойи аввал гузошта, барои рушду вусъатёбии ин соҳаҳои калидии давлатдорӣ пайваста ғамхорию раҳнамоӣ мекунанд.

# ХАТАРҲОИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ



**Абдусаттор ОДИНАЕВ – мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатикаи ДҶТИБКСМ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент**

**Дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ҳифзи сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ ба шумор меравад. Тибқи Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардидааст. Аз ин рӯ, рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, суботи ҷомеа ва дар маҷмуъ, рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии Ҳукумати кишвар махсуб меёбанд. Мутаассифона, дар радифи имконот ва шароитҳои дар амал татбиқ намудани стратегияҳои мазкур, инчунин, як қатор омил ва хафву хатарҳое арзи ҳастӣ менамоянд, ки ба амнияти миллии кишвар ва ба сохтори конститутсионии давлат таҳдиди воқеӣ ба шумор меравaнд.**

Яке аз чунин хавфу хатарҳо мавҷудияти терроризм ва экстремизм мебошад. Пайдоиши терроризм ва экстремизм барои инсоният ҳамчун як фоҷеаи мудҳиш арзёбӣ гардида, муноқишаҳову даргириҳои зиёдеро ба бор меорад ва аз замонҳои қадим то ба имрӯз барои кишварҳои тинҷу ором яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити кунунӣ, дар баробари шаклҳои гуногуни экстремизм (ифротгароӣ), маҳз ифротгароии динӣ басо рушд намуда, гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ ва манфиатҷӯёни геополитикӣ барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии худ бештар ба ҳамин шакли ифротгароӣ такя намуда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯянд, ки «тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд»[1].




Айни ҳол, пайдоиш ва мавҷудияти терроризм ва экстремизм қариб дар ҳамаи кишварҳо ба назар мерасад. Аммо дар кишварҳои пасошуравӣ он хусусиятҳои хоси худро дорад. Ифротгароии динию сиёсӣ ҳанӯз дар замони Шуравӣ ҳамчун воситаи мубориза сиёсию идеологӣ ба муқобили Ҳукумати Шуравӣ пайдо гардида буд. Аммо баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ифротгароии динию сиёсӣ ба омили ноустуворкунандаи ҷомеа табдил ёфт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери таъсири ифротгароии динию сиёсӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқуъ омад. Баъди ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо вуҷуди он ки ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфта бошад ҳам, мутаассифона, зуҳуроти

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021. – Душанбе: «Шарқи озод», 2021. – С. 47.

ифротгароии динию сиёсӣ на танҳо аз байн нарафт, балки мавҷудияти худро дар шароити навини давлатдорӣ низ нигоҳ дошт.

Бо дарназардошти чунин вазъият Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «вазъи имрӯзаи ҷаҳон ва минтақа моро водор месозад, ки ба масъалаи таъминоти Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар беш аз ҳар вақти дигар таваҷҷуҳи ҷиддӣ диҳем.

Зеро вазифаи аз ҳама муҳим – ҳимояи марзу буми давлат, таъмини амнияти давлату миллат ва ҳифзи суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва бартараф кардани ҳама гуна таҳдиду хатарҳои берунӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ ба зиммаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор гардидааст»[1].

Имрӯз дар олам ба ҳайси динҳои ҷаҳонӣ – дини ислом, дини масеҳӣ ва дини буддоӣ шинохта шудаанд. Дар таърихи пайдоиш ва рушди динҳои ҷаҳонӣ ҳолатҳои хусусияти ифротгароӣ касб намудани баъзе ҷараёну шохаҳои онҳо кам нестанд ва таърихи инсоният шоҳиди муноқишаҳои зиёде дар ин замина гардидааст.

Аммо, шуруъ аз охирҳои асри XX то имрӯз дар дохили пайравони дини ислом, ки зиёда аз 1,7 миллиард мусулмонро дар бар мегирад, ифротгароии динӣ ба таври назаррас авҷ гирифта, дар ояндаи наздик пешбинӣ намудани роҳҳои пешгирии онро барои тамоми олимону коршиносон мушкил гардонидааст. Яке аз олимони машҳури ҷаҳон С. Хантингтон дар китоби «Бархӯрди тамаддунҳо» оид ба дини ислом қайд намудааст, ки «сарҳадҳои олами ислом дар ҳар ҷо ва ҳар тараф бо хун оғушта аст»[2].

Ҳарчанд хоҳем, ки аз ин ҳақиқати талх гурезем, вале аксари нуқтаҳои даргири ҷаҳон ба олами ислом рост меояд. Ба таъкиди Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Мо борҳо эълон намудаем, ки Тоҷикистон дар арсаи мубориза бар зидди терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромилӣ шарики табии давлатҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мебошад»[3].

Аз ибтидои соли 2000-ум сар карда, бо қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат фаъолияти як қатор ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва террористӣ мамнуъ эълон гардида, пайравӣ ва ҷонибдорӣ кардани онҳо ҷиноят махсуб меёбад. Ҳанӯз соли 1999 дар кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»[4] ва соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)»[5] ва тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717, Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) аз 28 марти соли 2006[6] қабул гардида буд. Аммо дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда, махсусан, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таҳдиду хатари ифротгароии динию сиёсӣ зиёд гардида истодааст. Технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои интернетӣ ба ифротгароён ва тундгароён имконият додааст, ки онҳо бе ягон мушкилӣ ғояҳои ифротии худро дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа таблиғ намоянд ва афкори ҷамъиятиро бо андешаҳои тундгароӣ заҳролуд созанд.

Тавре Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат соли 2019 таъкид намуданд: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобатҳои геополитикӣ, авҷгирии зуҳуроти хатарноки ифротгароиву терроризм ва дигар мушкилоти глобалӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи афкори фалсафию ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ талаби замон буда, омӯзиши фарҳанги моддиву ғайримоддии миллат бояд

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021. – Душанбе: «Шарқи озод», 2021. – С . 47.

[2] Хангтинтон С. Столкновение цивилизаций. – Москва, Полис – 1994 г. № 1. – С . 40.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”аз 26.01. 2021. – Душанбе: “Шарқи озод”, 2021. – С . 47.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999. - № 11.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020. - № 1655. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - № 3. – С. 118.

[6] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифродгароӣ) аз 28 марти соли 2006, №1717 – Низоми дастрасӣ:http://www.adlia.tj/. (Санаи мурочиат 10. 08.202).

самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ бошад. Бояд гуфт, ки хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ яке аз хатарҳои ба оянда босуботи мардуми мо таҳдидкунанда мебошад»[1].

Бо номи дини мубини ислом анҷом додани амалҳои террористиву ифротгароӣ имрӯз ба як зуҳуроти бисёр нангин ва ташвишовар мубаддал гардидааст. Имрӯз шабакаи интернет, мутаассифона, аз ҷониби гурӯҳҳои террористиву ифротгаро бо мақсади таблиғи ғояҳои экстремистӣ, ба сафи худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ кардани онҳо ба аъмоли харобкорона ба таври густурда истифода мешавад. Онҳое, ки исломро ба василаи мубориза барои қудрат табдил медиҳанд ва даъвои ҳукумати бо ном исломӣ доранд, бехабаранд, ки дар ин роҳ имон, эътиқод ва виҷдонашонро бо ғаразҳои нопок омехта, манбаи тарбияи инсони комилро аз даст медиҳанд. Ҳол он ки даҳҳо ояту ҳадисҳое ҳастанд, ки ҳаққоният ва бартарии адлро аз ибодат таъкид дошта, одил буданро сифати аслии мусулмонӣ медонанд.

Ҳатто агар ба сарчашмаҳои аслӣ ва сабабҳои ҷангҳои ҷаҳонӣ, ки боиси марги миллионҳо нафар одамон гардидаанд, таваҷҷуҳ намоем, боз ҳам равшан мегардад, ки маҳз ба ифрот роҳ додан дар фаҳмишҳои мухталифи сиёсӣ, диниву мазҳабӣ, мабоҳисаҳои иҷтимоӣ ва амсоли инҳо омили ин руйдодҳои таърихӣ гардидаву зимнан, ба қатлу куштори инсонҳои зиёде боис гардидааст.

Ҳарчанд ҷараён ва гурӯҳҳои ифротгароёнае, ки аслан ба моҳият ва асолати дини мубини ислом иртиботе надоранд, бо нишон додани чунин амалкардаҳои аз ҳадди инсонгароӣ ва адолат берун ва муаррифии худ бо номи ҷараёнҳои динии ба фарҳанги исломӣ такякунанда даст ба рафтори ғайриқобили ахлоқи инсонӣ, қатлу куштор зада, асос барои нуфузи экстремизми динӣ ё радикализми динӣ дар ҳама гуна ҷомеа, аз ҷумла, замони муосир гардиданд.

Тавре Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо аҳли ҷомеаи кишвар таъкид карданд, «Моро ҳам доираҳои муайяни манфиатдор дар вақташ бо сӯйистифодаи дину эътиқод ва бо мақсади бунёди давлати исломӣ гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ карда буданд. Мардуми тоҷик он рӯзҳои даҳшатборро ҳаргиз фаромӯш намекунад. Бадхоҳони миллати мо ҳанӯз ҳам бо дасти гумоштагону зархаридонашон, яъне, хоинони миллат, ки дар хориҷа қарор доранд, бар зидди давлатамон мубориза мебаранд. Зархаридону хоинони миллат, ки имону мазҳаби худро фурӯхтаанд ва тавассути расонаҳои хабарии ташкилкардаи хоҷагони хориҷии солҳои навадумашон бар зидди мардум ва таъриху фарҳанги халқи бостонии худ туҳматҳо мебофанд, бехабаранд, ки теша ба решаи хеш мезананд. Мардуми тоҷик инро бояд донад. Маҳз барои ҳамин мо бояд ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва ҳамеша ҳушёр бошем».

Афзун бар ин, таъсири номатлуби ифротгароии динӣ ё зиёдаравӣ дар таассуби мазҳабӣ боиси зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои террористӣ ва экстремистӣ дар саросари олам мегарданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони чеҳраҳои бузурги арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва ташаббускори барномаҳои мусоид бар ҳаллу фасли муаммоҳои сайёра борҳо аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи олам ба ин масъала руҷуъ намуда, мақоми Тоҷикистонро дар ҷодаи ҳаллу фасли ин мушкилоти аср баён доштанд. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд 4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе чунин як конфронси сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» бо иштироки доираи васеи коршиносон, олимону сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ доир гардид. Дар ин ҳамоиш ба фаъолияти хоса ва ташаббусҳои наҷиби Пешвои миллат дар ҳаллу фасли муҳимтарин муаммоҳои сайёра, аз ҷумла, пешгирии терроризм ва экстремизм аз ҷониби сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ баҳои баланд дода шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қишри аз ҳама зиёди осебпазир ҷавонон мебошанд. Маълум аст, ки тӯли солҳои зиёд қисме аз ҷавонони мамлакат барои кору фаъолият ба Федератсияи Россия ба муҳоҷират мераванд ва айни замон, таблиғи андешаҳои ифротӣ дар миёни муҳоҷирони тоҷик хеле хатарзо гардидааст. Гузашта аз ин, дар дохили мамлакат низ ҳизбу ҳаракатҳои ифротию тундгаро ҷонибдорони худро доранд, ки чунин ҳолат барои суботи сиёсии мамлакат хатари бузург эҷод мекунад.

Имрӯз дар шароити нави таърихӣ ҷуғрофиёи терроризм ва экстремизм боз ҳам васеъ гардида, ин раванди хатарзо давлатҳои зиёди ҷаҳонро фаро гирифтааст.

Бо дарназардошти чунин вазъият, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ифротгароии динию сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ба шумор рафта, муайян намудани сабабҳои пайдоиши он ва ба таври дуруст ба роҳ мондани мубориза бо ин падидаи номатлуб ва хатарзо амри воқеӣ ба шумор меравад.

---

[1] Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18.03.2020. – Душанбе: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 39 с.

# ВИҶДОН – АСОСИ РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶАМЪИЯТ

**(Таҳлили аксиологӣ)**

**Абдусалом АБДУЛЛОЕВ – муовини сардори мактаби олии КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки инсоният аз оғози асри XX то ба имрӯз бо ихтироот ва тараққиёти технологӣ шароити зиндагиашро дар тамоми самтҳо рӯз ба рӯз беҳтар менамояд. Меҳнатҳои пурмашаққати ҷисмонии одамон аз байн рафта, онро пурра дастгоҳҳои компютерӣ ва роботҳои ҳушманд иҷро карда истодаанд. Тавассути технологияи компютерӣ ва имконоти интернетӣ муносибати одамон наздик шуда, ин ба он мусоидат мекунад, ки бо якдигар аз тамоми гӯшаҳои олам дар робита бошанд ва дилхоҳ маводро ба ҳам ирсол ва ё табодул намоянд.**

Ҳарчанд рушди ин соҳа ҷанбаҳои зиёди мусбат дошта, меҳнати инсонро хеле осон намудааст, вале дар баробари ин, ҷанбаҳои манфии ин тараққиёт низ рӯз то рӯз ба мушоҳида мерасад. Ба рушди илмҳои техникӣ бештар рӯй оварда, таваҷҷуҳ ба илмҳои гуманитарӣ камтар, эҳсосоти мусбати байниинсонӣ, ба монанди муҳаббат, самимият, шарм, виҷдон ва умуман арзишу меъёрҳои тӯли асрҳо побарҷобудаи ахлоқӣ, ки асоси меъёрҳои «инсон будан» ҳастанд, коста, даъвати «бо чароғ гирди шаҳр гаштану инсон ҷустан»-и Мавлонои Балхӣ ҳолати воқеии ҳаёт шудааст. Бетаваҷҷуҳӣ ба арзишҳои фарҳангӣ-фалсафӣ боиси аз ҳам дур шудани наслҳои башар гардида, таҳти таъсири робот ва зеҳни сунъии ихтироъкардааш, инсонҳо ба мавҷуди бемуҳаббат ва ғайрисамимӣ табдил шуда, меъёрҳои ҳатмии муносибатҳои байниинсониро сарфи назар ё тамоман фаромӯш карда истодаанд.

Мантиқист, ки таваҷҷуҳ ва омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ ҳамон вақт барои мо зарур ва ногузир мегардад, ки дар ҷомеа буҳрони маънавӣ ба костагиҳои ахлоқӣ мерасонад. Бадшавии ҳолати руҳӣ-равонӣ ва ба самти манфӣ дигар шудани муносибатҳои байни одамон афзуда, ҷойи виҷдону шарм ва муҳаббату дилсӯзиро ҳамдигарбадбиниву нифоқ, хурофоту ҷаҳолат, ҷангу хунрезӣ, терроризму экстремизм, амалҳои коррупсионӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, фиребу бадкориҳои дигар гирифтаанд. Вазъияти буҳронии мазкур боиси ташвиши қишри рӯшанфикр гардида, тақозои ҷалб намудани ҷомеа ба арзишҳои инсонӣ, махсусан, арзишҳои ахлоқиро ба мадди назар мебарорад ва муҳимму мубрам месозад.



Тавре ишора гардид, бар асари тараққиёти техникӣ, маънои зиндагӣ, тарзи ҷаҳонқабулкунӣ, сурати олам ва арзишу меъёрҳои равонӣ-ақлӣ тағйири маъно карда истодаанд. Тағйироти буҳронӣ ва беқурбшавии ахлоқро метавон дар шакли қашшоқии ахлоқӣ ва расмишавии бадахлоқӣ дар ҷомеа, афзалият пайдо кардани ҳирсу чизпарастӣ, вобастагӣ аз арзишҳои моддӣ (шопоголизм), эгоизм, фардгароӣ ё озодии фардӣ, рад кардани арзишҳои устувори эътирофшуда, сустшавии асосҳои анъанавии ахлоқи хонаводагӣ, таблиғи хиёнати хонаводагӣ, болоравии пархошгарӣ ё таҷовузи наврасон нисбат ба калонсолон, ба инобат нагирифтан ё рад кардани урфу одатҳои ахлоқӣ, робитаи наслҳо ва ғайра мушоҳида кард [5, 3].

Дар баробари ин, акнун дин (махсусан, ислом) аз рисолати худ, ки асосан тарбияи ахлоқии инсонро ба уҳда дошт, маҳрум шуда истода, ба асбоб ё олоти сиёсӣ мубаддал гардида, ҳамакнун

таълимоти динӣ (қариб дар тамоми шаклҳо) нақши ғоявӣ ё идеологии ташкилотҳои муайяни сиёсӣ ва террористиро бозида истодааст. Ҳар кадоме аз масъалаҳои қайдшуда, метавонад дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, масъалаҳои асосии буҳрони ахлоқии мавҷуда, маҳз ҳаминҳо ҳастанд. Мушкилоти иҷтимоии мазкур ҳамеша бо қолабшиканиҳо, ба таври амиқу ошкоро вайроншавии мазмуни арзишу меъёрҳои ахлоқӣ, махсусан, аз даст додани эҳсоси виҷдондорӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, ба ақидаи мо яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳим, ки метавонад барои ислоҳи вазъ дар ҷомеа нақши ҳалкунанда дошта бошад, ҳарчи бештар ташвиқу тафсир ва шиносоии ҷомеа ба масъалаи виҷдон ва арзишҳои ахлоқии он мебошад. Зеро аз дарозои таърих маълум аст, ки тавассути риояи талаботи виҷдон, шарҳу вазъи он, одамон ба худназораткунӣ, худдорӣ аз амалҳои бад ва ботинан водор кардани худ ба амалҳои нек ва хубӣ машғул гардидаанд. Таъсири ботинии виҷдон то ҳадде зиёд аст, ки мутафаккирони сатҳи ҷаҳониро дар ҳайрат гузоштааст.

Бо вуҷуди муҳиммият доштан, ба масъалаи «виҷдон» мутафаккирони тоҷик вақтҳои охир камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ҳоле ки дигарон ба ин масъала диққат намуда, онро то ҳадди илми алоҳида – «Совестология» (ё «Виҷдоншиносӣ») расонда истодаанд [3, 120].

Ба назари мо, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа, алалхусус файласуфону сиёсатшиносон, равоншиносону ҳуқуқшиносон ба таҳқиқ ва таблиғи масъалаи виҷдон ҷиҳати тарбияи насли ҷавон ва ислоҳи буҳрони ахлоқӣ дар ҷомеа мусоидат ва таъсиррасон хоҳад буд. Омӯзиш нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи «виҷдон» ҳамчун категорияи махсуси ахлоқӣ ва воситаи пуртаъсиртарини ботинии инсон, маротибаи аввал дар фарҳанг ва дини қадими тоҷикон – зардуштия мушаххасан ба маънӣ, мафҳум ва мазмуни имрӯза вомехӯрад. Вобаста ба қадимӣ будани оини зардуштия ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари пурарзишашон «Чеҳраҳои мондагор» таъкид мекунанд, ки «Дини зардуштӣ нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми руknҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст» [6, 70].

Мафҳуми «виҷдон» чун мафҳуми ахлоқӣ ва арзиши олӣ дар таълимоти ахлоқии ниёгонамон мақом ва мартабаи вижа дошта, аҳаммияташро то ба ҳол аз даст надодааст. Таълимоти зардуштия, ки бар нуҳ асос поягузорӣ шудааст, дар баробари эътиқод ба Аҳуромаздову Зардушт ва бовар ба олами руҳониву қувваҳои некиву бадӣ, эътиқод ба ҷавҳари инсонӣ – ба виҷдон (даэна – решаи калимаи дин, виҷдон ва имон) ва храту (хирад) ба таври махсус ва дар ҳақиқат муъҷизавӣ таъкид кардааст. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки дар асри XVII мутафаккири ҷаҳонӣ Иммануил Кант «Ду чиз дар олам руҳи маро аз ҳайбати муқаддас пур мекунад: осмони пурситора дар болои сар ва қонуни ахлоқ (виҷдон – А.А.А.) дар ботини мо» мегӯяд, тақрибан 2500 сол пештар дар ин шакл одӣ ва фаҳмо ҳамчун «отифаи худовандӣ дар ботини инсон… ва неруи худовандии фанонопазир, ки Офаридгор дар ботини инсон ба ин манзур ҷо кардааст, ки ҳамеша ӯро аз некию бадии аъмолаш огоҳ созад» гуфтани Зардушт муъҷизавӣ аст [6, 73].

Мувофиқи таълимоти зардуштия, эҳсоси виҷдон дар ҳар як фарди башар мавҷуд буда, дар миёни қувваҳои ботинӣ, ки ба он ишора кардем, муҳимтарину шарифтарин ба шумор меравад. Дар ҳоти 46-и «Ясно» чунин омада: «Ай Аҳура, аз ҳамон ҳангоме ки ту даенаи азалиро биёфаридӣ, касе, ки дӯстдори дурӯғ аст, ба дурӯғ пайваст шавад ва касе, ки хостори ростӣ аст, ба ростӣ рӯйи иродат оварад». Чун дар тӯли зиндагӣ интихоби рост ё дурӯғ вобаста ба виҷдон ва гирифтани тасмим вобаста ба равон (рух) аст, ногузир дар рӯзи охират низ, чунон ки дар ҳоти 31-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 20 ва ҳоти 49-и «Ясно», банди 9 ишора шудааст, даена ё виҷдон ба ҳамроҳии равон (рух) амал карда, дар таъйини биҳишту дӯзах ва дар бахшидани подоши неку сазои зишт муносибати бевосита хоҳад дошт [6, 74].

Қайд кардан зарур аст, ки ҳарчанд масъалаи виҷдон дар зардуштия ба таври возеҳ ва амиқ шинохта шуда, таъсири он ба руҳияи инсон нишон дода шудааст, вале ин шинохт аксаран хусусияти динӣ дошта, хулоса мегардад, ки вобаста ба пиндору рафтору кирдораш баъди марг инсонро ба биҳишт ё дӯзах ворид мекунад. Дар фалсафаву ҷаҳонбинии Юнони Қадим истилоҳи «виҷдон» (συνείδησις – совесть, сознание) то зуҳури стоикҳо (асри III то милод) мавҷуд набуд. Виҷдон саравval ба маънии «шарм» фаҳмида шуда, тибқи нақлҳои асотирӣ, Худои худоҳо – Зевс барои наҷот додани инсон аз ҷомеаи ҳайвонӣ, Худои Гермесро мефиристад, то шарм ва

ҳақиқатро дар вуҷуди одамон ворид ва паҳн кунад. Гермес ба Зевс дар бораи ба ҳама инсоният баробар ё гуногун паҳн кардани шарм мепурсад. Зевс ҷавоб медиҳад, ки ҳама инсоният бояд эҳсоси шарм дошта бошанд ва дастур медиҳад, ки «Аз ман қонун бисоз, то ҳар касе, ки аз шарму ҳақиқат даст кашад, ҳамчун вабо (бадӣ – А.А.А.) дар ҷомеа кушта шавад» [8].

Юнониҳои қадим таъкид мекарданд, ки тарс аз марги ҷисмонӣ эҳсоси шармро нест мекунад. Аз даст додани эҳсоси шарм, аз даст додани шараф аст ва ин аллакай марги ахлоқӣ ба ҳисоб мерафт ва бошарафона мурдан талқин мегардид. Ин гуна тасаввури арзишӣ дар фарҳанги тоҷикон низ ҳамеша мавҷуд буда, нафароне, ки масали «номард бош, вале зинда»-ро ба худ шиор доштанд, ҳамеша аз ҷониби мардони бошараф ва ҷанговарон мавриди масхара қарор гирифтаанд. Ҳарчанд мафҳуми «шарм» то дараҷае ба мафҳуми «виҷдон» наздикӣ дошта, айни замон низ қисмате аз муҳаққиқон ин мафҳумҳоро ҳаммаъно ва муродиф дониста «виҷдонро танҳо дараҷаи инкишофи шарм» [13] мегӯянд, вале ба фикри мо, эҳсоси шарм дар муқоиса бо эҳсоси виҷдон камтаъсир аст.

Демокрит ҳарчанд мафҳуми «шарм»-ро шарҳ медиҳад, вале ба мафҳуми «виҷдон» наздик мешавад. «Инсоне, ки амали шармовар мекунад, пеш аз ҳама, бояд аз худ шарм кунад» [8] қайд мекунад – ӯ. Ин ақида баъдан аз ҷониби стоикҳо инкишоф дода мешавад.

Тибқи навиштаҳои Афлотун, Суқрот мафҳуми «даймоний – демон»-ро ба маънии «садои Худо, овози ботин, ки ҳангоми иҷрои амалҳо аз худ дарак медиҳад» истифода бурдааст, ки ба «даена»-и зардуштия аз ҷиҳати шакл ва мазмун хеле наздикӣ дошта, нишонаи таъсирпазирӣ аз фалсафаи зардуштия мебошад [10].

Истилоҳи юнонии «συνείδησις» (лотинӣ – conscientia, русӣ – совесть, тоҷикӣ – виҷдон)-ро бори аввал дар Юнони Қадим стоикҳо истифода бурданд [9]. Пайрави таълимоти стоикӣ – Сенека мушаххасан «покии виҷдон»-ро ҳамчун сарчашмаи худкифоӣ ва ҷазо барои амалҳои нохуби содиркарда, инчунин, муҳиммияти он таъкид мекунад.

Арасту дар заминаи таҳлили мафҳуми шуҷоат, виҷдонро бо амали бохирадона вобаста медонад ва ҳамчун мутафаккири таъсисдиҳандаи ситемаи нави донишҳо, ба масъалаи «виҷдон» ба таври хос дахл намуда, андешаҳои ҷолиберо ироа намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки омили асосии ташаккули инсон, ин «асоси асосҳо – руҳи бохирад» мебошад. Руҳи бохирад, ин руҳи накукору бофазилат, дорои ҳуш, ақлу зеҳн ва фаъол аст. Танҳо руҳи бохиради ҳушманд метавонад, фазилату накуиро омӯзад. Виҷдон яке аз фазилатҳои руҳи инсон буда, бояд тарбият ва парвариш ёбад. Руҳи инсон ҳамчун барандаи фазилату накукорӣ имконияти аз худ кардани донишҳо дар бораи хайр, ҳақиқат ва адолатро дорад. Барои далеру ҷасур, боадолат ва бовиҷдон будан, бояд донист, ки дар кадом соҳаи илм ва фаъолият онҳо дохил мешаванд, бояд донист, ки онҳо сифатҳои инсон ва ҷамъият маҳсуб меёбанд. Бофазилат ва накукор будан, маънои бовиҷдон буданро дорад. Накукорӣ ҳамчун раванде баррасӣ мешавад, ки онро шахс дар мавҷудияти худ тасдиқ мекунад. Фазилати виҷдон тарбияи руҳониро дар назар дорад, ки ба гуфтаи Арасту, бе руҳи оқил наметавонад онро анҷом диҳад. Руҳе, ки аз ақл илҳом гирифтааст, ҳадафи зиндагӣ аз рӯйи виҷдонро мегузорад, қувваи ҳаётан муҳим мегардад. Руҳи оқил чизи ҷудонашаванда аст, ки дар худ фазилатҳои зиёдеро фаро мегирад ва ба шахс имкон медиҳад, ки мавҷудияти иҷтимоӣ бошад. Фазилату накукорӣ ҳамчун сифати рух бо хайру накуии инсон алоқамандӣ дошта, он ченаки амалҳои ахлоқӣ мебошад. Хайр, аз нигоҳи Арасту, он чизе аст, ки ба дастурҳои худовандӣ мувофиқат мекунад. Танҳо хиради худовандӣ бехато, боадолат ва фарогир аст, бинобар ин, бовиҷдон аст. Руҳи бохирад бе виҷдони накукор наметавонад ҳувайдо гардад. Виҷдони бофазилат руҳро фаъол мегардонад ва он бо хирад алоқаи наздик дорад. (Боиси қайд аст, ки ин тарзи баён дар зардуштия мушаххасан ва бо ҳамин тартиб таъкид гардидааст – А.А.А.).

Тарбияи накукорӣ ва фазилат дастоварди камолот дар ҳама намуди фаъолияти инсон аст. Метавон гуфт, ки виҷдон фазилати мусаллаҳ бо донишҳо ва дар асоси мутобиқат бо ин донишҳо амалкунанда мебошад. Инсони бофазилат, яъне, касе аст, ки тарбияи зарурӣ дошта, аз рӯйи талаботи виҷдон зиндагӣ ва фаъолият мекунад, зеро ӯро дониш ва руҳи бохирадаш роҳнамо аст. Шакли зуҳури виҷдон дониш ва тафаккуре, ки бо худшиносӣ ва фаъолияти инсон алоқамандӣ дорад, мебошад. Омили муҳимми тарбияи виҷдон давлат ба ҳисоб меравад. Давлат ба шаҳрвандон фазилату накуии амалҳоеро мехоҳад, ки бе доштани онҳо ба ҳолати хайру бақо расидан ғайриимкон аст. Ҳаёт дар давлат ҷавҳари иҷтимоӣ-табиии инсон маҳсуб меёбад [2]. Ҳамин тавр, Арасту хулоса мекунад, ки виҷдон қазовати инсони нек ва бофазилат аст. Вале барои бедор кардани виҷдони нафарони бадкирдор, истифодаи қувва, яъне, дар рӯяш бо мушт заданро низ тавсия додааст.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи виҷдон, дар фарҳанги исломӣ низ ба таври фаъол вомехӯрад. Худи калимаи «дин», ки гӯё калимаи арабӣ аст, аз ҷиҳати шаклу мазмун, иқтибосшуда аз калимаи «даена»-и зардуштия аст. Муносибат ба виҷдон дар ислом бештар хусусияти эътиқодӣ дошта, дар он ҷанбаҳои илмиву фалсафӣ камтар дида мешавад. Дар фарҳанг ва ахлоқи эътиқодӣ «виҷдон» ва «имон» ба як маъно истифода гардида, диндорӣ ё эътиқод ба Худоро ифода менамояд. Шарҳи «виҷдон»-ро аз рӯйи ҳадисе аз пайғамбари ислом метавон хулоса кард: марде ба назди ӯ омад ва гуфт, ки суоле дорад ва мепурсад, ки тақво ва гуноҳро барояш шарҳ диҳад. Пайғамбар се ангушти худро ҷамъ карда, ба синаи он мард ишора карда мегӯяд: Эй мард, бо дилат маслиҳат кун (мазмунан нақл гардид – А.А.А.). Яъне, Худо шинохти неку бадро ба сурати як илҳом ба қалби ҳар башаре ворид кардааст, ки он виҷдон ва ё имон аст. Муҳаққиқони исломӣ ба категорияи асосии ахлоқӣ будани виҷдон ишора намуда, қайд мекунанд, ки амалҳое ахлоқианд, ки аз виҷдон илҳом гирифта бошанд. Орифи мутафаккир Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) дар ин маврид қайд мекунад, ки виҷдон дар ботини ҳар нафар мавҷуд буда, ҳарчанд диданашаванда аст, вале вобаста ба ҳар амал хеле равшан худро зоҳир мекунад: «Сироҷиддин гуфт, ки масъалае гуфтам, андаруни ман дард кард. Фармуд он муваккилест, ки намегузорад, ки онро бигӯйӣ. Агарчи он муваккилро маҳсус намебинӣ, валекин чун шавқ рондану алам мебинӣ, донӣ, ки муваккиле ҳаст. Масалан, дар обе меравӣ, нармии гулҳову райҳонҳо ба ту мерасад ва чун тарафи дигар меравӣ, хорҳо дар ту мехаланд; маълум шуд, ки он тараф хористон асту нохушию ранҷ аст ва он тараф гулистону роҳат аст, агарчи ҳар дуро намебинӣ. Инро виҷдоне гӯянд аз маҳсус зоҳиртар аст. Масалан, гуруснагию ташнагӣ ва ғазабу шодӣ ҷумла маҳсус нестанд, аммо аз маҳсус зоҳиртар шуд. Зеро агар чашмро фароз кунӣ, маҳсусро набинӣ» [4].

Дар «Маснавӣ» низ ба ин масъала таваҷҷуҳ гардида, Мавлоно таъкид мекунад, ки дарки виҷдондорӣ тавассути ҳис сурат гирифта, ҳар касе виҷдонро инкор мекунад, чунин маъно дорад, ки ӯ ҳиссиёти худро инкор кардааст. Баръакс, ҳисси виҷдонӣ аз дигар ҳиссиёт, ба монанди хашму ғазаб, сериву гуруснагӣ ва ғайра зиёдтар аст, зеро дигар ҳиссиётро манъ кардану қонеъ шудан имкон дорад, вале ҳисси виҷдониро идора кардан номумкин аст:

***Дарки виҷдонӣ ба ҷойи ҳис бувад,***
***Ҳар ду дар як ҷадвал, эй ам, меравад.***
***Нағз меояд бар ӯ кун ё макун,***
***Амру наҳйу моҷароҳову сухун*** [1, 521].

Мавлоно виҷдонро ба ҳайси қувваи мустақил ва ихтиёр ба худ шарҳ медиҳад, ки дар ботини инсон ва ҳатто ҳайвонот амал мекунад. Яъне, агар марде шутурро бо чӯб мезанад, ё сагеро бо санг мезанад, сагу шутур на ба воситае, ки ба ӯ ҷабр расонид, яъне сангу чӯб, балки ба марде, ки ин сангу чӯбро истифода бурдааст, ҳуҷум мекунанд, зеро мустақилона медонад, ки:

***Хашм дар ту шуд баёни ихтиёр,***
***То нагӯйӣ ҷабриёна эътизор.***
***Гар шутурбон уштуреро мезанад,***
***Он шутур қасди зананда мекунад.***
***Хашми уштур нест бо он чӯби ӯ,***
***Пас, зи мухторӣ шутур бурдаст бӯ.***
***Ҳамчунин саг, гар бар ӯ санге занӣ,***
***Бар ту орад ҳамла, гардад мунсанӣ.***
***Сангро гар гирад, аз хашми ту аст,***
***Ки ту дурию надорад бар ту даст.***
***Ақли ҳайвонӣ чу донист ихтиёр,***
***Ин магӯ, эй ақли инсон, шарм дор*** [1, 522].

Инсон, ба ақидаи Мавлоно, дар иҷрои амалҳои худ мустақил ва соҳибихтиёр аст. Ба монанди Арасту, Мавлоно низ таъкил мекунад, ки инсон бояд фазилату накуиро дар худ тарбия намуда, аз рӯйи талаботи виҷдон зиндагӣ кунад. Вале инсонҳо аз сабаби мустақиливу соҳибихтиёрии хеш, гоҳо ба амалҳои ношоиста ва номатлуб даст мезананд ва костагии ахлоқии хешро беасос ба тақдир ва қазову қадар, «соҳибихтиёр набудани инсон дар аъмоли хеш ва қаблан муайян будани тақдир аз ҷониби Худо» нисбат медиҳанд. Мавлоно дар «Маснавӣ» ин гуна афкорро сахт танқид, масхара ва сарзаниш намуда таъкид мекунад, ки барои виҷдони бадкореро бедор кардан, «ду-се мушт задан дар сараш» лозим аст:

***Гуфт дузде шаҳнаро, к-эй подшоҳ!***
***Он чи кардам, буд он ҳукми Илоҳ.***

***Гуфт шаҳна: – «Он чи ман ҳам мекунам,***
***Ҳукми Ҳақ аст, эй ду чашми равшанам!»***
***Аз дуконе гар касе турбе барад,***
***К-ин зи ҳукми Эзад аст, эй бохирад!***
***Бар сараш кӯбид ду-се мушт: – «Эй карех!***
***Ҳукми Ҳақ аст ин, ки ин ҷо боз нех!»***

Одамоне, ки дидаву дониста ба амалҳои ношоиста даст мезананд ва баъди ошкор шудану дастгир гардидан, масъулияти гуноҳу бевиҷдониро ба тақдиру ҳукми Худо нисбат медиҳанд, Мавлоно ҳукми мантиқӣ медиҳад, ки дар ҳеҷ миллату дин таълим нест, ки барои содир кардани гуноҳ ҳавола ба тақдир гардад ва ҷазо дода нашавад. Барои исботи гуфтаҳояш, Мавлоно ҳикоятеро меорад: Марде барои дуздии мева ба боғе медарояд. Боғбон ӯро мушоҳида намуда, барои амали дуздиву шармовар сарзаниш мекунад. Вале дузд даъво мекунад, ки ман бандаи Худоам ва аз боғи Худо меваи офаридаи ӯро мехӯрам. Дар ҷавоб боғбон ресмонеро гирифта, дуздро баста, бо чӯб задан мегирад, ки ӯ низ аз ноилоҷӣ фармони Худоро иҷро карда истодааст. Дузд мебинад, ки боғбон марди зиракест, аз амали кардааш тавба карда, эътироф мекунад, ки ӯ на бо иродаи Худо, балки бо ихтиёри худаш даст ба дуздӣ задаву бевиҷдонӣ кардааст:

***Он яке мерафт болои дарахт,***
***Мефишонд он меваро duздона сахт.***
***Соҳиби боғ омаду гуфт: – «Эй данӣ,***
***Аз Худо шармет ку? Чӣ мекунӣ?»***
***Гуфт: – «Аз боғи Худо бандаи Худо***
***Гар хӯрад хурмо, ки Ҳақ кардаш ато.***
***Омиёна чӣ маломат мекунӣ?***
***Бухл бар хони Худованди ғанӣ?»***
***Гуфт: – «Эй айбак, биёвар он расан,***
***То нагӯям ман ҷавоби булҳасан».***
***Пас бибасташ сахт он дам бар дарахт,***
***Мезад ӯ бар пушту соқаш чӯб сахт.***
***Гуфт: – «Охир, аз Худо шарме бидор,***
***Мекушӣ ин бегунаҳро зори зор».***
***Гуфт: – «Аз чӯби Худо ин бандааш***
***Мезанад бар пушти дигар банда х(в)аш.***
***Чӯби Ҳаққу пушту паҳлӯ они ӯ,***
***Ман ғуломи олату фармони ӯ».***
***Гуфт: – «Тавба кардам аз ҷабр, эй аёр,***
***Ихтиёр аст, ихтиёр аст, ихтиёр».***
***Ихтиёрот ихтиёраш ҳаст кард,***
***Ихтиёраш чун саворе зери гард*** [1, 521]**.**

Мутафаккирони аврупоии давраи Эҳё ба масъалаи виҷдон бештар таваҷҷуҳ намуда, аз ҷиҳати илмиву фалсафӣ онро ба таври гуногун ва гоҳо мутазод шарҳу тафсир намудаанд, вале бо дарназардошти маҳдудияти мақола, нигоҳи иҷмолиеро кофӣ мешуморем.

Тавре қайд гардид, шинохти виҷдон, шарҳу тафсир ва масъалагузории он гуногун буда, ин гуногуниро дар ду назарияи ба ҳам муқобил метавон нишон дод: таҳаввулотӣ ва ҳиссӣ. Тарафдорони равияи якум, ба монанди Ф.Нитшсе инкишофи виҷдонро аз шароити равонӣ ва иҷтимоии ҳаёти инсон шарҳ дода, равияи дуюм виҷдонро бо табиати инсон ё бо неъмати объективӣ, ба монанди И.Кант алоқаманд медонанд.

Омӯзиши таърихи таълимоти фалсафӣ дар бораи виҷдон нишон медиҳад, ки он хеле пурпечутоб ва пурбаҳс буда, то ҳол дар шинохт ва тафсири он ягонагӣ дида намешавад [9]**.** Ин баҳсҳо асосан вобаста ба ҷаҳонбиниҳои ба ҳам оштинопазири фалсафӣ марбут ҳастанд. Лекин барои мо ҳоло зарур аст, ки дар бораи масъалаи виҷдон ба таври умумӣ тасаввурот дошта бошем ва барои ислоҳи бӯҳрони ахлоқӣ дар ҷомеа омили виҷдониро ба кор барем.

Ақидае мавҷуд аст, ки дар замони ҳозир тамаддуни ғарбӣ, ки дар муддати дусад соли охир аз ҳама пешрафта ва дар сатҳи баланд муташаккил арзёбӣ мегардид, дигар наметавонад инсониятро аз бӯҳрони ахлоқӣ наҷот диҳад. Илова бар ин, таназзули силсилаҳои ахлоқӣ дар Ғарби муосир бонги хатар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Зеро таъсири тамаддуни ғарбӣ, ки дар ин ҳолат қарор дорад, ба фазои ҷаҳонӣ таъсири калон дошта, дар фарҳангҳои дигар миллатҳо реша давондааст. Бӯҳрони ин тамаддун ба инсоният оқибатҳои фоҷиавӣ ва вайронкориҳои

пешгӯйинашаванда ба бор хоҳад овард [1, 4]. Ҳолати мазкур вокуниши ҷиддии олимони ҷомеашинос, файласуфон ва умуман зиёиёнро ҳатто, дар худи Аврупо ба миён оварда, онҳоро барои ҷустани роҳи наҷот водор кардааст. Донишмандони соҳаҳои қайдшуда ба таври оммавӣ фарёду эътироз накарда, дар осорашон афкору мавқеи худро баён мекунанд, ки таъсираш камтар ё дар сатҳи зарурӣ ба гӯши ҷомеа намерасад. Лекин намояндагони санъату ҳунар ва синамо дарди даруни худ, костагиҳои ахлоқӣ дар ҷомеаро баён медоранд. Ален Фабен Морис Марсел Делон, актёри театр ва кино, кинорежиссёр, сенарист ва продюсери фаронсавӣ қабл аз маргаш эътирози худ доир ба костагиҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, бевиҷдонии оммавӣ ва чизпарастиву дигар ҳолатҳои дар ҷомеаи Аврупо ҳукмфармо бударо дар ин шакл баён намуда буд: «Ман ин давронро чашми дидан надорам. Ман аз дидани ин ҷомеа дар худ мепечам. Ман ин одамонро чашми дидан надорам. Ҳама дурӯғ, ҳама қалбакӣ. Эҳтиром дигар вуҷуд надорад. Ҳеҷ кас ваъдаву уҳдадории худро иҷро намекунад. Танҳо пул эътибор ва маъно дорад. Ҳар рӯз, аз саҳар то шом мо дар бораи ҷинояткорӣ мешунавем. Ман медонам, ки ин дунёро тарк мекунам, вале бе афсӯс хӯрдан тарк мекунам…». Таъсиргузории ахлоқи аврупоӣ дар муҳити фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеаи мо низ мушоҳида мегардад. Зеро бо таъмин гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва имкониятҳои интернетӣ, фарогиршавии ҷаҳони маҷозӣ ҳамин гуна вазъияти бади ахлоқӣ дар лаҳзае ба муҳити фарҳангӣ ва ахлоқии мо низ мерасад ва чун дар назари аҳолӣ, ки гӯё фарҳанги аврупоӣ беҳтару пешрафта аст, бе таҳлилу танқид дар ҷомеаи мо низ қабул мегардад.

Дар ҳақиқат, вақте донишмандони аврупоӣ дар бораи буҳрони ахлоқии мавҷуда бонги хатар мебардоранд ва аз «Ғуруби (ахлоқии – А.А.А.) Аврупо» [7] ва «Марги (ахлоқии – А.А.А.) Аврупо» [12] инсониятро огоҳ мекунанд, аҳли зиёи мо низ ҷиддан бояд чораҳои пешгирикунандаро роҳандозӣ намоянд. Зеро ягона қуввае, ки метавонад, ҳолати мавҷударо ислоҳ ва ҷомеаро роҳнамоиву тарбия намоянд, маҳз аҳли илм ва зиёи кишвар мебошанд. Дар ин роҳ танҳо виҷдони пок, самимият, масъулият ва устуворӣ лозим аст. Мавқеъ ва рӯшангарии аҳли зиёро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ, «Зиёиён хазинаи тиллоии миллатанд!» гуфтаанд ва ин қишр рисолати асосии худро барои ҳифзу пойдории арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ бояд иҷро намоянд.

Ба таври хулоса метавон қайд кард, ки дар ҳар гуна шакли ҷаҳонбинӣ, хоҳ материалистӣ, хоҳ идеалистӣ ва ё таври дигар, масъалаи виҷдон мавриди таваҷҷуҳ аст, аммо ба таври хоссаи ҳамон ҷаҳонбинӣ вуҷуд дошта, ҳамчун воситаи пуртаъсиртарини ботини инсон арзёбӣ мегардад. Дар шароити имрӯза вобаста ба равандҳои дар боло қайдшуда ва ҷаҳонишавӣ, ҷомеа аз буҳрони ахлоқӣ-равонӣ нигарон аст ва омӯзиши масъалаи виҷдон ҳамчун арзиши ахлоқӣ ва таҳлили аксиологии он, метавонад таъсири мусбати худро расонад. Бинобар ин, вобаста ба тарзи ҷаҳонбинии навин, виҷдон бояд ҳамчун яке аз фазилатҳои руҳи инсон тарбият ва парвариш ёфта, костагиҳои ахлоқӣ ва буҳрони мавҷудаи ахлоқии ҷомеаро бартараф созад. Зеро он талаботи инсон барои эҳсоси масъулият доир ба амалҳои содиркардааш мебошад. Пурзӯр будани эҳсоси виҷдон, ин имконияти мустақилона ташаккул додани уҳдадориҳои ахлоқӣ ва амалӣ намудани худназораткунии ахлоқӣ, инчунин, имконияти талаб кардан аз худ барои иҷро ва худбаҳодиҳӣ ба амалҳои содиркарда мебошад. Виҷдон эҳсоси ботиние аст, ки дар сурати бо фазилату накуӣ тарбияти заруриро гирифтан, ҳангоми содир кардани амали нодуруст аз худ дарак дода, инсонро ба пушаймонӣ водор мекунад. Виҷдон мисли дарандаи тезчанголе аст, ки ҳангоми содир кардани амали номатлуб дили инсонро мехарошад. Онро ба қутбнамое монанд мекунанд, ки ҳангоми пеш омадани масъалаҳои ахлоқӣ ба инсон самти дурустро нишон медиҳад. Вазифаи виҷдон, ҳамчун арзиши муҳимми ахлоқӣ аз он иборат аст, ки дар навбати аввал дар муносибатҳои байни одамон таъсири зарурии худро устувор намуда, барои ислоҳи костагии арзишҳои ахлоқии ҷомеа таъсирбахш мебошад. Зеро тавре маълум аст, бе эҳсоси виҷдон масъалаҳои дигари аксиологӣ, ба монанди адолат, инсондӯстӣ, шараф ва ғайра устувор набуда, то дараҷае тасаввурнопазир мебошанд. Шахсе, ки эҳсоси баланди виҷдондорӣ мекунад, ҳомили инсондӯстӣ ва адолат аст ва наметавонад ба амалҳои номатлуб ва ғайриахлоқӣ чашм пӯшад. Маҳз виҷдон воситаи ташаккули шахсият мебошад.

Дар ҳақиқат, виҷдон эҳсоси покиза ва қиматтарин буда, тавонотар аз ҳамаи эҳсосу қувваҳост. Виҷдони пок беҳтарин ҳимоятгару ҳамроҳи доимии инсон аст. Шахси бе виҷдон метавонад ба Ватан, халқ, ҳатто ба фарзанду модари худ хиёнат кунад. Дар шароити имрӯза, ки таҳдидҳои гуногун, ба монанди бадшавии ҳолати руҳӣ-равонӣ ва муносибатҳои байни одамон, таассубу хурофот, ҷангу хунрезӣ, терроризму экстремизм, амалҳои коррупсионӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, фиребу бадкориҳои дигар пешорӯи мо истодаанд, аз ҳарвақта дида, шахсони поквиҷдону дурандеш дар ҷомеа лозиманд. Албатта, он муаллиме, ки бо амри

виҷдон амал мекунад, бе дониши мукаммал ва омодагии зарурӣ ба назди хонанда намедароянд. Духтуре, ки соҳибвиҷдон аст, ба беморон дуруштӣ накарда, хуб муолиҷа мекунад. Шоир ё нависандае, ки бо дарки виҷдон асар эҷод мекунад, мардумро ба сулҳу дӯстӣ даъват намуда, ҷудоиандозиву бадкориро маҳкум мекунад ва дар тарбияи ҷомеа саҳм мегузорад. Яъне, амри виҷдон ва риояи талаботи он ба ҳама чун обу ҳаво зарур аст. Виҷдон дар ҷаҳони ботинии ҳар як инсон хуршедест, ки роҳи шахсро дар зиндагӣ мунаввар месозад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, барои мо зарур аст, ки бо истифода аз ҳама гуна роҳу усулҳо ҷомеа ба масъалаи виҷдон ва виҷдондорӣ ҷалб гардад. Барои амалӣ кардани ин мақсад, ба таври мушаххас чорабиниҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1) Ташкил ва роҳандозӣ намудани чорабиниҳои илмӣ дар доираҳои илмиву таълимии кишвар;

2) Бо ҷалби олимон ва зиёиёни кишвар, инчунин, доираи васеи намояндагони ҷомеа, ташкил ва роҳандозӣ намудани суҳбату мубоҳисаҳо дар радиову телевизион ва шабакаҳои интернетӣ;

3) Бо ҷалби аҳли санъату фарҳанг омода намудани барномаҳои театрӣ, филм, сурудҳо ва ғайра;

4) Таъсиси маҳфилҳои илмиву фарҳангӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ;

5) Таҳия ва таълифи маводи публитсистӣ-таблиғотӣ оид ба мавзуъҳои муҳиммияти виҷдондорӣ вобаста бо мавзуъҳои ватандустӣ, ҳисси шаҳрвандӣ ва худшиносӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, арҷгузорӣ ба ниҳоди оила, қарзи фарзандӣ ва ғ., тавассути ВАО паҳн кардани онҳо;

6) Бо ҷалби руҳониён, ташкилотҳои динӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун қишри тарғибкунандаи ахлоқи ҳамида дар ҷомеа, ташкили суҳбату маърузаҳо дар мавзуъҳои мушаххас оид ба муҳиммияти виҷдондорӣ ҳамчун асоси накукории одамон;

7) Бо роҳи таҳияи реклама ва роликҳои иҷтимоӣ гузоштани лавҳаҳои тарғиботӣ дар мавзуъҳои виҷдондорӣ дар ҷойҳои намоёни корхонаву муассисаҳо ва доираҳои таълимиву тарбиявӣ, инчунин роҳандозӣ кардани ҳамин усул тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ.

## АДАБИЁТ:


1. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғатномаи мухтасар аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддин Ализода ва Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2022. – 728с.

2. В мире науки и искусства: вопросы филологии, искусствоведения и культурологии – № 10 (65). – 2016.

3. Егоров А.В. Совестология как научная область знаний о культуре совести. В мере науки искусства: вопросы филологии, искусствоведения и культурологии /Сб. ст. по материалам междунар. Науч. практ. Конф., №1 (44). – Новосибирск: Изд. СибАК, 2015. – 120с.

4. Мавлоно Ҷалолуддини Румии Балхӣ. Фиҳи мо фиҳи [Матн] / Румии Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддин. – Душанбе, 2018. – 192с.

5. Мухаммади Алишер. Аксиологические проблемы этики суфизма. [Текст]: дис. Канд. Философ. Наук: 09.00.03 – История философии. – Душанбе, 2016. – 154с.

6. Раҳмон Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364саҳ.

7. Шпенглер О. Закат Европы. В 2-х томах. – М: Айрис Пресс, 2004. – Т. 1 и 2

8. Истилоҳи «Совесть» [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (санаи муроҷиат: 17.08.2024).

9. Истилоҳи «даймоний» [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ru, wikipedia, org/wiki/ (санаи муроҷиат: 24.09.2024).

10. Мақолаи «Зороастризм» [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ru. wikipedia.org /wiki/ (санаи муроҷиат 02.04.2024).

11. Патрик Дж Бьюкенен, Смерть Запада [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://stavroskrest.ru/sites/default/files/files/books/byukenen_p_smert_zapada.pdf (санаи муроҷиат: 17.06.2024).

12. Соловьев В.С. Оправдание добра. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://iphras.ru/ elib/Soloviev_Opr_dobra.html (санаи муроҷиат 12.06.2024).

13. Федор Журавлев, Слава важнее смерти: как древние греки придумали стыд. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://knife.media/greek-shame/ (санаи муроҷиат: 24.09.2024).

14. Цитаты известных личностей. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ru. citaty.net/ tsitaty/472960-aristotel-chtoby-razbudit-sovest-negodiaia-nado-dat-emuposhch... (санаи муроҷиат: 14.06.2024).

# КИТОБИ ДАРСӢ: ЗАБОН ВА ЗАМОН



**С.НАБИЗОДА – муаллифи китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5**

**Замоне ки дар мактаб фаъолият мекардам, орзу доштам, бо муаллифони китобҳои дарсӣ вохӯрда, ба суҳбати онҳо роҳ ёбам. 17 сол омӯзгорӣ кардам, ки аз он давра таассуротам кам нест. Иштирок дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Муаллими соли 2002», чопи мақолаҳо роҷеъ ба барномаҳои таълимӣ ва паҳлуҳои дигари таълиму тарбия дар матбуоти ҷумҳуриявӣ, ба вижа, «Омӯзгор» аз ҷумлаи ифтихороти ондавраинаи ман мебошанд.**

Бо амри тақдир ба пойтахт омадам, бо даъвати устоди шодравон, собиқ сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор» Самиюлло Сайфуллоев ба ин даргоҳ ба кор гузаштам ва инак, 20 сол боз дар нашриёҳои соҳавӣ фаъолият мекунам. Аз соли 2006 бо ҷалби устоди гиромиқадр ва соҳибкитоб Саидамир Аминов (руҳашон шод бод!) дар озмуни таълифи китоби дарсӣ, ки аз ҷониби лоиҳаи Маркази идораи ислоҳоти маориф сурат мегирифт, иштирок кардам. Якҷо бо устоди забоншинос Бобомурод Шакаров (руҳашон шод бод!) ба таълифи китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 сар кардем. Бояд гӯям, ки барои таълифи китоби дарсӣ он вақт ҷуръати зиёд лозим буд, ки хушбахтона, устод онро аз ман дареғ намедоштанд. Чун вақт барои анҷоми кор ниҳоят маҳдуд муқаррар шуда буд, маҷбур шудем, нафари дигарро ба кор ҷалб кунем. Ин нафар устоди муътабари мо Саидқул Сабзаев (руҳашон шод бод!) буданд. Китоби мо аз озмоиш гузашт ва барои мактабҳои ноҳияҳои пилотӣ чоп ҳам шуд. Баъдтар аз ҷониби Вазорати маориф он ба теъдоди 130 ҳазор ба табъ расид. Боиси ифтихори ман аст, ки аз он вақт то имрӯз китоб 5 маротиба чоп шуд. Ҳамчунин, бори аввал соли 2009 як роҳнамо ҳам омода кардем.

Китоб сол то сол такмил ёфт ва мувофиқи талаботи рӯз таҷдиди назар гашт. Чун ислоҳот дар замони имрӯза рӯ овардан ба муносибатҳои босалоҳиятро тақозо дорад, соли 2017 китоб дар такя ба ҳамин маънӣ такмилу таҳрир ёфт ва дар робита бо дарназардошти салоҳиятҳои иртиботӣ таълими чунин мавзуъҳо пешниҳод гашт: эълон (4-то), забонхат (3-то), ариза (5), табрикнома (8-то), мусоҳиба (3-то), шеър (56-то), чистон (3-то), тезгӯяк (2-то), зарбулмасал (4-то). Ҳамзамон, барои такмили салоҳиятҳои забониву иртиботӣ барои таҳияи чунин матнҳо (эълон, табрикнома, забонхат) супоришҳо дода шуда буд.



Ин маротиб китоб дар доираи лоиҳаи Бонки исломии рушди шарикони глобалӣ дар соҳаи маориф оид ба татбиқи Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 дар самти «Тақвияти низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим» мавриди омӯзиш қарор гирифт. Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисон ва омӯзгорон таъсис ёфта, бо дастгирии шарикони рушд ва мушовирони байналмилаливу маҳаллӣ дар давоми се сол барои хонандагони синфи 5 Стандарт ва Барномаи нави таълим, китоби дарсӣ (1 қисм), Роҳнамои омӯзгор (1 қисм), Дафтари хонанда (2 қисм) ва Арзёбӣ (1 қисм дар ҳаҷми 38-40 саҳифа)-ро омода

ва ба чоп пешниҳод кард. Чопи алоҳидаи «Арзёбӣ» ба он хотир зарур буд, ки он ба ҷойи корҳои хаттӣ истифода мешавад. Дар «Арзёбӣ» хонанда ҳам диктант менависад, ҳам эҷодкорӣ мекунад ва ҳам ба саволҳо хаттӣ ҷавоб менависад. Аз ин рӯ, он танҳо баъди ҷамъбасти фаслҳо ба хонандагон тақсим шуда, аз тарафи омӯзгор ҳамаи хонандагон баҳогузорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, гурӯҳи корӣ озмоиши ин маҷмуаи таълимиро дар як қатор мактабҳои озмоишӣ мавриди омӯзиш қарор дод. Табиист, ки дар ин ҳолат кор бе камбудӣ намешавад. Аммо ҳар чи ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ омода гардид, ба муқарризон ҳам дастрас шуд. Бори аввал китоб дар ду қисм омода ва дар асоси мактуби муовини аввали вазири маориф ва илм аз 19.03.24, №18 (98) 2-109 пешниҳоди муқарризон гашта буд. Муқарризон аз кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бобомуродова М. – н.и.ф, дотсент, Имомбердиева С. – н.и.ф., Турсунова М. – н.и.ф. китоб, Роҳнамо ва Дафтарро хонда, маслиҳату тавсияҳои худро бахри ислоҳи камбудиҳо пешниҳод карданд. Маводи пешниҳодшуда аз ҷониби онҳо дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ аз 04.04.24, №4 тасдиқ гардида, баъди ислоҳи ғалатҳои имлоиву техникӣ, инчунин, шарҳи баъзе истилоҳҳои барои бача душворфаҳм барои истифода қобили қабул дониста шуд.

Бори дуюм китоб ва Роҳнамову Дафтар тибқи мактуби муовини аввали вазири маориф ва илм аз 7.05.24, №18 (98/2) – 162 ба Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методӣ пешниҳод гардид. Муқарризон, аз ҷумла, устодон Саидамир Аминов, Азим Байзоев, Ҳайдар Бӯриев, инчунин, муҳаққиқи ҷавон Фозил Муқимзода назару маслиҳатҳои худро пешниҳод карданд, ки аксаран қабул шуда, китобу Роҳнамо ва Дафтари хонанда таҳрири чандкарата дида такмил дода шуданд. Гурӯҳи корӣ комилан ба андешаҳои устод Аминов, ки мегӯянд: «Забони тоҷикӣ ба шумули яке аз фанҳои муҳим дохил шуда, бо фанҳои дигар асоси таҳсилоти умумиро ташкил медиҳад; Забони тоҷикӣ воситаи омӯзиши фанҳои дигари таълим: химия, биология, физика ва амсоли инҳо маҳсуб мегардад...» ҳамназар ҳам аст.

Аслан ислоҳот дар ҳар маврид дучори бархӯрдҳои зиёди ҷомеа, бахусус, мутахассисони соҳа мегардад, албатта, дар соҳаи маориф, ки ба таълиму тарбияи насли наврас нигаронида шудааст, бештар. Чопи китоби нав, ки бо қолабшиканӣ сурат гирифтааст, аҷаб не, боиси нигарониҳо ҳам гардад. Аз ин рӯ, мехоҳем, барои рӯшан кардани сабаби нигарониҳои мавриди назар баъзе нуктаҳоро шарҳ диҳем.

Хотиррасон мешавем, ки барномаи нав имкон намедиҳад, аз адабиёт матнҳо ба таври фаровон истифода бурда шаванд. Қазоват кунед: *эълон, паёмак, сархат, сарҳади ҷумлаи сода, тавсифи ашё, табрикнома, таҳияи матни хурд* барин мавзуъҳо мантиқан матнофариро талаб мекунанд. Чунин матнҳо вобаста ба талаботи мавзуъ, хусусиятҳои синнусолӣ, талаботи грамматикӣ ва жанри омӯхташаванда таҳия ёфтанд. Бо вуҷуди ин, дар китоби дарсӣ интихоби матн то ҳадди имкон аз осори адибону нависандагон интихоб шудааст. Дар маҷмуъ, матнҳо ба ин тартиб дар китоб интихоб ва пешниҳод шудаанд: 5 иқтибос аз бузургон доир ба забон; 15 масъалагузорӣ; 3 матн аз матбуот; 31 матн аз адабиёти классикӣ ва муосир; 17 матн аз эҷоди муаллифон; 13 матни хурд (сархат) аз ҷониби муаллифон бо мақсади ҳалли мавзуъ; 10 табрикнома; 10 эълон; 8 паёмак; 35 расм.

Доир ба салоҳиятҳои забонӣ ҳам, албатта, мавзуъҳои грамматикӣ интихоб шудаанд, агарчи бартарӣ ба мавзуъҳои коммуникативӣ бештар дода шудааст. Масалан, дар синфи 5 имлои овоз ва ҳарфҳои «у» ва «ӯ» ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишт, аломатҳои китобат дар охири ҷумла, муродифҳо дар матн, инъикоси нутқи шифоҳӣ дар хат ҳангоми имлои исмҳои хос ва ҷинс, интихоби сарҳади ҷумлаи сода, мубтадо ва хабар оварда шудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар тамоми матнҳои интихобӣ ва таҳияшуда паҳлуҳои гуногуни тарбия, ки дар Консепсияи миллии тарбия таъкид шудаанд, ҷой доранд. Гоҳо миқдори супоришҳо зиёд дода шудааст, ки ин имкон медиҳад, муаллимон ҳаққи интихобро дошта бошанд. Бисёре аз матнҳо аз китоби пешина истифода шудаанд, ки ин ошноӣ барои фаъолияти омӯзгорон хуб мусоидат ҳам мекунад. Ногуфта намонад, ки баъзе қоидаҳо тибқи таълимоти забоншиносии муосир ислоҳ гардида, ба ҳадди донишу малакаҳои хонандаи синфи 5 мутобиқ гардонда шуданд. Аммо бояд зикр кард, ки чи дар забоншиносии назариявӣ ва чи дар амалияи таълими забонҳо, барои ҳиссаҳои нутқ таърифҳои гуногун вуҷуд доранд. Вобаста ба ин, таърифи бархе аз ҳиссаҳои нутқ – исм, сифат, феъл таҳрир ва ба ҳадди донишҳои илмии хонандаи синфи 5 мувофиқ кунонда шуданд.

Аз китоби дарсии ҷорӣ ба куллӣ фарқ кардани муҳтавои китоби дарсии нав ба он бастагӣ дорад, ки китоби мазкур вобаста ба талаботи «хонандамеҳвар» гардондани дарс таҳия гардидааст. Бамаврид аст андешаи устод А. Байзоевро ба ёд овардан: «Маводи дарсии барои синфи 5 таҳиягардида дар заминаи омӯхтани таҷрибаи мамолики мутараққӣ омода гардидааст ва аз китобҳои муқаррарии дарсӣ фарқ мекунад. Он дар баробари Роҳнамои омӯзгор, аз ду ҷузъ иборат аст – 1) Китоби дарсӣ; 2) Дафтари хонанда. Фарқи дигари муҳим дар ин мавод он аст, ки бо азёд кардани қоидаҳои зиёди тайёр тарҷеҳ дода намешавад. Яъне, хонанда аввал қоидаро хондаву баъд мисолҳоро дида, бо ҳамин азхудкунии мавзуи навро ба охир намерасонад. Ин ҷо мавод тарзе таҳия гардидааст, ки аз аввал то охири дарс хонандаро ба фикр кардан, фикри дигаронро гӯш кардану муқоиса кардан, хулосаи зарурӣ баровардан водор мекунад, хонанда ҳамеша фаъол аст. Нуктаи дигари муҳим он аст, ки хонанда аввал бо масъала шинос мешавад, маводи пешниҳодшударо меомӯзад, бо ҳамдарсон мубодилаи афкор мекунад ва дар асоси ин ҳама худаш қоидаи заруриро таҳия мекунад. Албатта агар зарурат пайдо шавад, омӯзгор онҳоро такмил медиҳад. Зимнан, таъкид бояд намуд, ки танҳо азёд намудани қоидаҳои дастури забон бидуни тавони истифодаи амалии забон самари хуб намедиҳад. Аз ин нигоҳ, ин гуна равиш, ки муносибати босалоҳият ба таълим номида мешавад, кунҷковии хонандагонро нисбат ба мавзуъ зиёд намуда, малакаи андешидан ва пайдо кардани роҳҳалли мантиқии масъаларо дар онҳо зиёд мегардонад, ба хонандагон имкон медиҳад, то бо гурӯҳ кор кардану ба андешаи дигарон эҳтиром гузоштанро биомӯзанд».

Дар китоб муаллифон кӯшиш кардаанд, хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба инобат гиранд; матнҳои мувофиқро вобаста ба талаботи мавзуъ интихоб ва ё таҳия кунанд; саволу супоришҳо ҳам мутаносибан ба самти таълиму тарбия, рушди тафаккур, нутқ ва эҷодкории хонандагон нигаронида шаванд, забони матнҳо сода ва барои хонандаи синфи 5 фаҳмо интихоб шавад. Бори аввал дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 расмҳо ба теъдоди зиёдтар интихоб шудаанд. Дар тамоми ҷараёни таълим хонандагон тавассути китоб ва Дафтари корӣ ба аз худ кардани дониш, рушди малака, тафаккур, нутқ ва эҷодкорӣ раҳнамоӣ мегарданд; барои ҳавасманд гардондани хонандагон ба таълим бозиҳои дидактикӣ, матнофарӣ, саволу супоришҳои гуногун ва арзёбии кор пешниҳод шудаанд. Фикр мекунем, ин ҳама аз вазифаҳои китоби дарсии имрӯза бармеояд ва барои ташаккули тафаккури таҳлилию мантиқии хонандагон таъсири созгор мерасонад.

Гурӯҳи муаллифон дар ҳайати С.Набизода, М.Саломиён, А.Мирбобоев, Х.Камолзода, Д.Абдуллоева, Б.Умарова, Х.Аҳмадова барои омада кардани бастаи маводи таълимӣ (барои синфи 5 аз забони тоҷикӣ) барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ заҳмати зиёд кашида, умедворанд, ки маҳсули меҳнаташон дар таҷриба натиҷаҳои хуброба бор оварад. Дар ҳамин ҳол бояд гуфт, ки ба баъзе эродҳо, аз ҷумла, ҷудо накардани вақт, пешниҳод накардани нақшаи тақвимӣ, дар вақташ омода ва пешниҳод нагаштани стандарту барномаи таълим ҳам сабаб дорад. Гап дар сари он ки бо назардошти имконият ва қобилияти омӯзгорон, муайян кардани вақт дар Роҳнамо ба интихоби худи омӯзгор вобаста шудааст. Чун танҳо таълифот барои синфи 5 омода аст, барномаву стандарт ҳам дар ҳамин доира омода гаштаанд.

Он чи ки ба назари мо, нигаронкунанда аст, ба фосилаҳо дар иҷрои машқҳои хаттӣ дар Дафтари корӣ рабт дорад. Фосилаҳо бояд тибқи меъёре, ки дар дафтарҳои феълӣ муқаррар шудаанд, ҷудо карда шаванд, чунки дар сурати ғайр ҳусни хат аз байн меравад.Ислоҳи ин ба чопхонаҳо вобастагӣ дорад.

Табиист, ки ҳар кори нав бе камбудӣ намешавад. Аммо як нуктаи муҳимро бояд дар хотир дошта бошем: барои аз китоб натиҷаи дилхоҳ ба даст овардан омӯзгор шахси калидӣ аст. Омӯзгор бояд ба таълими мавзуъҳо аз рӯйи тартиби нав пурра омода бошад. Барои ин омода намудани омӯзгорон аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо донишҳои нав шарти муҳим аст. Дар акси ҳол, ба ҳадаф расидан даргумон аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзгорон дар шароити нав аз имконоти нав чӣ гуна истифода мебаранд ва то куҷо дар рушди тафаккури хонандагон таъсир расонда метавонанд.

# ОМӮЗГОР ВА ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН



**Навбаҳор ТАЛБАКОВА – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**Тадқиқи масоили тарбияи ахлоқии донишҷӯён бевосита бо омӯзиши омилҳои алоҳидаи ширкаткунандагони раванди таълиму тарбия алоқаманд аст. Яке аз чунин омилҳо симои ахлоқии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад. Бо сабаби баланд гардидани нақши иҷтимоии муаллим, табиист, ки таваҷҷуҳ ба шахсият, ба сатҳи омодагии идеявӣ - сиёсӣ, касбӣ – ахлоқии вай низ меафзояд.**

Кори таълиму тарбия дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсияти тарбиятгиранда зарурати баррасии ахлоқи омӯзгори мактаби олиро аз нигоҳи этикаи педагогӣ ва ба этикаи таълими фарққунанда бо сатҳи мазмун ва ҳадафмандии худ ба вуҷуд меоварад. Ҷанбаҳои ахлоқи омӯзгор, қабл аз ҳама, бо ҳадафҳо ва вазифаҳои мактаби олӣ, мазмуни фаъолияти омӯзгор, бо хусусиятҳои синнусолӣ, психологии донишҷӯён ва самти касбазхудкунии онҳо муайян карда мешавад. Ахлоқи омӯзгори муассисаи таҳсилоти олӣ бевосита дар ҷараёни иҷрои фаъолияти мушаххаси таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ ва ҷамъиятии вай зоҳир мешавад. Меъёри асосии арзиши ҳар як намуди фаъолияти омӯзгори мактаби олӣ дар он аст, ки то кадом андоза он бо идеалҳои ахлоқии ҷомеаи мо мутобиқат дорад. Тавре ки медонем, солҳои донишҷӯӣ давраи шаклгирии сифатҳои шахсии ҳар як муҳассил мебошад, ки дар ин давра заминаи шахсият, усулҳои ахлоқ поягузорӣ мешаванд ва шахсият ташаккул меёбад. Дар ин давра шахс амалан дарк мекунад, ки дар зиндагӣ чӣ чиз ба вай халал мерасонад, бар зидди чӣ мубориза мебарад, мавқеи зиндагии вай чӣ гуна аст. Воситаи муҳимми табдили сифатҳои ахлоқии мутахассиси ҷавон аз амали абстрактӣ – назариявӣ ба амали мушаххас, яъне, ахлоқи касбии омӯзгор нигаронда мешавад. Натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур, ки дар байни донишҷӯён анҷом дода шуд, имкон дод, ки доир ба аҳаммияти ахлоқи касбии омӯзгори мактаби олӣ таассурот пайдо намоем.

Бояд зикр намуд, ки дар ин раванд нутқи шифоҳии омӯзгор низ метавонад вазифаи ахлоқиро иҷро намояд, агар ба он омодагии дақиқ дода шуда бошад. Вале агар сухангӯй «ибораҳои обшуста», стандартиро «аз варақҳои зардшуда» хонад, ин беэҳтиромӣ нисбат ба шогирдон ва нисбат ба худ ба шумор меравад. Зимнан, донишҷӯён ба нутқи шифоҳии устод бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Нутқи сухангӯй бевосита ба шунаванда таъсир мерасонад. Дар амалияи мактаби олӣ метавон мисолҳои зиёдеро овард, ки ҳатто олими бузург, новобаста аз дониши амиқи худ, наметавонад бо донишҷӯён робитаи зарурӣ барқарор намояд. Ба ин тартиб, ахлоқи касбии омӯзгори мактаби олӣ василаи психологие мебошад, ки дар шаклгирии ахлоқии мутахассиси ҷавон иштирок ва нақши муассир мегузорад.



Таҷрибаи мактаби олӣ нишон медиҳад, ки то кадом андоза ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ – эстетикии донишҷӯён кам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ба ақидаи мо, дар ин масъала ихтилофи маълум байни омӯзиш ва парвариш зоҳир мешавад, агарчи ягонагӣ байни ин ду омил вуҷуд дорад. Яъне, он натиҷаи зиддият байни технократизми мактаби олӣ ва самтгирии системаи маълумоти олӣ мебошад. Мактаби олӣ корманди соҳибдипломро тайёр мекард ва тайёр карда истодааст, вале на мутахассиси дорои маълумоти олӣ, шахси дорои зеҳнияти баланд, соҳиби фарҳанги амиқ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ рушдёфтаро. Аз ин ҷо тезиси аввал бармеояд: мутахассиси баландихтисосро наметавон

бе тарбия ва худтарбиякунӣ, бе мавқеи масъулиятноки ахлоқӣ ва фарҳанги ғании шахсияти донишҷӯ тайёр кард. Набояд ин фактро аз мадди назар дур кард, ки падидаҳои бухронии замони карахтӣ дар ҷомеаи Шуравӣ дар солҳои 70 – 80-ум ба сатҳу мазмуни тарбияи ахлоқӣ – эстетикӣ дар мактаби олӣ асар нагузошта наметавонистанд. Дар гумон аст, ки касбияти омӯзгор дар доираи педагогӣ фақат якҷониба маҳдуд бошад. Муошırати педагогӣ, муошırати афроди ҷудогона муколимаи ду тарафи дахлдор аст. Муколамае, ки дар он ҳар як ҷузъиёт муҳим аст, фақат ба ҳамин тартиб омӯзгор дар як замон ҳам намояндаи ҷомеаи педагогӣ ва ҳам соҳиби фарҳанги ғанӣ ва арзишҳои ҷомеа буда метавонад.

Ҳамин тавр, омили калидии тарбияи ахлоқӣ – эстетикии донишҷӯён дар муошırати онҳо бо омӯзгор, омодагии илмӣ ва педагогии вай, ҳамчунин, дараҷаи маҳорати педагогӣ дар ҷараёни таълим вобаста мебошад. Аз рӯйи ин омил ба касби худ лоиқ будани педагог маълум мешавад. Шахсияти омӯзгор ва таваҷҷуҳи вай ба ҳама чиз, ҳам ба фанни худ ва ҳам проблемаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мешавад. Донишҷӯро на танҳо таваҷҷуҳи ахлоқии омӯзгор ба проблемаҳои иҷтимоӣ, балки неруи ахлоқии вай, ки бо истифода аз он идеяҳои худро ҳимоя намуда, мувофиқи он рафтор мекунад, тарбия менамояд.

Азбаски нақши омили инсонӣ дар ҳаёти ҷомеаи имрӯза муҳим аст, ҳар андоза омӯзгорро мебояд худомӯзӣ кунад, заҳмат кашад, ҳар андоза дар таълим ва тарбия мустақилият ва эҷодкорӣ зоҳир намояд, то ба ҳамон андоза бештар ба шогирдони худ таъсир расонда, тавонмандии ахлоқӣ – эстетикии онҳоро ташаккул диҳад. Объекти асосии идоракунии раванди ахлоқӣ дар муассисаҳои таълими олӣ ҷомеаи донишҷӯйён мебошад. Дар доираи ҷомеа тарбия ҷанбаи ҳадафмандонаро ба худ мегирад ва кумак мерасонад, то ин ки ҳар як аъзои ин ҷомеа сифатҳои ахлоқии қобили қабулро дар худ парварда тавонад. Дар айни замон, чунин муносибат метавонад ба он оварда расонад, ки омӯзгор сарпараст, роҳ ва воситаи таъсиррасонии тарбиявиро интихоб карда, бояд ба намуди «миёнаи» шахсият ва талаботи умумии ахлоқӣ таваҷҷуҳи худро равон кунад, на ба донишҷӯёни дорои хислати гуногун. Субъекти идоракунии раванди ахлоқӣ дар мактабҳои олӣ созмонҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаи педагогӣ ва донишҷӯӣ мебошанд. Ин ки коллективи донишҷӯӣ субъект ва объекти идоракунӣ мебошад, бо тасаввурот дар бораи ахлоқ чун муносибатҳои субъективӣ ва объективӣ, фаъолияти иртиботӣ ва самтгиришуда ба ҳамбастагии иҷтимоӣ зиддият надорад. Вазифаҳои субъект барои баланд бардоштани натиҷаи идоракунии равандҳои ахлоқӣ дар мактабҳои олиро метавон аз рӯи чанд самт муайян кард. Қабл аз ҳама, бояд нақши маърифати ахлоқӣ дар раванди таълимро тақвият бахшид. Тарбия дар раванди таълим аз тариқи идоракунии фаъолияти донишҷӯ амалӣ мешавад, ки дар натиҷаи он табдили иттилооти ахлоқӣ ба сифатҳо ва эътиқоди шахсият ба амал меояд. Бо вуҷуди муҳиммияти маърифати ахлоқӣ, ки ба шахсият дахл дорад, рафтори амалӣ боз аз рӯйи ҷанбаи эҳсосотии шахсият муайян карда мешавад. В.А. Сухомлинский навишта буд: «Бадеӣ карда гӯем, фарҳанги эҳсосот скрипкаи (ғижжаки) дуруст ҷӯршударо мемонад. Фақат вақте ки ғижжак ҷӯр бошад, бо он метавон навохт. Ба ҳамин монанд, вақте ки инсон ҳарфҳои фарҳанги эҳсосотро аз худ кард, ӯро метавон тарбия намуд».

Дар бораи чунин тавсияҳо ибрози андеша намуда, бояд дар назар дошт, ки раванди таълим аз рӯйи ҳар як фан дорои хусусияти шахсиятӣ мебошад, яъне, дар ташаккули мутахассиси ҷавон нақши ҳалкунандаро таъсири шахсияти педагог ба донишҷӯён мебозад. Аммо мо ба омӯзгори забони англисӣ тавсия дода, бояд таваҷҷуҳро ба он ҷалб намоем, ки маҳз кадом сифатҳои устод ба донишҷӯён писанд меояд ва ба онҳо таъсири бештар мерасонад. Суҳбатҳои мо бо донишҷӯён собит менамояд, ки онҳо ба муаллими худ дар навбати аввал, ба ду сифат арҷгузорӣ менамоянд: Дар сатҳи зарурӣ донистани забон ва ҳаёти кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад; Муносибати неки инсонӣ бо донишҷӯён.

Зимнан, ин ду сифат аз рӯйи шумораи ҷавобҳо мавқеи якхела доранд ва дар баъзе гурӯҳҳо ҳатто, ба дувумӣ бартарӣ дода шудааст. Пас, донишҷӯён дар бораи муносибати инсонӣ ба онҳо сухан гуфта, чиро дар назар доранд?

Агар андешаҳо ва мулоҳизаҳои донишҷӯёнро ҷамъбандӣ намоем, мебинем, ки дар муносибати устод ба донишҷӯён аз ҳама муҳим, пешрафти шахсияти донишҷӯ, ғамхорӣ ва боварӣ ба ӯ, дар айни замон, талаби одилона ва эътимод ба имконоти вай будааст. Муносибати расмию рӯякӣ, муомилаи дағалона, ки ба иззати нафси шахсият ё гурӯҳ мерасад, бадгумонии доимӣ ва нобоварӣ ба имконоти донишҷӯён, ба онҳо таъсири бағоят манфӣ мерасонад. Дар чунин мавридҳо аз ҳама таассуфовар он аст, ки раванди таълим неруи тарбиявии худро аз даст медиҳад, муносибати мутақобилаи педагог ва донишҷӯён бар асоси фармонфармоӣ – яъне, талаб кардан ва итоат кардан бунёд меёбад. Дар чунин маврид эътимод ва эҳтироми байни омӯзгор ва донишҷӯ коҳиш меёбад. Барои ҳамин, тавсияҳо оид ба мавзуи мазкур бояд таваҷҷуҳи

омӯзгоронро ҷалб намояд. Чунки аксар вақт набудани муносибати одӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ бо он шарҳ дода мешавад, ки омӯзгор натавонистааст, муносибати дуруст бо донишҷӯёнро барқарор намояд. Барои он ки муносибат бо донишҷӯён дуруст шакл гирад, бояд донишҷӯи муосирро хуб донист, ҷаҳони ботинии вайро дарк кард, ба вай эътимод дошт, нисбат ба гурӯҳ ва донишҷӯёни алоҳида ғамхор ва дар айни замон, серталаб, ростгӯй ва беғараз буд. Ҳеҷ гоҳ набояд сухани омӯзгор аз амалаш фарқ кунад: *«Омӯзгорон баъзан як чиз мегӯянд, аммо амалу рафторашон дигар хел аст»* (менависад як донишҷӯдухтар).

Донишҷӯёнро бояд омӯзонид, на сарзаниш кард: *«Моро намеомӯзонанд, балки сарзаниш мекунанд»* (менависад донишҷӯдухтари дигар).

Доир ба ин масъала бояд барои факултаҳои (ё курсҳои) такмили ихтисоси муаллимони забони хориҷӣ тавсияҳо таҳия карда шаванд. Хеле муҳим аст, ки дар барномаи ин факултаҳо силсилаи лексияҳо ё курсҳои махсус бахшида ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари забонаш омӯхташаванда дохил карда шаванд ва мутахассисони варзида, арбобони санъат барои хондани лексия даъват карда шаванд. Тавсеаи ҷаҳонбинии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ дар ин соҳа ба онҳо барои беҳтар кардани сифати тадрис кумак мерасонад. Роҳандозии раванди тарбиявӣ, методҳои таъсиррасонӣ ба таври ногусастанӣ бо он вобаста аст, ки кӣ, чӣ хел тарбия мекунад. Табиист, ки самаранокии тарбияи ахлоқӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ бо шахсияти омӯзгор, обрӯю эътибори вай дар байни одамон, бо намунаи ибрат будани вай барои дигарон муайян карда мешавад. Обрӯю эътибор дар навбати худ ба андозаи зиёд аз алоқаи воқеӣ ва робитаи тарбиятдиҳанда бо одамон вобаста аст, чунки дар масоили тарбия ростгӯӣ, эътимод ва садоқат аҳаммияти махсус доранд. Барои даст ёфтан ба чунин эътимоду ошкоргӯӣ ба омӯзгори забони англисӣ зарур аст, ки на танҳо аз нигоҳи равонӣ (психологӣ) бо ҳар як донишҷӯ муносибату муошырати дуруст намояд, балки заминаро барои чунин муносибат пайдо кунад. Дар ин ҷо шакли муошират дар назар аст, ки дар коллективҳои донишҷӯӣ ва дар соҳаҳои муносибати байнишахсӣ маъмул шудааст. Дар психологияи иҷтимоӣ тақсим кардани муносибатҳои байнишахсӣ дар коллективҳо ба расмӣ ё корӣ ва ғайрирасмӣ ё шахсӣ қабул шудааст. Масалан, ҳангоми гузарондани машғулиятҳо оид ба забони хориҷӣ робитаи байни муаллим ва донишҷӯён ҷанбаи расмию корӣ дорад. Нақши тарбиявии чунин шакли таълимро кам накарда, бояд эътироф намуд, ки дар он ҷанбаи шахсии муошират амалан вуҷуд надорад. Ба мақсади ба даст овардани эҳтиром ва эътимод ва сатҳи баланди обрӯ ва нуфуз бояд иртиботи ғайрирасмиро ба роҳ андохт ва муносибати шахсӣ бо донишҷӯёнро барқарор сохт. Маҳз бо чунин шакли муносибати мутақобила шахсияти ҷавон пурратару ҳаматарафа ошкор мешавад. Агар донишҷӯён омӯзгорро эҳтиром намоянд, ӯро боэътибор шуморанд, пас, дар мулоҳизаҳо ва дар рафтори амалии худ то андозае ба ӯ пайравӣ мекунанд, худро бо шахси вай айният медиҳанд, ки ин ба муваффақият дар раванди тарбия мусоидат мекунад. Барои расидан ба ин мақсад, бояд бештар ба тақвияти робитаҳои шахсӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Агар чунин набошад, ё муяссар нашавад, натиҷаи таъсири тарбиявӣ чандон хуб нахоҳад буд. Маҳорати омӯзгор маҷмуи содаи дониш, қобилият ва малака намебошад. Он бо типи шахсияти омӯзгор, бо хусусиятҳои инфиродӣ – психологии вай, ки ба фаъолияташ тобиши хос медиҳанд ва чун услуби инфиродӣ фаҳмида мешаванд, алоқамандии наздик дорад. Аммо асоси фаъолияти муваффақонаи омӯзгори забони хориҷиро зоҳиран, сифатҳои шахсии умумӣ барои ҳама ва зарурӣ барои кор дар ихтисоси мазкур ташкил медиҳад.

Аз ин ҷо хулосаи муҳими амалӣ бармеояд, ки такомули омӯзгорони оянда ва навкор бояд на танҳо ба воситаи андӯхтани дониш, ки бештар вақт ҳамин тавр аст, балки бо роҳи худтарбиякунии касбӣ, яъне, дар худ тарбия кардани сифатҳои барои кор зарурӣ амалӣ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. - Душанбе, 2008.
2. Макаренко А. С. Соч. – Т.4. - М., 1958.
3. Педагогика: теории, системы, технологии: учебник для студ. высш. и сред. учеб. заведений[С. А.Смирнов, И. Б.Котова, Е. Н.Шиянов и др.]; под ред. С. А. Смирнова. – 8 изд., стер. – М.: Издательский центр «Академия«, 2008.
4. Рубина Л.Н. Советское студенчество. - М., 1981.
5. Сухомлинский В.А. О воспитании. – 2-е изд. – М.: Политиздат, 1975.
6. Столяренко Л.Д. Основы психологии: учебное пособие, изд. 18. – Ростов н/Д: Феникс. 2007.
7. Сухомлинский В.А. Но гражданином быть обязан //Неделя.* 1974. - №45.

# ЗИНДАГИИ ҲИКМАТБОР

**Хайрулло РАҲИМОВ – омӯзгори МТМУ №28, ноҳияи Варзоб, Аълочии маорифи Тоҷикистон**

**Бисту дуюми феврали соли 1945 қаҳрамонона ҳалок гардидани шоири шаҳид Ҳабиб Юсуфӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба 80 сол пур мешавад. Солест, ки омӯзгорони забону адабиёти тоҷик дар синфҳои 7 ва 11 зимни таълими мавзуи «Зидагиномаи шоир» барои дар ниҳоди хонандагон парваридани хислатҳои қаҳрамонӣ, мардонагӣ, далерӣ, меҳнатдӯстию ватанпарварӣ, софдилӣ ва хоксорӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.**

Инчунин, барои ба бачаҳо маълумоти мукаммали тарҷумаҳолӣ пешниҳод кардан ба ғайр аз мавзуи китоби дарсӣ, бояд аз дигар китобҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо далелҳои мароқангезро интихоб намуда, дар дарс ва суҳбатҳои ҷудогона бо хонандагон истифода баранд. Чунин рухдодҳо дар зиндагии шоир хеле зиёданд. Ба донишомӯзон фаҳмондан лозим аст, ки Ҳабиб Юсуфӣ ҳамагӣ 29 сол умр дид. Аввалин шеъри ӯ дар рӯзнома соли 1936 чоп шуд ва ба он устод Айнӣ баҳои баланд дод.

Шоир то соли 1942 пайваста ба кори эҷодӣ машғул шудааст. Ӯ дар муддати хеле кӯтоҳ аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузошт. Маҳсули эҷодияш аз соли 1936 то соли 1942 қариб ба 400 саҳифаи чопӣ расид. Аз он 180 саҳифа шеър, 120 саҳифа тарҷума, 94 саҳифа мақола ва мактубҳоянд. Рақамҳои фавқ ба он далолат мекунанд, ки Ҳ. Юсуфӣ шоир, адабиётшинос, тарҷумони босалиқа ва сермаҳсул буда, пайваста кору эҷод мекардааст. Аз хотироти Ҳабиб Аҳрорӣ маълум мегардад, ки вай то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ шеър менавиштааст. Аммо афсӯс, ки шеърҳои дар арсаи ҷанг навиштаи ӯ (мисли шеърҳои Мӯсо Ҷалили тотор, ки хайрхоҳе ба дӯстонаш оварда дод) то ҳол ба даст нарасидаанд.

Таҷрибаи зиёди кор дар синфҳои болоӣ нишон медиҳад, ки ба омӯзиши ин мавзуъ талабагонро низ қаблан омода кардан лозим аст. Аз ёд кардани баъзе шеърҳои шоир аз омилҳои асосии ба дарс омода намудани хонандагон мебошад. Шиносоӣ бо асарҳои Х.Мирзозода «Ҳ. Юсуфӣ», Р. Ҳошим «Сухан аз устодон ва дӯстон», Ҳ. Юсуфӣ «Роҳи нотамом», А. Истад «Ручуи вопасин» имкон медиҳад, ки хонандагон мавзуъро амиқтар аз худ намоянд.



Зикр кардан лозим аст, ки Ҳ. Юсуфӣ аз солҳои донишҷӯӣ дар техникум ба шеъргӯӣ шуруъ карда буд. Азбаски ӯ ҷавони хоксор ва фурӯтан буд, шеърҳояшро ҳоло нопухтаву норавон медонист ва аз чопи онҳо худдорӣ мекард. Шеърҳоро танҳо дар маҳфилҳо ба дӯстонаш мехонду бо ҳамин қаноат мекард. Барои возеҳтар маънидод намудан ва бовар кунонидани талабаҳо, ки дар ҳақиқат, Ҳабиб Юсуфӣ истеъдоди хуби шоирӣ дошта, дар байни аҳли қалам тадриҷан мавқеъ пайдо кардааст, гуфтаҳои муаллимаш Абдулқодир Ҷомеъро нақл кардан манфиатбахш мебошад: «Ман тобистони соли 1936 ба хонаи Айнӣ рафтам. Айнӣ ба даст рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон», бе он ки ҳолпурсӣ кунанд, гуфтанд:

– Ин шеърро хондед?

Чун донистам сухан аз хусуси шеъри Ҳабиб Юсуфӣ меравад, «ҳа, хондам», – гуфтам.

– Ин бачаро мешиносед? – боз пурсиданд.

– Нағз мешиносам.

– Барои чӣ ин бачаро ба пеши ман наовардед, бо ман нашиносонидед? Ин бача қобилияти

баланд дорад. Ӯро тарбия кардан лозим аст. Шумо ӯро пеши ман оред».

Дар бораи таҳсил ва рушду такомули маҳорати эҷодии шоири ҷӯянда ва нававар сухан ронда, шавку рағбати ӯро ба омӯхтани адабиёти классикии тоҷику рус шарҳ додан лозим аст. Тарҷумаҳои бадеии ӯро аз осори Лермонтов, Пушкин, Крилов, Маяковский, Шевченко ёдовар шуда, таъсири онҳоро ба эҷодиёти Ҳ. Юсуфӣ маънидод кардан зарур аст.

Барои исботи ин фикр суханони зерини дӯсти шоир Рофеъ Орифиро аз қавли нависанда Адаш Истад иқтибос овардан айни муддаост: «Ҳабиб, ёд дорӣ, ту «Евгений Онегин»-ро ба шавқ мутолиа мекардӣ? Аз он баъзе чизҳоро ба дафтарат навишта мегирифтӣ. Ман гумон карда будам, ки ту онро тарҷума мекунӣ. Вале ман хато карда будам. Ту аз шоири бузурги рус меомӯхтӣ».

Таъкид бояд кард, ки Ҳабиб Юсуфӣ ба маънои том шоири ватандӯст буд. Ҳаёти шоир моломоли лаҳзаҳои дилписанд ва аҷиб буда, саҳнаҳои ибратомӯзи онро бо суханони таъсирбахш ба хонандагон нақл кардан лозим аст. Махсусан, чунин лаҳзаҳо дар фаъолияти эҷодии Ҳабиб Юсуфӣ дар айёми ҷанг хеле зиёданд ва интихобан нақл кардани онҳо ҷанбаи тарбиявии мавзуъро тақвият мебахшад.

Барои ба ин мақсад ноил шудан бояд аввал диққати хонандагонро ба харитаи ҷаҳон ҷалб кард, дар бораи пайдоиши фашизм дар Германия, ба сари ҳокимият омадани Гитлер, мақсадҳои истилогаронаи ӯ ва соли 1941 аҳдшиканона ба Иттифоқи Советӣ ҳуҷум кардани вай маълумоти мухтасар дод. Сониян, оид ба чанд шеъри дар солҳои 1941-1942 эҷодкардаи Ҳабиб Юсуфӣ ва мазмуни ватандӯстона пайдо кардани эҷодиёти ӯ сухан ронда, порчаи зерро аз шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар» аз ёд хондан лозим аст:

***Вақти он аст,***
***Эй қалам!***
***Буррандатар гардӣ зи тег,***
***Вақти он аст,***
***Эй сухан!***
***Ғуррандатар гардӣ зи барқ,***
***То ба душман ҳамла орам,***
***Решааш бурӣ зи бех,***
***То расӣ, манҳус – анчарро кунӣ***
***бешоху барг!***

Шоир қалами худро ба «шамшер», суханашро ба «барқ» табдил дод, ки «анчари манҳус» (фашистон)-ро аз беху бунёд бурида, «бешоху барг» кунад. Аммо бо ин шоир қонеъ нашуд. Ишқи Ватан, садоқати бепоёни ба халқу наслҳои оянда доштааш шоирро ором намегузошт. Соли 1942 ба сафи артиш даъват шуд. Аввал ӯ дар омӯзишгоҳи ҳарбӣ-миномиётии шаҳри Пенза илми ҳарбӣ омӯхт ва унвони лейтенанти хурдро соҳиб шуд. Сипас, шоир вориди майдони мубориза алайҳи душманони палиди Ватан шуд. Қаблан ӯ дар шеърҳояш қалами худро ба шамшеру суханашро ба барқ ташбеҳ дода бошад, ҳоло теғ дар даст ба муқобили душманони Ватани маҳбубамон меҷангид.

Ҳабиб Аҳрорӣ, дӯсти шоир, дар бораи дар фронти Ленинград бори аввал вохӯрданаш бо Ҳабиб Юсуфӣ чунин нигоштааст: «…Дидам, ки даруни траншея дар рӯ ба рӯи заминкан, ба болои суфачаи хокӣ як марди ҳарбӣ сархам нишаста, чизе менависад. Погони лейтенантӣ дорад… дар синааш ордени «Ситораи сурх» ва медали «Барои мудофиаи Ленинград»… Вай сар бардошта… аз ҷояш хест. Қалам дар дасташ як вараки қоғазаш ба замин афтид… Ман бо чашмонам бовар накардам… Ин лейтенант Ҳабиб Юсуфӣ буд… Мо ним соат суҳбат кардем…» Дӯстон бори дуюм ва сеюм бо ҳам вохӯрда, аз ҳар хусус суҳбат кардаанд. Аммо дафъаи чорум Аҳрорӣ ба он ҷо омада мебинад, ки ба траншея снаряди душман афтида валангор шудаасту он ҷо касе нест. Баъди чанд вақт Аҳрорӣ аз афсар Н. Шкуратко нома мегирад, ки Ҳ. Юсуфӣ дар яке аз муҳорибаҳои роҳи шоссеи Варшава – Кенигсберг ярадор мешавад. Шоирро Н. Шкуратко ба госпитал бурда мемонад ва онҳо бо чашмони пуроб аз якдигар ҷудо мешаванд. Дар хотима бояд ба хонандагон таъкид намуд, ки баъди озодии хоки Ватан аз қадами шуми истилогарони хуношоми фашистӣ Ҳабиб Юсуфӣ бахри озодии дигар халқу мамлакатҳо ба Аврупо шитофт. Шоир орзу дошт, пас аз торумори фашистон боз ба Душанбеи азиз баргардад. Аммо, дар яке аз муҳорибаҳои шадиди наздикии шаҳри Варшава Ҳабиб Юсуфӣ сахт захмӣ шуда, қалби пурармонаш абадан аз тапиш бозмонд. Лекин руҳи поку хотираи неки шоир ва шеъру тарона,

достону мақолаҳои ӯ абадан дар қалби тамоми мардум нақш бастанд.

Дар раванди машғулият сатрҳои оташбори зер аз шеъри «Хайр, эй адиб», ки муносиби ҳоли худи шоир низ аст, хонда мешавад.

***Ҷӯши дили баҷӯшу хурӯши ту гашт паст,***
***Тӯтии хушзабони ту аз ҳарф лаб бубаст.***
***Афсӯсҳо, ки умр бароят вафо накард,***
***Сози ту нағмаи зафарашро адо накард.***
***Бори дигар туфанги забонат садо накард,***
***Тире дигар ба ҷониби душман раҳо накард.***

Барои мустаҳкам кардани дониши андӯхтаи хонандагон дар дарс ва идроку фаҳмиши онҳо санҷиши дараҷаи омӯхтани мавзуъ зарур аст. Баъди ҷамъбасти ҷавобҳо ва натиҷагирӣ ба бачаҳо супориш бояд дод, ки адабиёти иловагии пешниҳодшударо дар хона хонда, дар дафтари адабиёт лаҳзаҳои ҷолиби тарҷумаи ҳоли шоирро қайд кунанд ва ба навиштани иншо тайёр шаванд.

Рӯзи фавти шоирро дар китоби «Адабиёт» барои синфи 7-ум 15 феврал, дар китоби «Адабиёт» барои синфи 11-ум 22-юми феврал, дар китоби «Сатрҳои нотамом» нашриёти «Адиб» ҷ.л. саҳ. 220. 4-уми феврал, дар ҳамин китоб Анна Розенфелд дар мақолаи худ «Лаҳзае чанд аз рӯзгори Юсуфӣ» саҳ. 141 «... 2-юми феврали соли 1945 дар назди Варшава ҷон дод» навиштаанд.

Ба наздикӣ аз дохили китобҳои худ мақолаҳои устоди шодравон Соҳиб Табаровро пайдо кардам, ки дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» ва «Пионери Тоҷикистон» 26 январи соли 1975 бо чунин пешгуфтор чоп шудаанд: «Аъзо-корреспонденти АФ Тоҷикистон Соҳиб Табаров зимни мусоҳиба бо комиссариати ҳарбии Тоҷикистон, комиссариати ҳарбии ш. Самарқанд ва саруправленияи кадрҳои Вазорати мудофиаи СССР пурра муайян кардааст, ки командири взводи собиқ полки 532-и митемётии дивизияи 18-уми артилерӣ лейтенант Юсуфов Ҳабибулло (Ҳабиб Юсуфӣ) пас аз сахт ярадор шудан 4-уми феврали соли 1945 ҳалок гардида, дар мавзеи С. Э-и қабристони русҳо марқади рақами 9, ки дар шаҳри Викшуви губернияи Варшава воқест, дафн шудааст...»

Ин сана ба фикри мо аниқ буда, навишта шудани он дар ҳолномаи шоир авлотар хоҳад буд.

***Ватанро бинозам, маро дар канор,***
***Чу модар гирифту намуд бахтиёр.***
***Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст.***
***Ватан боғ, ҳам бӯстони ман аст.***
***Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,***
***Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.***

***Ҳабиб Юсуфӣ***

# ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ



**Зебо ҲУСЕЙНОВА – омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии назди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

**Дар замони ҷаҳонишавӣ ва рақамисозӣ дар соҳаи маориф дигаргуниҳои ҷиддӣ роҳандозӣ мешаванд. Дар ин замина воситаҳои гуногуни рақамӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ, нейрошабакаҳо, чатботҳо, муҳитҳои абрӣ, технологияҳои воқеияти виртуалӣ ва ғайра истифода мегарданд. Дар муқоиса бо дарсҳое, ки дар шакли анъанавӣ гузаронида мешаванд, раванди таълим бо истифода аз асбобҳои рақамӣ ҷолибтар ва самаранoктар аст. Мо пешниҳод менамоем, ки имконоти истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ҳам аз ҷониби омӯзгорон ҳангоми таълими забони хориҷӣ ва ҳам аз ҷониби хонандагон ҳангоми омӯзиши он баррасӣ карда шаванд. Дар оғоз бояд муайян кард, ки зеҳни сунъӣ (ЗС) чист?**

Зеҳни сунъӣ технологияест дорои қобилияти ҳалли мушкилот (монанд ба инсон) мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ЗС ба зеҳни инсон дар амал тақлид мекунад: он метавонад тасвирҳоро эътироф кунад, шеър нависад ва дар асоси додаҳо пешгӯӣ кунад. Ба ибораи дигар, ЗС як маҷмуи бузурги алгоритмҳо ва воситаҳои механиконидашудаи омӯзиш буда, метавонад зуд маълумот ба даст орад, қонунгузориҳои муайянро ошкор созад ё тамоюлҳоро пешгӯӣ кунад. Якчанд мисолро дар бораи истифодаи имконпазири зеҳни сунъӣ ҳангоми таълими забони хориҷӣ баррасӣ менамоем.

Бисёр платформаҳо (**Edvibe, Miro, ProgressMe, Notion, Trello, Canva** ва ғайра) ба муаллимони забонҳои хориҷӣ имкон медиҳанд, ки дар раванди таълим ёрирасонҳои зеҳни сунъиро истифода баранд. Онҳо бо пахши як тугмача қодиранд матнҳо ва супоришҳои заруриро барои онҳо, тасвирҳо, диаграмма, карточкаҳо ва дигар маводи дидактикӣ тавлид намоянд.

Чати **GPT** воситаи муассир барои арзёбӣ ва таҳлили корҳои хаттии хонандагон буда, қодир аст, ки хатоҳоро муайян кунад ва инчунин, барои ислоҳи онҳо ва беҳтар кардани сифати матнҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд. Ин ҳалли инноватсионӣ ба талабагон кумак мекунад, ки малакаҳои хаттии худро инкишоф диҳанд ва дар навиштани корҳои хаттӣ маҳорати бештар пайдо кунанд. Бо истифода аз чати GPT хонандагон имкони баҳодиҳии мустақили матни навиштаи худро доранд ва инчунин, метавонанд тавсияҳо ва маслиҳатҳоро барои беҳтар кардани малакаҳои хаттии худ омӯзанд. Истифодаи чати GPT як қадами воқеан муфид дар раванди таълим буда, ба беҳтар шудани сатҳи омодагии хонандагон мусоидат мекунад.



Платформаи **Magicschoolai** (https://app.magicschool.ai) барои видеоҳои дар канали Youtube ҷойгиршуда саволҳо эҷод мекунад. Ҳамзамон, он имкон медиҳад, ки сатҳи забондонии хонандагон, шумораи саволҳои дилхоҳ ва намуди саволҳо (якчанд гуна, ҷавоби озод) интихоб карда шавад.

Платформаи **DeepL** (https://www.deepl.com/ru/translator**)** – тарҷумон дар асоси нейрошабака. Он мафҳуми матнро хуб дарк мекунад ва дар сатҳи баланд тарҷума мекунад, ки

онро бо тарҷума аз тарафи афроди алоҳида муқоиса кардан мумкин аст. Платформаи зерин аз 33 забон иборат буда, дар он, аз ҷумла, забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, олмонӣ дохиланд.

Платформаи **Gliglish (**https://gliglish.com/intl/ru**)** муаллими интерактивии зеҳни сунъӣ буда, ба беҳтар кардани малакаҳои суханронии хонандагон кумак мекунад. Дар платформа хонандагон метавонанд вазъиятҳои ҳаётро дар шакли муколама нақш кунанд ва дар бораи грамматика фикру мулоҳизаҳоро гиранд. Дар ин платформа зиёда аз 30 забон дохил карда шудааст.

Платформаи **Natural Reader** (https://www.naturalreaders.com/) - хизматрасонии ЗС барои бо овоз хондани матн. Ин шабакаи нейронӣ барои омӯзондани талаффуз ва фаҳмиши нутқи хориҷӣ тавассути гӯш кардан кумак мекунад. Шумо метавонед гӯш кунед, ки сухангӯ чӣ гуна калимаҳоро талаффуз мекунад ва пас аз ӯ такрор намоед. Барнома зиёда аз 50 забонро дар бар мегирад.

Ёрдамчиёни ЗС дар платформаи **ProgressMe** (https://progressme.ru) ба шумо имкон медиҳанд, ки мазмунро ба сатҳ, шавқу рағбат ва эҳтиёҷоти хонандагон зуд танзим ва бо луғат ва сохторҳои грамматикӣ барои ҳар як хонанда машқҳои мувофиқ пайдо кунед. Танҳо бо забони хориҷӣ дархост фиристед. Он дар давоми якчанд сония ҷавоб медиҳад.

Намунаҳои чунин дархостҳо:

1. Write a text using words (vocabulary). Write about (number) words.
2. Write sentences about (topic) for English learners (level) using the words: (vocabulary).
3. Write 4 sentences with different verbs in (grammar).
4. Write a blog post/ letter/ academic text about (topic).
5. Summarize this text for a 2nd grader / an Intermediate English learner:
(text).
6. Correct the mistakes in the text: (your text).

Шумораи зиёди чатботҳо дар шабакаи Telegram (@multitran bot, @AndyRobot, @eddy en bot, @EnglishSimpleBot ва дигарон) ба хонандагон дар ташаккули намудҳои пурмаҳсули фаъолияти нутқи забони хориҷӣ: навиштан ва ё гуфтугӯ кумак мекунанд. Истифодаи чатботҳо ба рушди малакаҳои муошírати шифоҳӣ ва хаттии талабагон ҳам дар синф ва ҳам берун аз он мусоидат мекунад. Муошírати шифоҳӣ бо чатбот ба рушди қобилияти баён кардани фикр ва фаҳмидани ҳамсуҳбат мусоидат мекунад ва машқҳои хаттӣ бошанд, ба рушди малакаҳои навиштан ва хондан мусоидат мекунанд. Бояд қайд кард, ки ҳангоми муошират бо чатботҳо хонандагон малакаҳои самараноки нутқи забони хориҷиро инкишоф медиҳанд.

Ба ин васила, алгоритмҳое, ки дар зеҳни сунъӣ истифода мешаванд, ба муаллимон имкон медиҳанд, кори худро боз ҳам беҳтар иҷро кунанд. Имконоти истифодаи ЗС барои омодагӣ ба дарсҳо, ташкили курсҳо ва банақшагирӣ танҳо бо тасаввуроти муаллим ва хоҳиши ӯ барои озмоиш бо дархостҳои гуногун маҳдуд аст. Истифодаи технологияи ЗС дар омӯзиши забон, ба раванди гирифтани фикру мулоҳизаҳо суръат мебахшад ва ин ба донишомӯзон имкон медиҳад, ки ҳадафҳои худро муайян кунанд ва барномаи фардии омӯзиширо давом диҳанд.

Ҳамин тариқ, воситаҳои зеҳни сунъӣ ба осон кардани кори касбии омӯзгорони забони хориҷӣ, кам кардани вақти омодагӣ ба дарсҳо, таҳия ва тафтиши супоришҳо мусоидат мекунанд. Онҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки раванди таълимро ташкил ва онро бештар фардӣ кунед ва хонандагонро ба омӯзиши забони хориҷӣ ҳавасманд намоед.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Зеҳни сунъӣ чӣ аст ва имконоти он. - URL: https://www.nur.kz/family/school/1817736-iskusstvennyj-intellekt-sovremennyevozmoznosti-i-perspektivy.

2. Чӣ гуна ChatGPT ва дигар барномаҳои ЗС-ро дар таълими забонҳо истифода бояд бурд? - URL: https://blog.progressme.ru/resheniya/kak-ispolzovatchatgpt-i-drugie-ai-v-prepodavanii-yazykov-gotovye-shablony-i-uroki.

3. Рольгайзер, А.А. Перспективы использования искусственного интеллекта в практике преподавания иностранного языка // Актуальные вопросы лингводидактики и методики преподавания иностранных языков: сб. науч. ст. - Чебоксары: Чуваш. гос. пед. ун-т, 2022. - С. 243-248.

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ТАЪЛИМ



**Ҷӯразода Хайруллоҳ ШАРОФ – мудири шуъбаи фанҳои табиӣ, риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ**

**Такмили таълим ва инкишофи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар асоси тадбирҳо бо мақсади иҷрои дастуру пешниҳодоте, ки аз мулоқотҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндаҳои зиёиёни мамлакат, вохӯриҳои судманд дар ноҳияҳою шаҳрҳо ва Паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, дар татбиқи усулҳои муосири таълим ва саҳми онҳо дар ташаккули тафаккури техникии хонандагони дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ муҳим мебошад.**

Муҳимият ва мубрамияти ин масъала, пеш аз ҳама, аз баланд бардоштани ташаккули тафаккури хонандагон, ҷалби толибилмон ба омӯзиш ва шиносоии фарҳанги миллӣ, таърих, тиб, табиатшиносӣ, эколгия, техника ва технология, дуюм барои равнаку ривоҷи илму техника, баланд бардоштани иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, гулгулшукуфии ҷумҳурии азизамон зоҳир мешавад. Вобаста ба ин, суханҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони соҳаи маорифро овардан мумкин аст: «Назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Ин тадбир барои аҳли илму маориф муҳим буда, амалигардонии усулҳои муосири таълим ва саҳми онҳо дар ташаккули тафаккури техникии хонандагон дар муассисаҳои тасилоти умумӣ ва олӣ ба шумор меравад. Дар асоси ин гуфтаҳо таҳқиқ, коркард ва ҷамъоварии маълумотҳо оид ба беҳтар шудан, дар ин самт барои дар сатҳи баланд тайёр намудани кадрҳои баланихтисос ва мустаҳкам намудани таҳкурсии заминавӣ, бартараф намудани мушкилиҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ дида мешавад, мубрамияти ин гуна масъалаҳоро тасдиқ мекунанд. Инсоният дар даврони имкони бепоён зиндагӣ мекунад. Дар ин замина, тағйирот ба таври қонунӣ ҷузъи ҷудонашавандаи рушди шахсият, ҷомеа ва ҳатто, давлат ҳисобида мешавад. Имрӯз талаботи ҷомеаи байналмилалӣ чист? Консепсияи рақамисозии умумӣ дар рӯзнома аст. Ҳар



қадаре ки давлатҳо ва шахсони алоҳида зарурат ва манфиатҳои ин равандро дарк кунанд, ҳамон қадар онҳо метавонанд аз бартариҳои муосир бидуни беҳуда сарф кардани вакт истифода баранд. Технологияи рақамӣ ба ҳаёти мо торафт бештар ворид мешавад. Баъзе одамон ҳаёти худро бе ихтирооти нав ё имконияти фавран гирифтани маълумот тасаввур карда наметавонанд. Дар робита ба рушди пешрафти илмию техникӣ, ҷамъият фармоиши иҷтимоиро барои тайёр кардани хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми ва олӣ муайян мекунад, ки қодир аст дар ҷараёни иттилоот ва технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳ ёбад. Он бояд тасаввурот ва ҳиссиёт, тасаввуроти фазоӣ, қобилияти пешгӯии натиҷа ва тарзи ҳалли масъаларо таҳия кунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки сифати дониш

баланд бардошта шавад. Ҳамаи ин бояд дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, математика ва технологияи иттилоотӣ таълим дода шавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотии компютерӣ дар таълим яке аз самтҳои устувори рушди раванди таълим мебошад. Дар айни замон яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълим ворид шудан ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ мебошад. Дар раванди таълим технологияҳои иттилоотӣ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд, дар дарсҳо барномаҳои омӯзишии компютерӣ, санҷиш, моделиронӣ, презентатсияҳо истифода мешаванд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ самаранокӣ ва сифати омӯзишро баланд мебардорад, таваҷҷуҳи толибилмон ва ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиш зиёд мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имконотро барои дастрасӣ ба иттилооти ҷорӣ, «муколама» бо манбаи дониш ва сарфаи вақт фароҳам меорад. Омезиши ранг, аниматсия, мусиқӣ, нутқи садоӣ, моделҳои динамикӣ ва ғайра имконоти пешниҳоди маълумоти таълимиро васеъ мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим дарсҳои аудиторӣ ва худидоракуниро ҷолибтар, динамикӣ ва боварибахш мегардонад ва инчунин, дастрасии ҷараёни бузурги иттилоотро таъмин мекунад. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба омӯзгор захираи зиёди дастгирии техникӣ ва технологӣ дода, қисми зиёди вақти ӯро барои муоширати зинда бо хонандагону донишҷӯён озод мегардонад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои барномаи солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» системаи маориф тибқи таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ пурра нав карда, таҳсилоти нав ба талаботи иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ буда, пеш аз ҳама, ба малакаҳои таҳлили иттилоот ва рушди тафаккури эҷодӣ, на аз ёд кардани далелҳо ва формулаҳо, нигаронида мешавад. Дар системаи таҳсилоти миёна ва олӣ бо мақсади рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва тафаккури интиқодии насли ояндасоз фанни «Саводнокии рақамӣ» ҷорӣ карда шуда, барномаҳо пеш аз ҳама, дар робита ба таҷдиди забонҳои барномасозӣ барои дохил кардани унсурҳои STEM (робототехника, воқеияти виртуалӣ, чопи 3D ва ғайра) нав карда мешаванд. Ҳамзамон, омӯзиши омӯзгорони технологияҳои нави рақамӣ барои такмил ва азхудкунии донишҳои нав ба таври доимӣ гузаронда мешавад.

Мактаби рақамӣ чист ва он аз мактаби муқаррарӣ чӣ фарқ дорад?

Мактаби рақамӣ як намуди махсуси муассисаи таълимӣ буда, таҷҳизот ва нармафзори рақамиро дар раванди таълим бошуурона ва самаранок истифода мебарад ва ба ин васила рақобатпазирии ҳар як толибилмро баланд мебардорад. Мактабҳои рақамиро ҳамчун падидаи ғайриодӣ ва ҳатто, навтар баррасӣ кардан мумкин нест, зеро технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама муассисаҳои таълимӣ фаъолона истифода мешаванд. Муассисаҳое, ки ба технологияҳои рақамии таълим мегузаранд, аз ҷиҳати таҷҳизоти техникӣ ва иттилоотӣ, омодагии муаллимон ба кор дар шароити нав ва сатҳи идоракунии муҳити таълим аз ҳамдигар комилан фарқ мекунанд.

Технологияи рақамӣ чист?

**Технологияҳои рақамӣ** як қатор восита ва усулҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, ҷустуҷӯ, мубодила ва намоиши рақамӣ имкон медиҳанд.

**Веб-сайт** платформаи онлайн аст, ки онро тавассути Интернет дастрас кардан мумкин аст. Он суроғаи муайян дошта, ба шахс ё ташкилот тааллуқ дорад. Он аз як қатор саҳифаҳои интернетӣ иборат буда, корбарон метавонанд аз он истифода баранд. Барои он ки веб-сайт ҳисобида шавад, платформа бояд ҳадди аққал як саҳифаи интернетӣ дошта, мунтазам нав карда шавад, одатан на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ. Ин саҳифа дорои индекси ягонаи захиравӣ (URL) буда, ба корбарон имкон медиҳад, ки онро аз ҳар нуқтаи Интернет дастрас кунанд.

**Шабакаи умумиҷаҳонӣ** як системаи мураккабест, ки компютерҳо ва шабакаҳои компютерии маҳаллиро дар саросари ҷаҳон мепайвандад. Ин дастгоҳҳо тавассути каналҳои иртиботии ширкатҳои телекоммуникатсионӣ ва дигар ташкилотҳо бо ҳам пайвастанд. Шабакаи умумиҷаҳонии интернет ба корбарон имконоти номаҳдуд барои мубодилаи иттилоот, мубодилаи захираҳои техникӣ ва нармафзор ва дастрасӣ ба маводҳои гуногунро фароҳам меорад. Он метавонад ҳам дастраси умум бошад ва ҳам маҳдуд, масалан, шабакаҳои корпоративӣ ё идоравӣ: интернет ва экстранет. Компютере, ки метавонад, маълумоти электрониро ба дастгоҳҳои дурдаст, ки берун аз як ё якчанд бинои ҳамсоя ҷойгиранд, фиристад ва қабул кунад, ба шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст ҳисобида мешавад. Муҳим нест, ки кадом сахтафзор, нармафзор, протоколҳо ва қоидаҳо барои интиқоли маълумот истифода мешаванд.

**Хароҷоти рақамӣ** хароҷоти воқеии молиявии ширкат вобаста ба хариди сахтафзор ва нармафзори компютерӣ, пардохти хидматҳои коммуникатсионӣ, омӯзиши кормандон барои кор бо асбобҳои рақамӣ ва ҷалби созмонҳо ва мутахассисони тарафи сеюм мебошанд. Илова бар ин, ба ин категория хароҷоти дигари бевосита бо технологияи рақамӣ алоқаманд, аз ҷумла, хароҷоти таҳияи нармафзор бо қувваи худ дохил мешаванд.

**Интернет** як шабакаи ҷаҳонии компютерҳои ба ҳам алоқаманд буд, бо ҳамдигар тавассути протоколҳои стандартикунонидашудаи коммуникатсионӣ ҳамкорӣ мекунанд.

**Пайвасти** устувори интернет метавонад бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла, пайваст кардани модем ба хатти телефон ё шабакаи рақамии хидматҳои ҳамгирошуда таъмин карда шавад. Имконоти дигар аз хатҳои муштарии рақамӣ ба монанди xDSL, пайвастҳои кабелӣ бо хатҳои махсус ва нахи оптикӣ, алоқаи моҳворай, бесими собит ва шабакаҳои маҳаллии бесим ва WiMAX-ро фаро мегирад.

**Пайвастшавӣ** ба интернети мобилӣ маънои дастрасӣ ба интернетро тавассути шабакаҳои мобилӣ дорад. Ба чунин шабакаҳо W-CDMA, UMTS, CDMA2000 1xEV-DO, CDMA 2000 1xEV-DV ва LTE, инчунин, дигар намудҳои шабакаҳои мобилии интиқоли маълумот дохил мешаванд. Ин пайвастагиҳо вобаста ба намуди мушаххаси шабака метавонанд маҳдуд ё фарохмаҷро бошанд.

**Интернет** шабакаи дохилии ширкат дар асоси технологияи рақамӣ буда, барои мубодилаи самараноки маълумот байни кормандон пешбинӣ шудааст. Бо шарофати ин шабака, кормандон метавонанд ба осонӣ ва зуд ба иттилооти корпоративӣ ба таври электронӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

**Шабакаи маҳаллӣ** маҷмуи компютерҳо ва дигар дастгоҳҳо, аз қабили принтерҳо ва сканерҳо буда, дар бино ё гурӯҳи биноҳо ба ҳам пайвастанд. Он барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххаси ташкилот пешбинӣ шуда, усулҳои алоқаи умумиро ба монанди Интернет истифода намебарад. Шабакаи маҳаллӣ аз интернети ҷаҳонӣ ҷудо кор мекунад ва танҳо барои иҷрои вазифаҳои муайян дар дохили созмон истифода мешавад.

**Компютери фардӣ** (КФ) дастгоҳи электронӣ буда, метавонад ҳам дар мизи корӣ ва ҳам сайёр бошад. КФ мизи корӣ манбаи доимии баркро талаб мекунад ва он одатан дар шакли статсионарӣ насб карда мешавад, масалан, дар шакли системаҳои алоҳидаи мизи корӣ ва мониторҳои бо кабел пайвастшуда. КФ, аз ҷумлаи ноутбукҳо, нетбукҳо ва планшетҳо ба пайвасти доимӣ ба манбаи барқ ниёз надоранд ва онҳоро ба осонӣ интиқол додан мумкин аст. Телефонҳои мобилӣ ва дастгоҳҳои шахсии сайёр ба ин таъриф дохил намешаванд.

**Нармафзори махсус** барои ҳалли масъалаҳои мушаххас, новобаста аз пайдоиши он, пешбинӣ шудааст, ки оё он бо қувваи худ таҳия шудааст, харида шудааст, фармоиш дода шудааст ё бо роҳҳои дигар харидорӣ шудааст. Ин нармафзор таъйиноти умумиро дар бар мегирад, ба монанди системаҳои аиалиётӣ, компиляторҳо ва барномаҳои стандартӣ, ки барои иҷрои масъалаҳои мушаххас, ба монанди таҳрири матн, коркарди тасвирҳо, сохтани ҷадвалҳои электронӣ ва идоракунии пойгоҳи додаҳо истифода мешаванд. Аммо воситаҳо, ба монанди барномаҳои антивирусӣ ва муштариёни почтаи электронӣ, нармафзори махсус ҳисобида намешаванд, агар онҳо бо мақсади муайян насб карда нашуда бошанд.

**Барномаҳои иловагии** махсуси нармафзор системаҳои автоматикунонии бонкӣ, ҳалли фармоишии автоматикунонии тиҷорат, нармафзори махсуси коркарди фармоиш, системаҳои автоматикунонидашудаи китобхона, воситаҳои тарҷума, луғатҳо ва дигар барномаҳои махсусро дар бар мегиранд.

**Фарохмаҷрои Интернет** як намуди пайвасти интернет аст, ки пайвасти доимӣ ва баландсуръатро бо суръати 256 Кбит/с ё баландтар дар як самт ё ҳарду таъмин мекунад.

**Экстранет** як шабакаи бехатар буда, протоколҳои интернетиро барои мубодилаи иттилооти тиҷорӣ бо таъминкунандагон, чаканафурӯшон, муштариён ва дигар шарикони тиҷорӣ истифода мебарад. Он метавонад ба системаи мавҷудаи ширкат ворид карда шавад ё ҳамчун як бахши алоҳидаи веб-сайти ширкат сохта шавад.

**CRM** асбобест, ки ширкатҳо барои идоракунии муносибатҳои муштариён истифода мебаранд. Он ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки маълумотро дар бораи муштариёни худ, аз қабили ниёзҳо, афзалиятҳо ва таърихи харид ҷамъоварӣ ва нигоҳ дорад. Ин маълумот барои пайгирии

давраҳои фурӯш ва нархи маҳсулот истифода шуда, ба тиҷорат кумак мекунад, ки ниёзҳои муштариёни худро беҳтар дарк кунад ва пешниҳодҳои худро ба ин ниёзҳо мутобиқ созад.

**ERP** ҳалли нармафзорест, ки ба корхонаҳо дар идора ва пайгирии тамоми захираҳои барои фурӯш, истеҳсол, харид ва ҳисоботи молиявӣ дар тамоми раванди иҷрои фармоишҳои муштариён зарур кумак мекунад.

**SCM** воситаест, ки ба осонӣ бо системаҳои идоракунии фармоиш ҳам таъминкунандагон ва ҳам муштариён ҳамгиро мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, инқилоби рақамӣ барои рушди тамоми бахшҳои иқтисоди муосир муҳим аст. Он барои рушди иқтисодӣ замина фароҳам меорад ва имконоти нав фароҳам меорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақсад гузоштааст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва тиҷорат суръат бахшанд. Барномаи миллиро ташаббусҳои рушди сармояи инсонӣ дар бар мегирад, ба монанди «Кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ» ва «Рушди захираҳои инсонӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ».

Таърихан, раванди кироя ба усулҳои дастӣ барои ҷустуҷӯ ва интихоб асос ёфта, метавонанд вақти зиёдро талаб кунад. Бо вуҷуди ин, бо пайдоиши технологияҳои рақамӣ ин раванд тағйир ёфт. Истифодаи интихоби автоматикунонидашудаи номзадҳо дар асоси алгоритмҳои мураккаб самаранокӣ ва дақиқии интихоби кадрҳоро вусъат бахшид. Имрӯз дар иқтисоди рақамии муосир идоракунии захираҳои инсонӣ таҳияи системаҳоро барои идоракунии миқдори зиёди маълумот, инчунин, истифодаи омӯзиши мошинӣ ва зеҳни сунъӣ дар бар мегирад. Мутахассисон дар пешрафти идоракунии технологӣ пешсафанд, усулҳои анъанавиро аз нав дида мебароянд ва нақши худро ба сатҳи нав мебардоранд.

Технологияҳои рақамӣ дар соҳаи кадрҳо нақши муҳим мебозанд ва навовариҳоро дар соҳаҳои гуногун ҳавасманд мекунанд. Воситаҳои рақамӣ, алахусус, зеҳни сунъӣ ва омӯзиш қисми ҷудонашавандаи раванди ҷалбкунӣ мешаванд. Бо шарофати алгоритмҳои интеллектуалӣ, ширкатҳо метавонанд талаботҳои кориро бо тахассуси номзадҳо ба таври муассир муқоиса кунанд, раванди ҷалбро суръат бахшанд ва онро дақиқтар кунанд. Интегратсияи зеҳни сунъӣ ва омӯзиш ба раванди ҷалбкунӣ як тағйироти ҷиддии стратегияи рақамӣ мебошад. Ширкатҳо бояд ин воситаҳоро истифода баранд, то дар муҳити муосири зудтағйирёбандаи тиҷорат рақобатпазир бошанд. Дар манзараи доимо тағйирёбандаи имрӯзаи тиҷорат, ҷорӣ намудани технологияҳои нав на як варианти имконпазир, балки зарурат шудааст. Ширкатҳое, ки ин тағйиротро қабул намекунанд, хавфи қафо мондан ва аз даст додани афзалиятҳои рақобатии худро доранд. Зеҳни сунъӣ ва омӯзиш қодиранд, вазифаҳои такроршавандаро автоматӣ кунанд, ҳосилнокиро баланд бардоранд ва ба ширкатҳо дар қабули қарорҳои огоҳона дар бораи кадрҳо кумак расонанд. Ин метавонад ба баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии кормандон оварда, дар ниҳоят ба муваффақияти ширкат мусоидат кунад. Рушди технологияҳои рақамӣ қисми ҷудонашавандаи идоракунии захираҳои инсонӣ гардида, ба корҷӯён таъсири назаррас мерасонад. Раванди кироя барои интихоби беҳтарин номзадҳо муҳим гашта, ҳамкории аввалия бо кормандони эҳтимолӣ барои ташаккули обрӯи ширкат ва ҷалби мутахассисони боистеъдод муҳим аст. Корфармоён мекӯшанд, ки раванди кирояро бо истифода аз абзорҳои рақамӣ оптимиалӣ, вазифаҳоро сода, хароҷотро кам ва равандҳои такрориро автоматӣ кунанд. Ин технологияҳо самаранокӣ ва дақиқии раванди ҷалбро тавассути кумак ба ширкатҳо дар ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони барҷаста афзоиш медиҳанд. Дигаргунсозии рақамии ҷомеа ва рушди технология қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ гардид. Дар баробари ин рӯйдодҳо, консепсияҳои саводнокии рақамӣ ва соҳаи рақамӣ пайдо шуданд. Фаъолияти иқтисодӣ муайян кард, ки дар тамоми бахшҳои бозор он мушоҳида мешавад ва доимо рушд мекунад. Ин потенсиали рақамисозиро таъкид мекунад, ки метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири назаррас расонад. Имрӯз мо барои амалиёти ҳаррӯза ба платформаҳои рақамӣ, ба монанди порталҳои хидматрасонии давлатӣ ва марказҳои бисерфунксионалӣ такя мекунем. Барномаҳои мобилии андоз ва бонкӣ созмонҳо ва ҳаёти ҳаррӯзаи моро дастгирӣ мекунанд. Ин асбобҳои рақамӣ барои кори мо муҳиманд. Стратегияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, асоси барномаи рушди иқтисоди

рақамӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҳуҷҷат ҳадафҳо, стратегияҳо ва чораҳои сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оварда шудаанд. Мақсади ин санад мусоидат ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва таъсиси иқтисоди рақамии миллӣ, дар як вақт ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон мебошад. Стратегия консепсияи «иқтисоди рақамӣ» фаъолияти иқтисодиро ҷорӣ карда, ба маълумоти рақамӣ вобаста аст. Он аҳамияти коркард ва таҳлили миқдори зиёди маълумотро барои баланд бардоштани самаранокӣ дар муқоиса бо усулҳои анъанавӣ таъкид мекунад. Дар ҳуҷҷат ҷанбаҳои гуногуни иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла, истеҳсол, технология, таҷҳизот, нигоҳдорӣ, фурӯш ва тақсимоти молҳо ва хидматҳо баррасӣ карда мешаванд. Дар он аҳаммияти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули манзараи иҷтимоию иқтисодӣ ва зарурати рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди иттилоотӣ барои ҳамаи иштирокчиёни иқтисоди рақамии Тоҷикистон таъкид карда мешавад.

Барнома панҷ самтро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо кадрҳо мебошад. Татбиқи ин масъала шаш бандро бояд фарогир бошад:

1. Танзими муҳити рақамӣ.
2. Инфраструктураи иттилоотӣ.
3. Кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ.
4. Амнияти иттилоотӣ.
5. Технологияи рақамӣ.
6. Идоракунии давлатии рақамӣ.

Дар доираи барнома барои лоиҳаи таълимӣ оид ба иқтисоди рақамӣ тақрибан **х** сомонӣ ҷудо карда мешавад. Дар ояндаи наздик иқтисоди Тоҷикистон ба мутахассисони технологияи рақамӣ, менеҷерон ва кормандони омода барои муқовимат ба масъалаи вақт ниёз дорад. Онҳо бояд ҳамзамон, кор ва таҳсил кунанд, зеро онҳо фазои нави иттилоотии рақамиро эҷод мекунанд ва ташкилотҳоро дар бахшҳои гуногун (давлатӣ, таълимӣ, саноатӣ ва ғайра) рақамӣ мекунанд.

Талабот ба технологияи рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла, захираҳои инсонӣ меафзояд. Дар соҳаи идоракунии кадрҳо, шароити ҳаёти муосир доимо тағйир меёбад ва мутобиқшавӣ на танҳо аз мутахассисони IT, балки аз менеҷеронро низ вобастагӣ дорад. Кадрҳо як қатор малакаҳои асри 21-ро аз худ намуда, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро ҳам дар ҳаёти касбӣ ва ҳам дар ҳаёти шахсии худ самаранок истифода мебаранд. Дар айни замон, мо метавонем якчанд мушкилиро, ки дар заминаи рушди иқтисоди рақамӣ, махсусан, дар соҳаи захираҳои инсонӣ ба миён меоянд, қайд кунем. Ин мушкилот таҳқиқ ва таҳияи ҳалли минбаъдаро талаб мекунанд. Чунончи:

1. Интизориҳои ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар бораи тағйирёбии рақамии иқтисод кадомҳоянд? Оё ин интизориҳо ба ҳамдигар вобастаанд, якдигарро истисно мекунанд ё мустақиланд?

2. Оё ташкилот равандҳои ҷории худро бояд аз нав дида бароянд? Оё ба навсозӣ, таҷдиди сохтор, такмил ё азнавсозии онҳо ниёз вуҷуд дорад?

3. Тағйироти рақамӣ ба идоракунии кадрҳо чӣ гуна таъсир мерасонад?

4. Корфармоён ва коргарони муосир кадом малака ва тахассусро талаб мекунанд?

Ҳадафи ин кор муайян ва ҳалли масъала дар соҳаи идоракунии кадрҳо дар заминаи иқтисоди рақамӣ мебошад. Ин тадқиқот ба ҳуҷҷатҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, дар он сиёсати кишвар оид ба ҷорӣ ва рушди ТИК, инчунин, равишҳои анъанавии идоракунии кадрҳо дар ташкилотҳо оварда шудаанд. Натиҷаҳои ин тадқиқот вазъи кунунии кадрҳоро беҳтар дарк мекунанд ва барои беҳбудиҳои оянда маълумоти пурарзиш медиҳанд.

Ҳамин тавр, ба мо лозим аст, кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ҳадафҳои барномаи солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»-ро татбиқ намоем. Тадбирҳо пеш аз ҳама, омода, ҷорӣ ва рушди ТИК дар ҷомеа буда, тавассути таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олию миёна, курсҳои такмили ихтисос ва коромӯзӣ дар корхонаю идораҳо ва ғайра ба мақсад расидан мумкин мебошад.

# ТАНИ СИҲАТ – БЕХИ ДАВЛАТ



**Зулфия ТОШБОЕВА – сармутахассиси шуъбаи байналмилалии Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо**

**Ба назар мерасад, ки солҳои охир инсон ба бемориҳои узвҳои нафаскашӣ бештар дучор шуд истодааст. Аз рӯйи тадқиқотҳои табибон, қариб 40% бемориҳои инсон ба узвҳои нафаскашӣ рост меояд, ки ин хеле ташвишовар аст. Нафаскашӣ аз фаъолиятҳои асосӣ дар ҳаёти инсон буда, ба воситаи узвҳои он мубодилаи газҳо байни ҷисми инсон ва муҳити атроф ба амал меояд. Бемориҳои узвҳои нафаскашӣ (БУН) гурӯҳи бемориҳои роҳи нафас ва шуш мебошад. Дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ин бемориҳо авҷ гирифта, дар фасли баҳор ва тобистон одатан, аллергенҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Одамони синну соли гуногун қариб ҳар сол аз чунин бемориҳо азият мекашанд.**

Новобаста аз оне ки бемориҳои узвҳои нафаскашӣ хеле зиёданд, тибби асри ХХ1 бағоят рушду пешрафт намудааст. Имрӯзҳо шароити зисту зиндагонии инсон хуб буда, кӯдакону калонсолон аз ҷониби табибон мунтазам муоина карда мешаванд. Дар зер нақшаи яксоатаи дарс омода шудааст, ки он метавонад хонандаро бо маълумотҳои зарурӣ мусаллаҳ намуда, худро аз бемориҳои узвҳои нафаскашӣ ҳифз намояд.

**Мавзуъ: Бемориҳои узвҳои нафаскашӣ ва пешгирии онҳо**
**Фан:** *Биология*
**Синф:** *9*
**Мақсади дарс:**
**Хонанда**
✓ бо бемориҳои узвҳои нафаскашӣ шинос мешавад;
✓ бемориҳои узвҳои нафаскаширо номбар мекунад;



✓ барои пешгирии бемориҳои узвҳои нафаскашӣ мисол меорад;
✓ фарқи бемориҳои узвҳои нафаскаширо мегӯяд;
✓ барои пешгирии бемориҳои нафаскашӣ иттилоъ мегирад;
✓ дар ҳифзи саломатии худ эҳтиёткор мешавад.

**Тавсия ба омӯзгор:**

1) Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо кунед (масалан: «Неруманд», «Бардам», «Варзиш», «Боқувват»).

2) Супоришро ба аҳли гурӯҳ шинос кунед.

3) Ба ҳар як гурӯҳ ҷадвалҳои пешакӣ омодашударо тақсим кунед (масалан, ҷадвали №1 - ба гурӯҳи «Неруманд», № 2 - «Бардам», № 3 - «Варзиш» ва № 4 - «Боқувват»).

4) Ҷадвалҳоро дар варақи А4 пешакӣ омода карда, ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки ҷадвали худро дар ватман (флипчарт) кашида, ҷавобҳояшонро дар он қайд кунанд.

5) Ҳар як гурӯҳ вобаста ба супоришу матн ҷадвали худро пур мекунад.

6) Пас аз ҳар як муаррифӣ саволҳо пешниҳод кунед. Инчунин, хоҳиш кунед, ки хонандагон низ ба ҳамдигар саволҳо пешниҳод намоянд.

7) Кори гурӯҳҳоро назорат кунед.

**1. ОҒОЗИ ДАРС** (Водорнамоӣ)

**Савол ба аҳли синф (аз мавзуи гузашта):**

1) Ҳангоми ором нафас гирифтани одами калонсол чанд сантиметр ҳаво ба шуш дохил мешавад? (500 см).

2) Дар ҳавои нафасгирӣ чӣ мавҷуд аст? (21% оксиген, 79% нитроген, 0,03% гази карбонат, каме буғи об ва газҳои инертӣ).

3) Сулфа чӣ тавр ба вуҷуд меояд? (Тавассути даҳон баровардани нафаси тези рефлекторӣ ва ҳангоми ангезиши роҳи гулу).

4) Оё инсон ба воситаи ҳаво метавонад сироят ёбад? (Ҳа).

**2. МАВЗУИ НАВ** (Даркнамоӣ)

**Супориши умумӣ ба аҳли гурӯҳ:**

1. Ба гурӯҳҳои хурд ҷудо шавед.
2. Матни гурӯҳи худро хонед.
3. Пас аз мутолиаи матн дар гурӯҳ машварат карда, ҷадвалро пур кунед.
4. Кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоед.
5. Муаррифии дигар гурӯҳҳоро гӯш карда, савол пешниҳод кунед.
6. Барои иҷрои супориш 25 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

Пас аз ба анҷом расидани вақт гурӯҳҳо бо навбат кори худро муаррифӣ мекунанд ва ба саволҳо (агар пешниҳод шуда бошанд) ҷавоб медиҳанд**.**

**3. МУСТАҲКАМКУНИИ ДАРС** (Мулоҳизаронӣ)

**Савол ба аҳли синф:**

1) Зуком чист?

2) Чӣ тавр зуком дар организми одам паҳн мешавад?

3) Чӣ тавр аз зуком худро бояд эҳтиёт кард?

4) Бемории сил чӣ гуна беморист ва чӣ тавр он дар байни одамон паҳн мешавад?

**4. ХУЛОСАБАРОРӢ**

**Супориш:**

1) Дар мавзуи «Зуком» шеъри беқофия (синквейн) омода кунед.

2) Барои иҷрои супориш ба шумо 1 дақ. вақт дода мешавад.

Зуком: 1–то исм; 2 сифат; 3 феъл; ҷумла; муродиф.

**Намуна:** *Зуком; хатарнок, сирояткунанда; ба вуҷуд меояд, паҳн мешавад, дохил мешавад; Зуком бемории сирояткунанда аст. Бемории димоғ, назла, тимоқ.*

**СУПОРИШҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ГУРӮҲҲО**

**Барои гурӯҳи "Неруманд".**

**Ҷадвали № 1.**

**Супориш:** 1) матнҳои «Сироят ба воситаи ҳаво», «Зуком» ва «Зуком хеле зуд паҳн мешавад» (саҳ.101)-ро хонед; 2) ҷадвалро пур кунед.

| **Беморӣ** | **Роҳҳои сироят ва тарзи гузариш** | **Барангезандаи беморӣ** | **Ҷойгиршавии барангезанда** | **Пешгирӣ** |
|---|---|---|---|---|
| *Зуком* | | | | |

**Барои гурӯҳи «Бардам».**

**Ҷадвали № 2.**

**Супориш:** 1) матни «Бемории сил» (саҳ.102)-ро хонед; 2) ҷадвалро пур кунед.

| **Беморӣ** | **Роҳҳои сироят ва тарзи гузариш** | **Барангезандаи беморӣ** | **Узви зарарёфта** | **Сабабҳои паҳншавии беморӣ** | **Пешгирӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Бемории сил* | | | | | |

**Барои гурӯҳи «Варзиш».**

**Ҷадвали № 3**

**Супориш:** 1) матни «Таъсири сигоркашӣ ба узвҳои нафас» (саҳ.102-104)-ро хонед; 2) ҷадвалро пур кунед.

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| *Сигор чист?* | |
| *Дуди сигор дорои чист?* | |
| *Дуди сигор ба чӣ зарар мерасонад?* | |
| *Сабаби сулфаи ҷонгудози сигоркашон дар чист?* | |
| *Натиҷаи газаки доимӣ ба чӣ оварда мерасонад?* | |
| *Киҳо бар зидди сигоркашӣ мубориза бурда истодаанд?* | |

**Барои гурӯҳи «Боқувват».**

**Ҷадвали № 4 (Хӯша)**

**Супориш:** 1) Ба савол ҷавоб диҳед: Кадом омилҳо метавонанд ба узвҳои нафаскашии инсон зарар расонанд? 2) Ҷавобҳои худро дар нақшаи «Хӯша» (кластер) қайд кунед.




**Таваҷҷуҳ:**

Омӯзгори гиромӣ! Ҷавобҳое, ки дар зер оварда шудаанд, маънои онро надоранд, ки ҷавоби хонандагон ҳатман бояд бо онҳо мувофиқат кунанд. Ҷавобҳо ҳамчун намуна пешниҳод шудаанд, ки шумо метавонед ба он такя карда, дарсро хулосабарорӣ ва ҷамъбаст намоед.

## ҶАВОБҲОИ ТАХМИНИИ ХОНАНДАГОН (ГУРӮҲҲО)

**Ҷадвали № 1**

| Беморӣ | Роҳҳои сироят ва тарзи гузариш | Барангезандаи беморӣ | Ҷойгиршавии барангезанда | Пешгирӣ |
|---|---|---|---|---|
| *Зуком* | *инфексияи ҳавоӣ, атса, сулфа* | *вирусҳо* | *дар луоби бинӣ, балғам ва оби даҳон* | *–то 3 рӯз дур шудан аз атрофиён;*<br>*–нигаҳдории тозагӣ дар ҳуҷра;*<br>*–пӯшидани ниқоб (маска);*<br>*–ҳангоми атса ва сулфа даҳону биниро бо рӯймолча пӯшидан.* |

**Ҷадвали № 2**

| **Бемори̣** | **Роҳҳои сироят ва тарзи гузариш** | **Барангезан даи бемори̣** | **Узви зарарёфта** | **Сабабҳои паҳншавии бемори̣** | **Пешгири̣** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Бемории сил* | *инфексияи ҳавои̣* | *қаламча–ми кроб; зарраҳои оби даҳону бини̣; гарду чанг* | *шуш* | *зиддисанитари̣ (ифлоси̣); нимгурусnaги̣; намнокиву беофтоби̣* | *муоинаи доими̣ ва нигаҳдории тозаги̣ дар хона* |

**Ҷадвали № 3**

| **Савол** | **Ҷавоб** |
|---|---|
| *Сигор чист?* | Сигор – маҳсулоте, ки дорои найчаи коғази̣ буда, дар дохилаш тамоку аст. |
| *Дуди сигор дорои чист?* | Никотин, 200 модда, гази карбонат, кислотаи хлорид, бензопирен, дуд. |
| *Дуди сигор ба чи̣ зарар мерасонад?* | Ковокии даҳону бини̣, рагҳои нафас ва чашм. |
| *Сабаби сулфаи ҷонгудози сигоркашон дар чист?* | Гирифтори газаки роҳи нафас. |
| *Натиҷаи газаки доими̣ ба чи̣ оварда мерасонад?* | Паст шудани қобилияти ҳифзи пардаҳои луоб; аз ҷониби фагоистҳо тоза карда натавонистани шуш аз микробу моддаҳои зарарнок, ки тавассути дуд ба организм ворид мешаванд. |
| *Киҳо бар зидди сигоркаши̣ мубориза бурда истодаанд?* | Табибон, арбобони ҷамъиятии бисёр мамлакатҳо ва Ташкилоти умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустии Созмони Милали Муттаҳид. |

**Нақшаи № 4.**
<u>**Савол**</u>: *Кадом омилҳо метавонанд ба узвҳои нафаскашии инсон зарар расонанд*?
- сигоркаши̣;
- бемориҳо: бемории сил ва бемории саратони шуш;
- афтидани ашёи гуногун ба роҳи нафаскаши̣, осеб, буғи̣;
- ифлосшавии муҳити экологии замин, зарари химиёви̣ ба роҳҳои нафаскашии инсон;
- вирусҳо: зуком, сурхак;
- аллергия: ба воситаи хоку чанг ва пашми ҳайвонҳо; асмаи аллерги̣.

***Дар ҳифзи Ватан номусу нангем ҳама,***
***Оинанамо сипар ба сангем ҳама.***
***Дар бешаи андеша зи каҷ ҳарф мазан,***
***Холист гумон макун, палангем ҳама!***
***Давлат Сафар***

# РУШДИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОН ДАР ТАЪЛИМ



**Муҳаммад САФАРОВ – мудири лабораторияи илмӣ – таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

**Салоҳияти иҷтимоӣ дар таълими фанни физика маҷмуи қобилиятҳоест, ки ба хонанда имкон медиҳад, донишҳои физикии худро дар шароити муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳаётии ҷамъият татбиқ намояд. Ин маънои онро дорад, ки хонанда на танҳо қонунҳои физикаро донад, балки онро бояд дарк намояд, ки чӣ гуна ин қонунҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ва рушди ҷамъият татбиқ гардида, ба зиндагии одамон таъсири мусбат мерасонанд.**

*Салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар физика дорои чунин аҳамият мебошанд:*

◑ Ташаккули шахсияти пурра. Хонанда на танҳо мутахассис, балки шахси фаъол ва ояндабин мегардад.

◑ Дарки ҳалли масъалаҳои глобалию маҳаллӣ. Хонанда метавонад дар ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, энергияи барқароршаванда ва ғайра иштирок намояд.

◑ Қобилияти таҳлили маълумот доштан. Вай метавонад маълумоти илмиро аз манбаъҳои гуногун ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, хулосаҳои мустақил барорад.

◑ Малакаи ҳамкорӣ дар гурӯҳ. Хонанда метавонад бо дигар одамон ҳамкорӣ намуда, фикрҳои худро баён кунад ва ба фикрҳои дигарон гӯш диҳад.

◑ Технологияҳои гуногунро истифода карда метавонад. Хонанда метавонад технологияҳои муосирро барои ҳалли масъалаҳои физикӣ ва дар оянда самаранок истифода барад.

*Ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ дар таълими физика инҳо ба шумор мераванд:*

◆ Гузарондани дарсҳое, ки дар он хонандагон масъалаҳои ҳаётиро бо истифода аз донишҳои физикӣ ҳал мекунанд.

◆ Ташкил намудани лоиҳаҳое, ки дар он хонандагон бояд бо ҳамкорӣ масъалаҳои мубрами рӯзро муайян ва ҳал намоянд.

◆ Баргузории муҳокимаҳои илмӣ, ки дар онҳо хонандагон метавонанд фикрҳои худро баён кунанд ва ба фикрҳои дигаронро гӯш диҳанд.



◆ Истифодаи барномаҳои компютерӣ, моделсозӣ ва дигар воситаҳои муосир барои тасвир ва намоиши ҷараёнҳои физикӣ.

◆ Ташкил намудани вохӯриҳо бо олимон, муҳандисон ва дигар мутахассисони фаннӣ.

Салоҳияти иҷтимоӣ дар физика ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо як мутахассиси барҷаста, балки шаҳрванди фаъол ва ояндабини ҷомеа бошад. Маҳз зимни чорабиниҳои берунасинфӣ дар таълими физика бештар салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон ташаккул мёёбанд. Нақши салоҳияти иҷтимоӣ дар фанни физика зимни корҳои берунасинфии хонандагон маънои онро дорад, ки хонандагон донишҳои физикиро на ин ки дар доираи синф, балки барои ҳалли мушкилоти ҷамъият ва беҳтар намудани муҳити атроф истифода мебаранд. Дар

муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳои берунасинфӣ аз физика, ки ба рушди таҳқиқот ва фаҳмиши хонандагон низ хеле кумак мерасонанд, метавонанд гуногун бошанд, ба монанди:

◈ *Мусобиқаҳои олимпиадавӣ:* Мусобиқаҳои олимпиадавии физика барои таълими ёридиҳанда ва ҳавасмандкунанда ба хонандагон, ки донишҳои назарии худро дар амал татбиқ мекунанд.

◈ *Курсҳои амалии физика:* Намоиш ва таҷрибаҳои гуногун дар озмоишгоҳҳо барои омӯзиши илмҳои асосии табиӣ, ки дар онҳо маҳорати амалии омӯзгорон ва хонандагон тақвият дода мешавад.

◈ *Намоишҳои илмӣ:* Намоишҳои ҷолиб ва илмие, ки дар онҳо таҷрибаҳои аниматсионӣ ва ҷалбкунанда аз физика ба маърaз гузошта мешаванд, ба хонандагон дарки муҳиммияти амалҳои физикиро осон мекунанд.

◈ *Лексияҳо ва семинарҳо:*Донишмандон ва мутахассисон дар соҳаи физика, ки ба хонандагон маълумоти нав ва корҳои амалии худро нишон медиҳанд, метавонанд ба рушди ин фан кумак намоянд.

◈ *Саёҳат ва сафарҳои илмӣ* ба осорхонаҳои илмӣ, марказҳои технология ё институтҳои тадқиқотӣ, ки дарки фаҳмиши муфассали назарияҳои физика ва дидактикаи асосии онро бо зимни мушоҳида дар амал бо хонандагон осон мекунад.

◈ *Озмуни лоиҳаҳои физикӣ:* Ташкил намудани лоиҳаҳои хурд ва мусобиқаҳо, ки хонандагон метавонанд худашон лоиҳаҳо, таҷрибаҳо ва сохторҳои илмӣ эҷод карда, амалан ба омӯзиши физика бо тарзи ҷолиб машғул шаванд.

Ин тадбирҳо кумак мерасонанд, то хонандагон дарк намоянд, ки физика на ҳамчун фан, балки як қисми зиндагии ҳаррӯза ва ҷаҳонбинии муосир мебошад. Дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон бо хонандагон метавонанд якчанд кори берунасинфӣ аз физикаро ба нақша гиранд, ки дар онҳо хонандагон донишҳои назариявиашонро ба таври амалӣ иҷро карда, салоҳиятҳои иҷтимоии худро рушд диҳанд. Чунин корҳои берунасинфӣ низ метавонанд, масалан, дар доираи фаъолияти корҳои берунасинфии фанни физика гузаронида шаванд:

◭ Намоишҳои илмӣ: Таҷрибаҳои ҷолиб ва аниматсионӣ, ки хонандагон метавонанд дар барномаҳо иштирок кунанд ва бевосита аз масоили физика огоҳ гардида, қонуну ҳодисаҳои физикиро амалан мушоҳида кунанд. Намоишҳои таҷрибаҳои аниматсионӣ дар физика барои илҳом додан ва баён кардани муаммоҳои ғайриодӣ ва мафҳумҳои мушкил хидмат мекунанд.

◭ *Ташкили клубҳои илмӣ:* Клубҳо гурӯҳҳои ҳавасманде мебошанд, ки онҳо метавонанд ҷаласаҳо баргузор намоянд ва дар ин ҷаласаҳо мавзуъҳои мухталифи физика, масалан, астрофизика, энергетикаи эҳтиётӣ, ё технологияҳои муосирро муҳокима кунанд. Клубҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки донишҳои худро бо ҳамдигар мубодила кунанд, таваҷҷуҳ ва шавқи амикро дар илмҳо инкишоф диҳанд.

◭ *Рақобатҳои экспериментaлӣ:* Ташкил кардани мусобиқаҳо дар соҳаи таҳқиқоти физикӣ, ки дар онҳо хонандагон бояд лоиҳаҳо ё таҷрибаҳоро ба нақша гиранд ва пешкаш кунанд. Масалан, мусобиқаҳо дар гузарондани таҷрибаҳои илмию физикӣ, ки ба намоиш гузошта мешаванд.

◭ *Лоиҳаҳои илмии дастaвӣ:* Ба хонандагон пешниҳод кардани лоиҳаҳои дастaвӣ, ки дар он ба таҳқиқоти мушаххаси физика, ки ба машғулиятҳои амалӣ алоқаманд мешавад, машғул мешаванд, масалан, таҳқиқи таъсири гармӣ ба моддаҳо ё омӯхтани қувваи ҷозиба дар шароити гуногун.

◭ *Ҳафта ва ё рӯзи физика:* Маъракаи махсус, ки дар он хонандагон метавонанд мавзуъҳои гуногунро дар бораи физика омӯхта, таҷрибаҳои амалӣ анҷом диҳанд ва дар озмунҳо иштирок кунанд. Дар барномаҳои махсус, ки муаммоҳои илмӣ ва амалӣ дастур дода мешаванд, хонандагон метавонанд аз аҳаммияти физика дар ҳаёти ҳаррӯза бештар огоҳ шаванд.

◭ *Фестивалҳои илмӣ:* Чорабиниҳое, ки бо мақсади ба намоиш гузоштани дастовардҳои физика ва илми умумӣ роҳандозӣ мешаванд ва метавонанд баъзан шомили намоишҳои техникӣ, муаррифии лоиҳаҳои хонандагон ва имконоти илмии дигар бошанд.

◭ *Семинарҳо ва ворид кардани коршиносони соҳа:* Таъмин кардани имконият барои хонандагон, ки ба лексияҳо ва семинарҳо бо коршиносони пешқадам дар соҳаи физика ва технологияи муосир иштирок кунанд. Ин гуна чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон на

танҳо донишҳои назариявӣ, балки маҳорати амалӣ ва шавқи илмию техникӣ дар соҳаи физикаро бештар дошта бошанд.

*Дар раванди корҳои беруназсинфии хонандагон чунин малакаю маҳоратҳо ба рушди салоҳияти иҷтимоӣ мусоидат мекунанд:*

► *Тафаккури мустақил ва эҷодӣ:* Хонандагон малакаҳое пайдо мекунанд, ки тавассути ин малакаҳо мушкилотро мустақилона таҳлил кунанд, роҳҳои нави ҳал ва эҷодӣ пайдо кунанд. Масалан, вақте ки онҳо лоиҳаи офтобӣ месозанд, бояд беҳтарин маконро барои панелҳои "офтобӣ", намуди батареяҳо ва ғайра интихоб кунанд.

► *Ҳамкорӣ ва муошират:*Корҳои гурӯҳӣ дар лоиҳаҳо ба хонандагон меомӯзонад, ки бо дигарон ҳамкорӣ ва фикри худро баён кунанд ва ба фикри дигарон гӯш диҳанд. Масалан, вақте ки онҳо сифати оби нӯшокиро таҳлил мекунанд, боянд нақшаи кории худро мувофиқ созанд ва маълумотро бо ҳамдигар мубодила кунанд.

► *Масъулият:* Хонандагон дарк менамоянд, ки амалҳои онҳо метавонад ба дигарон таъсир расонанд ва ба натиҷаҳои кори худ масъул бошанд. Аз ҷумла, вақте ки онҳо лоиҳаи офтобӣ месозанд, бояд ба бехатарии кор ва таъсири он ба муҳити зист диққат диҳанд.

► *Дарки аҳаммияти илм дар ҳаёти ҳаррӯза:* Хонандагон мефаҳманд, ки физика на як фанни мактабӣ, балки воситаи муҳим барои фаҳмидани олами атроф ва ҳалли мушкилоти ҳаёти ҳаррӯза мебошад. Таври мисол, вақте ки сифати оби нӯшокиро месанҷанд, мефаҳманд, ки ба саломатии онҳо ва дигар одамон таъсир мерасонад.

► *Рушди қобилияти ҳалли мушкилот:* Хонандагон қобилият пайдо мекунанд, ки мушкилотро таҳлил ва маълумот ҷамъоварӣ кунанд ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод созанд. Вақте ки онҳо лоиҳаи офтобӣ месозанд, бояд бо мушкилоти гуногун, амсоли обу ҳаво, маводи зарурӣ ва ғайра рӯ ба рӯ шаванд ва роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо кунанд.

► *Эҷодкорӣ:* Хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки тавассути мустақилияти эҷодӣ роҳҳои наврo барои ҳалли мушкилот пайдо кунанд. Масалан, вақте ки онҳо лоиҳаи офтобӣ ё дигар моделро месозанд, бояд малакаю маҳорати ихтироъкорӣ дошта бошанд. Ва онҳо бояд сохтану омода кардани онро дошта бошанд ва мустақилона онро созанд.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгорон ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ бояд ба иштироки фаъолонаи хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ мусоидат намоянд:

⧗ Муассисаи таълимӣ шароити заруриро барои гузарондани корҳои беруназсинфӣ бояд фароҳам созад, масалан, таҷҳизоти зарурӣ, озмоишгоҳи физика, синфхонаи фаннӣ, китобхона ва ғайра.

⧗ Омӯзгор бояд ба хонандагон дар интихоби мавзуъҳои лоиҳаҳо, ҷамъоварии маълумот ва таҳлили натиҷаҳо кумак расонад.

⧗ Омӯзгор хонандагонро барои иштирок дар корҳои беруназсинфӣ бояд ҳатман бо кумаки роҳбарияти муассисаи таълимӣ ҳавасманд гардонад ва ба онҳо нишон диҳад, ки донишҳои физикӣ дар ҳаёти ҳаррӯза чӣ қадар муҳим мебошанд.

Татбиқи салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар замони муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна хеле муҳим ва самаранок мебошад. Хонандагон метавонанд лоиҳаҳои илмиро таҳия кунанд, ки дар онҳо мушкилоти маҳаллиро бо истифода аз донишҳои физикӣ ҳал намоянд. Масалан, оғоз кардани як неругоҳҳи хурди бодӣ ё офтобӣ дар мактаб, ки ин лоиҳа ба хонандагон имкон медиҳад, бо табдил додани энергияи табиӣ ба энергияи барқӣ шинос шаванд ва ба масъалаи энергияи барқароршаванда таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Бо истифода аз асбобҳои одии физикӣ хонандагон метавонанд сифати оби нӯшокиро таҳлил ва роҳҳои беҳбудии онро пешниҳод кунанд. Иштирок дар олимпиадаҳо ва мусобиқаҳои илмӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои худро бо дигар хонандагон мубодила карда, малакаҳои муошират ва ҳамкории худро рушд диҳанд. Омӯзиши физика дар табиат ва саноат ҳангоми сафарҳои омӯзишӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои физикиро дар ҳаёти воқеӣ мушоҳида карда, онҳоро бо донишҳои назариявӣ алоқаманд намоянд. Масалан, кори таҷҳизот дар корхонаҳо, мушоҳидаи Кайҳон бо телескоп дар расадхонаҳо, таҳлили ҳаракати мавҷҳои гуногун дар табиат, ҷараёни дарё, таъсири бод ба дарахтон, бо линза гулхан даргирондан, алангаи оташ, мушоҳидаи нури Офтоб ва ғайра.

Ҳамин тавр, салоҳиятҳои иҷтимоӣ ба хонандагон як қатор малака ва маҳоратҳои муҳимро медиҳанд, ки ба онҳо барои дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ муваффақ шудан кумак мерасонад. Ин малакаҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки бо дигар одамон муносибатҳои муассир барқарор карда,

мушкилотро ҳал кунанд ва дар ҷомеа фаъол бошанд. Хонандагоне, ки дорои салоҳияти иҷтимоии баланд мебошанд, дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ муваффақтар хоҳанд буд. Онҳо метавонанд ба осонӣ бо дигар одамон муносибат барқарор кунанд, дар ҷойи кор муваффақ бошанд ва дар ҷомеа нақши фаъол бозанд.

Барои рушди салоҳияти иҷтимоии хонандагон, омӯзгорон метавонанд аз усулҳои зерин самаранок истифода баранд:

✧ *Ташкили кори гурӯҳӣ.* (Тавассути кори гурӯҳӣ хонандагон малака пайдо мекунанд, ки бо ҳамдигар ҳамкорӣ, масъулиятҳоро тақсим ва натиҷаи умумӣ ба даст оваранд).

✧ *Баргузории муҳокимаҳо.* (Муҳокимаҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки фикрҳои худро баён ва ба фикрҳои дигарон гӯш диҳанд ва ба хулосаҳои муштарак оянд)

✧ *Ташкили лоиҳаҳо.* (Ин лоиҳаҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки малакаҳои гуногунро, аз қабили таҳлил, тарҳрезӣ ва тақдимот инкишоф диҳанд.)

✧ *Истифодаи усулҳои таълими интерактивӣ.* (Бо истифода аз усулҳои таълими интерактивӣ омӯзгорон метавонанд хонандагонро ба фаъолият ҷалб кунанд ва ба онҳо имкон диҳанд, ки дар раванди таълим бевосита иштирок кунанд.)

Пас, барои рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар хонандагон на танҳо омӯзгорон, балки волидон ва ҷомеа низ бояд саҳм гузоранд. Дар маҷмуъ, салоҳияти иҷтимоӣ малакаи муҳиме мебошад, ки ба хонандагон имкон медиҳад, дар ҳаёти худ ба мушкилӣ дучор нашаванд, ҳамеша муваффақ бошанд ва дар рушди ҷомеа саҳми худро гузоранд.

Салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар фанни физика қобилияти истифода бурдани донишҳои физикӣ барои ҳалли мушкилоти ҳаётии ҷамъият мебошад. Ин маънои онро дорад, ки физика на ин ки як фанни назариявӣ, балки воситаи муҳим барои беҳтар кардани ҳаёти одамон ба шумор меравад. Намунаи мисолҳо барои рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ:

*Мисоли 1: "Таҳияи панелҳои офтобӣ ва неругоҳи хурди обӣ барои деҳоти дурдаст".*

Вазифа: Дар як деҳаи дурдаст барқ нест. Лозим аст, ки системаи панелҳои офтобӣ таҳия карда шавад, ки хонаҳои сокинонро бо барқ таъмин кунад.

Салоҳиятҳои иҷтимоӣ, ки истифода мешаванд:

• Кор дар гурӯҳ: Гурӯҳе аз хонандагон дар дарси физика якҷо лоиҳаро таҳия мекунанд ва ҳар кас саҳми худро мегузорад.

• Муошират: Хонандагон бо сокинони деҳа муошират мекунанд, то ниёзҳои онҳоро ба барқ фаҳманд ва беҳтарин ҳалро пайдо намоянд.

• Фикри мустақил: Хонандагон вариантҳои гуногуни ҳалли мушкилотро таҳлил ва самаранoктарину арзонтарини онро интихоб мекунанд.

• Ҳалли мушкилот: Хонандагон бо мушкилоти гуногун, масалан, шароити обуҳаво, ҷойгиршавии дарё, самти нури Офтоб, дастрасӣ ба мавод ва ғайра рӯ ба рӯ мешаванд ва роҳҳои ҳалли онҳоро меҷӯянд.

• Масъулияти иҷтимоӣ: Хонандагон мефаҳманд, ки лоиҳаи онҳо аҳаммияти иҷтимоии бузург дорад ва ба беҳбудии ҳаёти одамон мусоидат мекунад.

*Мисоли 2:* "Роҳҳои беҳбудии сифати оби нӯшокӣ."

Асбобҳои одии физикӣ, ки тавассути онҳо хонандагон метавонанд сифати оби нӯшокиро таҳлил ва роҳҳои беҳбудии онро пешниҳод кунанд.

Вазифа: Барои ин асбобе лозим аст, ки сатҳи ифлосии обро дар вақти муайян назорат ва одамонро дар бораи сатҳи баландтари ифлосӣ огоҳ кунад.

Салоҳиятҳои иҷтимоие, ки истифода мешаванд:

• Робитаи байни фанҳо: Барои таҳияи барнома на танҳо дониши физикӣ (чӣ гуна ифлосии обро чен кардан), балки барномасозӣ, дизайн ва дониши географӣ низ лозим аст.

• Таҳлили маълумот: Хонандагон маълумот дар бораи ифлосии обро аз манбаъҳои гуногун ҷамъоварӣ, коркард ва тасвир менамоянд.

• Мубодилаи натиҷаҳо: Хонандагон натиҷаҳои кори худро ба оммаи васеъ пешниҳод карда, аз забони одӣ ва воситаҳои интерактивӣ истифода мебаранд.

• Ҳалли мушкилот: Хонандагон бо мушкилоти гуногун, масалан, шароити ҷойгиршавии дарё, пешгирии партови ифлосӣ ба об аз ҷониби шаҳрвандон, огоҳонидани одамон ва ғайра рӯ ба рӯ шуда, роҳҳои ҳалли онҳоро меҷӯянд.

• Масъулияти иҷтимоӣ: Хонандагон мефаҳманд, ки лоиҳаи онҳо аҳаммияти иҷтимоии калон дорад ва барои беҳбудии зиндагии одамон зарурист. Ин лоиҳа ба одамон кумак мекунад, ки дар бораи саломатии худ ва муҳити зист қарорҳои огоҳона қабул кунанд.

Мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, ки физикаро метавон барои ҳалли мушкилоти воқеии ҷамъият истифода бурд. Рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ ба хонандагон дар дарси физика имкон медиҳад, ки онҳо на танҳо мутахассисони хуб бошанд, балки шаҳрвандони фаъол бошанду дар беҳбудии ҳаёти ҷамъият саҳми арзандаи худро гузоранд.

Дар хотима қайд кардан зарур аст, ки рушди салоҳияти иҷтимоии хонандагон дар таълими физика зимни корҳои берунаэсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим барои ташаккули шахсияти хонандагон ба шумор меравад. Дар раванди ин омӯзиш, на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳамкорӣ, муошират, ҳалли мушкилот ва ташаббускорӣ низ муҳим буда, бояд рушд ёбанд. Корҳои берунаэсинфӣ, ба монанди маҳфилҳои фаннӣ, озмунҳо, лоиҳаҳои тадқиқотӣ, викторинаҳо, таҷрибаҳои амалии физика ва ғайраҳо барои такмил додани салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон мусоидат мекунанд. Ин фаъолиятҳо муҳити озодро барои ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор фароҳам оварда, дар онҳо малакаҳои кор дар гурӯҳ, масъулиятшиносӣ ва истифодаи донишҳои физикиро дар ҳаёти воқеӣ ташаккул медиҳанд. Ғайр аз ин, истифодаи усулҳои интерактивӣ, ба монанди барномаҳои моделсозии физикӣ, симулятсияҳо ва кори дастаӣ имкон медиҳад, ки хонандагон на аз ҷиҳати илмӣ, балки аз нигоҳи иҷтимоӣ низ рушд ёбанд. Ин усул ба рушди қобилияти таҳлилӣ, таҳаммулпазирӣ ва тафаккури интиқодӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, **ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон дар таълими физика зимни корҳои берунаэсинфӣ** ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон мусоидат карда, на танҳо дониши онҳоро афзоиш медиҳад, балки онҳоро барои зиндагии иҷтимоӣ ва касбии оянда омода месозад.

**Адабиёт:**


1. Агибов И.М. Формирование профессиональных компетенций преподавателя физики в университете // Стандарты и Мониторинг - 2003 № 5 с 54

2. Адольф В.А. Профессиональная компетентность современного учителя: Монография / КГУ, Красноярск, 1998. 310 с.

3. Аминов, Н. А. Социальный интеллект и социальная компетенция / Н.А. Аминова // Социальная работа. 1992. - № 5. С 37-50.

24. Андреев, А. Л. Организация учебной и внеклассной деятельности школьников / А. Л. Андреев. – М.: Педагогика, 2000. – 416 с

4. Белицкая, Г.Э. Социальная компетентность / Г.Э Белицкая// Сознание личности в кризисном обществе, 1995. № 2. - С. 42-57.

5. Белицкая, Г.Э. Социальная компетенция личности/ Г.Э Белицкая // Сознание личности в кризисном обществе, 1995. № 3. — С.37-48.

6. Бочарова, В. Г. Социальная педагогика: Учебное пособие / В. Г. Бочарова. – Ростов н/Д: Феникс, 2002. – 400 с.

7. Грачёв А.М., Грачёва Л.А. Внеклассная работа по физике .- Москва: Просвещение, 2010.

8. Гребенюк, Е. И. Воспитание социальной ответственности школьников через коллективные формы работы // Педагогическое образование в России. – 2020. – № 6. – С. 101–107.

9. Зимняя, И. А Общая культура и социально-профессиональная компетентность человека / И.А Зимняя // Высшее образование сегодня. - 2005. № 11.-С. 14-20.

10. Трофимова Е.А. Социально-педагогическая поддержка подростков: инновационные подходы. // Педагогический вестник России, 2019, №7, с. 55–60.

11. Учурова, С.А. Социальная компетентность: определение сущности и поиск путей развития / С.А. Учурова// Известия УрО РАО. Образование и наука. 2007. - № 2. - С. 105-110.

12. Федорова, Е. А. Методические аспекты формирования социальной компетенции у школьников // Народное образование.– 021. – № 2. – С. 76–81.

13. Холостова Е.И.Социальная работа: теория и методика. - Москва: Дашков и К, 2010.

# ОМӮЗИШИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ЗИЧӢ



**Сорбон РАБИЕВ – омӯзгори химияи Литсейи №1-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**

**Яке аз омилҳое, ки дар робита ба иҷрои дурнамои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва рушди саноати кишвар мусоидат мекунад, таълими дурусти фанни химия дар муассисаҳои таълимист. Зарурати донистани ин фан Сарвари давлатро водор намуд, ки солҳои 2022-2026-ро Солҳои рушди саноат дар кишвар эълон намоянд. Ба хотири пешбурди кори ҳамкасбон мо зарур донистем, ҳалли масъалаҳоро доир ба зичии нисбии газҳо, зичии газҳо дар шароити мӯътадил ва зичии омехтаи газҳоро муоина ва пешниҳод намоем.**

**Ҳалли масъалаҳо доир ба зичии нисбии газҳо.** Массаи 1 мол газ аз массаи 1 мол гази дигар чанд маротиба вазнинтар ё сабуктар будани онро нишон медиҳад ва бо ҳарфи D ишора мешавад. Зичии нисбии газҳо бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$D = \frac{M1}{M2}$ **$M_1$** - массаи моляри гази якум (г/мол). Дар ин ҷо: **D** - зичии нисбии газ ва **$M_2$** - массаи моляри гази дуюм (г/мол) мебошад.

Масалан, мо агар зичии оксигенро нисбат ба гидроген ҳисоб кунем, массаи моляри оксиген ($M_1(O_2)$=32)-ро ба массаи моляри гидроген $M_2(H_2$=2) тақсим мекунем:

$$D = \frac{M1}{M2} = \frac{M(O2)}{M(H2)} = \frac{32}{2} = 16$$

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки массаи 1 мол оксиген аз массаи 1 мол гидроген 16 маротиба вазнинтар аст, яъне, зичии оксиген нисбат ба гидроген ба 16 баробар аст.

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Зичии гидрогенро нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии оксиди сулфур (IV)-ро нисбат ба метан ҳисоб кунед.

**Масъалаи 3.** Зичии оксиди сулфур (IV)-ро нисбат ба метан ҳисоб кунед.

**Масъалаи 4.** Зичии гази карбонатро нисбат ба аммиак ҳисоб кунед.

**Масъалаи 5.** Зичии оксигенро нисбат ба ҳаво ҳисоб кунед.

Агар дар шарти масъала зичӣ маълум бошаду массаи моляри гази якум номаълум, он гоҳ формула намуди зеринро мегирад:




$$D = \frac{M1}{M2}\ ; \ M_1 = D \times M_2 \text{ ё } M_{(газ)} = D \times M_2$$

Масалан, зичии кадом газ нисбат ба метан ба 2 баробар аст? Яъне, массаи моляри гази дуюм (метан) ба зичӣ зарб карда мешавад.

**$M_{(газ)} = D \times M_2$ ; $M_{(газ)} = D \times M_{(CH4)} = 2 \times 16 = 32$ ($O_2$)**

**Масъалаҳо барои кори мустақилона:**

**Масъалаи 1.** Зичии кадом газ нисбат ба гелий ба 16 баробар аст?

**Масъалаи 2.** Массаи моляри газеро, ки зичиаш нисбат ба нитроген ба 2 баробар аст, муайян кунед.

**Масъалаи 3.** Зичии газ нисбат ба гелий ба 14 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба нитроген муайян кунед.

**Ҳал.** Аввал массаи моляри газро меёбем.

**$M_{(газ)} = D \times M_2$ ; $M_{(газ)} = D \times M_{(He)} = 14 \times 4 = 56$ г/мол**

Баъд зичии онро нисбат ба нитроген ҳисоб мекунем.

$$D = \frac{M1}{M2}; D = \frac{M1}{M2\ (N2)} = \frac{56}{28} = 2.$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона:**

**Масъалаи 1.** Зичии газ нисбат ба аммиак ба 2 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба гелий муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии газ нисбат ба метан ба 4 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба гидроген муайян кунед.

Агар дар шарти масъала зичии газ дода шудаву массаи молярии гази дуюм номаълум бошад, он гоҳ формула намуди зеринро мегирад:

$$D = \frac{M1}{M2}; M_2 = \frac{M_1}{D}$$

Масалан, зичии гази сулфит нисбат ба гази номаълум ба 2 баробар аст. Массаи молярии гази номаълумро муайян кунед:

$$D = \frac{M1}{M2}; M_2 = \frac{M(SO2)}{D} = \frac{64}{2} = 32г/мол$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона:**

**Масъалаи 1.** Зичии гази карбонат нисбат ба кадом газ ба 4 баробар аст? Массаи молярии гази номаълумро муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии хлор нисбат ба кадом газ ба 35,5 баробар аст? Массаи молярии гази номаълумро муайян кунед.

**Масъалаи 3.** Ҳаво нисбат ба гази номаълум 15,5 маротиба вазнинтар аст. Массаи молярии гази номаълумро муайян кунед.

**Зичии нисбии газҳо дар шароити муътадил**

Барои зичии газҳоро дар шароити муътадил муайян кардан массаи молярии газ ба ҳаҷми молярии газ тақсим карда мешавад. Ҳаҷми молярии газ доимӣ аст ва ба 22,4 л/мол баробар аст. Аз ин ҷо формулаи муайян кардани зичии газҳо дар шароити муътадил чунин мешавад:

$D = \frac{Mгаз}{Vшм}$ ё $D = \frac{Mгаз}{22{,}4}$ **$M_{газ}$ -** массаи молярии гази додашуда. Дар ин ҷо **D -** зичии нисбии газ ва **$V_{(шм)}$** – доимии шароити муътадил (22,4) мебошанд.

Масалан, агар зичии гази оксигенро дар шароити муътадил ҳисоб кунем, массаи молярии оксигенро ба 22,4 тақсим мекунем:

$$D = \frac{M(O2)}{22{,}4} = \frac{32}{22{,}4} = 1.43г/л$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона:**

**Масъалаи 1.** Зичии гази нитрогенро (дар ш.м) ҳисоб кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии гази бутен ($C_4H_8$) - ро (дар ш.м) ҳисоб кунед.

Агар зичии газ дар шароити муътадил муайян бошад, он гоҳ формулаи массаи молярии гази номаълум чунин мешавад:

$$D = \frac{Mгаз}{Vшм} \quad M_{(газ)} = D \times V_{(шм)}$$

Масалан, массаи молярии газеро муайян кунед, ки зичиаш (дар ш.м) ба 1,25 баробар бошад. Яъне, доимии шароити муътадил ба зичӣ зарб карда мешавад:

$$M_{(газ)} = D \times V_{(шм)} \text{ ё } M_{(газ)} = D \times 22{,}4;\ M_{(газ)} = 1{,}25 \times 22{,}4 = 28$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона:**

**Масъалаи 1.** Массаи молярии газеро муайян кунед, ки зичиаш (дар ш.м.) ба 2,857 баробар бошад.

**Масъалаи 2.** Массаи молярии газеро муайян кунед, ки зичиаш (дар ш.м.) ба 1,25 баробар бошад. Зичии газ дар шароити муътадил ба 2,5 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба метан ҳисоб кунед.

**Ҳал:** Аввал массаи молярии газро меёбем:

$$M_{(газ)} = D \times M_2\ M_{(газ)} = D \times M_{(He)} = 14 \times 4 = 56 \text{ г/мол}$$

Баъдан зичии онро нисбат ба метан ҳисоб мекунем.

$$D = \frac{M(газ)}{M2}; D = \frac{M(газ)}{M(CH4)} = \frac{56}{16} = 3{,}5 \text{ г/л}$$

**Масъалаҳо барои ҳалли мустақилона.**

**Масъалаи 1.** Зичии газ (дар ш.м) ба 1,517 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба аммиак ҳисоб кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии газ (дар ш.м) ба 1,964 баробар аст. Зичии ин газро нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

**Муайян намудани массаи молярии омехтаи газӣ**

Барои муайян намудани массаи молярии омехтаи газӣ аз формулаҳои зерин истифода карда мешавад:

$$M(\text{омех}) = \frac{M1\times\omega\%1+M2\times\omega\%2+\cdots}{\omega\%1+\omega\%2} \quad M(\text{омех}) = \frac{M1\times m1+M2\times m2+\cdots}{m1+m2}$$

$$M(\text{омех}) = \frac{M1\times V1+M2\times V2+\cdots}{V1+V2} \quad M(\text{омех}) = \frac{M1\times V1+M2\times V2+\cdots}{V1+V2}$$

$\mathbf{M_{(омех)}}$ – массаи молярии омехта. (г/мол);

$\mathbf{M_1, M_2}$ – массаи молярии газҳои якум ва дуюм (г/мол);

$\mathbf{W_{\%1}, W_{\%2}}$ - Ҳиссаи масса (фоиз)-и газҳои қисмҳои таркибии омехта (%);

$\mathbf{m_1}$ , $\mathbf{m_2}$ - Массаи (бо грамм) газҳои таркиби омехта (грамм);

$\mathbf{V_1, V_2}$ - Ҳаҷми газҳои таркиби омехта (литр).

**Муайян намудани массаи молярии омехтаи газӣ аз рӯйи ҳиссаи масса (%)-и газҳои додашуда**

Барои муайян кардани массаи молярии омехтаи газие, ки аз 50% $CO_2$ ва 50% $SO_2$ таркиб ёфтааст, аз формулаи зерин истифода карда мешавад:

$$M(\text{омех}) = \frac{M1\times\omega\%1+M2\times\omega\%2}{\omega\%1+\omega\%2} = \frac{M(CO2)\times\omega\%(CO2)+M(SO2)\times\omega\%(SO2)}{\omega\%(CO2)+\omega\%(SO2)} =$$

$$= \frac{44\times50+64\times50}{50+50} = \frac{2200+3200}{100} = \frac{5400}{100} = \mathbf{54г/мол}$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Массаи молярии омехтаи газеро, ки аз 25% $CO_2$ ва 75% CO таркиб ёфтааст, муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Массаи молярии омехтаи газеро, ки аз 25% $SO_2$ ва 25% $NO_2$ ва 50% $H_2$ таркиб ёфтааст, муайян кунед.

**Масъалаи 3.** Массаи молярии омехтаи газеро, ки аз 25% метан ва 25% нитроген, 25% оксиген ва 25% гази хонда таркиб ёфтааст, муайян кунед.

**Масъалаи 4.** Зичии омехтаи оксиген ва озонро, ки 25% озон дорад, нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

**Муайян намудани массаи молярии омехтаи газӣ аз рӯйи ҳаҷми газҳои додашуда**

Барои муайян кардани массаи молярии омехтаи газие, ки аз 7л $SO_2$ ва 7л $O_2$ таркиб ёфтааст, аз формулаи зерин истифода мебарем:

$$M(\text{омех}) = \frac{M1\times V1+M2\times V2}{V1+V2} = \frac{M(SO2)\times V(SO2)+M(O2)\times V(O2)}{V(SO2)+V(O2)} = \frac{64\times7+32\times7}{7+7} =$$

$$\frac{448+224}{14} = \frac{672}{14} = \mathbf{48\ г/мол}$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Массаи молярии омехтаи газиро, ки аз 20 л метан ва 8 л гидроген таркиб ёфтааст, муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Омехтаи газӣ аз 5л гелий, 10 л оксиген ва 5 л метан таркиб ёфтааст. Массаи молярии омехтаи газиро ҳисоб кунед.

**Муайян намудани массаи молярии омехтаи гази аз рӯйи массаи газҳои додашуда**

Барои муайян кардани массаи молярии омехтаи газие, ки аз 5г $SO_2$ ва 5г $O_2$ таркиб ёфтааст, аз формулаи зерин истифода мебарем:

$$M(\text{омех}) = \frac{M1\times m1+M2\times m2+\cdots}{m1+m2} = \frac{M(SO2)\times m(SO2)+M(O2)\times m(O2)}{m(SO2)+m(O2)} = \frac{64\times5+32\times5}{5+5} =$$

$$\frac{320+160}{10} = \frac{480}{10} = \mathbf{48\ г/мол}$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Массаи молярии омехтаи газеро, ки аз 5 г метан ва 15 г гази карбонат таркиб ёфта аст, ҳисоб кунед.

**Масъалаи 2.** Массаи молярии омехтаи газеро, ки аз 5 г гази карбонат ва 5 г неон таркиб ёфтааст, ҳисоб кунед.

**Муайян намудани массаи молярии омехтаи газӣ аз рӯйи миқдори модда (мол)-и газҳои додашуда**

Барои муайян кардани массаи молярии омехтаи газие, ки аз 0,5 мол CO ва 1,5 $CO_2$ мол таркиб ёфтааст, аз формулаи зерин истифода мебарем:

$$M(омех) = \frac{M1 \times V1 + M2 \times V2}{V1 + V2} = \frac{M(CO) \times V(CO) + M(CO2) \times V(CO2)}{V(SO2) + V(O2)} = \frac{28 \times 0,5 + 44 \times 1,5}{0,5 + 1,5} = \frac{14 + 66}{2} =$$

$$= \frac{80}{2} = 40 \text{ г/мол}$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Омехтаи газӣ аз 2 мол метан ва 3 мол оксиди нитроген (IV) таркиб ёфтааст. Массаи молярии омехтаро муайян кунед.

**Масъалаи 2.** Омехтаи газӣ аз 2,5 мол нитроген, 2,5 мол оксиди сулфур (IV) ва 5 мол оксиди карбон (IV) таркиб ёфтааст. Массаи молярии омехтаро муайян кунед.

**Муайян намудани зичии нисбии омехтаи газҳо**

Зичии нисбии омехтаи газҳо бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$D = \frac{M(омехтаи\ газҳо)}{M2}.$$

Зичии омехтаи газеро, ки аз 50% $CO_2$ ва 50% $SO_2$ таркиб ёфтааст, нисбат ба буғҳои об ҳисоб кунед.

Аввал массаи молярии омехтаи газиро меёбем:

$$M(омех) = \frac{M1 \times \omega\%1 + M2 \times \omega\%2}{\omega\%1 + \omega\%2} = \frac{M(CO2) \times \omega\%(CO2) + M(SO2) \times \omega\%(SO2)}{\omega\%(CO2) + \omega\%(SO2)} =$$

$$= \frac{44 \times 50 + 64 \times 50}{50 + 50} = \frac{2200 + 3200}{100} = \frac{5400}{100} = 54 \text{г/мол}$$

Акнун зичии омехтаи газиро нисбат ба фосфин ҳисоб мекунем.

$$D = \frac{M(омехтаи\ газҳо)}{M2(H2O)} = \frac{54}{18} = 3$$

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Зичии омехтаи газеро, ки аз 25% метан ва 75% $SO_2$ таркиб ёфтааст, нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

**Масъалаи 2.** Зичии омехтаи газҳои оксиген ва озонро, ки 50% оксиген дорад, нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

**Масъалаи 3.** Зичии омехтаи газҳои $NO_2$ ва $CO_2$ - ро, ки 5 л оксиди нитроген (IV) ва 5 л оксиди карбон (IV) таркиб ёфтааст, нисбат ба оксиди нитроген (II) ҳисоб кунед.

**Масъалаи 4.** Зичии омехтаи газиро, ки аз 15 грамм оксиди карбон (II) ва 5 грамм оксиди карбон (IV) таркиб ёфтааст, нисбат ба метан ҳисоб кунед.

**Масъалаи 5.** Зичии омехтаи газиро, ки 2,5 мол оксиген ва 5 мол оксиди карбон (IV) таркиб ёфтааст, нисбат ба гелий ҳисоб кунед.

Масалан, зичии омехтаи оксиген ва нитроген нисбат ба гидроген ба 14,5 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми газҳоро дар омехтагӣ (бо %) ёбед.

**Ҳал.** Аввал массаи молярии миёнаи омехтаи газиро меёбем. Барои ин зичиро ба массаи молярии гидроген зарб мекунем:

$$D = \frac{M(омех\ гази)}{M2};\ M_{(омехта)} = D \times M_{H2} = 14,5 \times 2 = 29 \text{ г/мол.}$$

Массаи молярии оксигенро ба (32x) ва массаи молярии нитрогенро ба (28y) ишора намуда, муодилаи якумро тартиб медиҳем:

$$32x + 28y = 29 \text{ г/мол} \qquad (1)$$

Ҳамчунин, миқдори моддаи (мол)-и оксигенро бо (X) ва нитрогенро бо (У) ишора намуда, муодилаи дуюмро тартиб медиҳем:

$$x + y = 1 \text{ мол} \qquad (2)$$

Сипас, системаи муодила тартиб дода, масъаларо бо усули алгебравӣ ҳал мекунем:

$$\begin{cases} 32x + 28y = 29\frac{г}{мол}, \\ x + y = 1 \text{ мол}; \end{cases} \begin{cases} 32x + 28y = 29\frac{г}{мол}, \\ x + y = 1 \text{ мол} \quad \times(-28); \end{cases} \begin{cases} 32x + 28y = 29, \\ -28x - 28y = -28; \end{cases}$$

$4x = 1$ мол; $x = 0,25$ . Қимати $x = 0,25$ мешавад.

Барои қимати $y$ –ро муайян намудан аз муодилаи дуюм истифода мебарем.

$x + y = 1$ мол ба ҷои ($x$) қиматашро гузошта, қимати ($y$) – ро меёбем:

$y = 1 - x$; $y = 1 - 0,25$=0,75.

Аз сабаби он ки ҳиссаи молӣ ба ҳиссаи ҳаҷмӣ баробар аст, аз рӯйи ҳиссаи молӣ фоизи компонентҳои таркиби омехтаро меёбем:

1 мол__________100%; $x = \frac{0,25*100}{1} = \frac{25}{1} = 25\%$;

0,25 мол______$x$% $y = \frac{0,75*100}{1} = \frac{75}{1} = 75\%$.

0,75 мол______y%.

**Масъалаҳо барои кори мустақилона**

**Масъалаи 1.** Зичии омехтаи оксиген ва озон нисбат ба гелий ба 9 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми оксигенро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 2.** Зичии омехтаи CO ва $CO_2$ нисбат ба гидроген ба 18 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми CO-ро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 3.** Зичии омехтаи нитроген ва оксиген нисбат ба гелий ба 7,5 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми оксигенро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 4.** Зичии омехтаи нитроген ва озон нисбат ба гази карбонат ба 1 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми озонро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 5.** Зичии омехтаи $CO_2$ ва $SO_2$ нисбат ба нитроген ба 2 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми $SO_2$-ро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 6.** Зичии омехтаи нитроген ва метан нисбат ба гидроген ба 11 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми нитрогенро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 7.** Зичии омехтаи нитроген ва оксиген нисбат ба гидроген ба 14,5 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми оксигенро дар омехта (бо %) ёбед.

**Масъалаи 8.** Зичии омехтаи $SO_2$ ва $SO_3$ нисбат ба аммиак ба 4 баробар аст. Ҳиссаи ҳаҷми $SO_3$-ро дар омехта (бо %) ёбед.

## ИН ВАТАНРО СОХТАН ОСОН НАБУД!

*Сӯхтан, бигдохтан осон набуд,*
*Ин Ватанро сохтан осон набуд.*

*Ин ҳама ороиш аз хуни дил аст,*
*Хонаро пардохтан осон набуд.*

*Баъди марги Коваву ҳаждаҳ писар*
*Парчаме афрохтан осон набуд.*

*Чун Сиёваш хешро бо ному нанг*
*Бар алоб андохтан осон набуд.*

*Баъди хуни панҷаҳои Борбад*
*Уди нав бинвохтан осон набуд.*

*Сар ба дору пой дар завлона монд,*
*Бе сару по тохтан осон набуд.*

*Сад ҳазор осори фарҳангу ҳунар –*
*Ҳамчу ҷоне бохтан осон набуд.*

*Хокаш аз ашки ниёгон хуррам аст,*
*Ин Ватанро сохтан осон набуд.*

**Бузургмехри Баҳодур**

# ТАШХИС ВА ПЕШГИРИИ РАФТОРИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ



**Нодир АМОНОВ – корманди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

**Дар ҳамаи давру замон коста гардидани ахлоқи наврасон яке аз масъалаҳои муҳимми мавриди таваҷҷуҳи педагогҳо, ҳуқуқшиносон ва психологҳо ба шумор меравад. Имрӯзҳо қафомонии иҷтимоӣ, камарзиш гаштани бахши барномаҳои махсуси ахлоқӣ барои наврасон тавассути воситаҳои ахбори умум ба чашм мерасад. Ин ба психологияи наврасон, ки ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти умумии онҳо вобаста ба синну сол сурат мегирад, бетаъсир намемонад. Наврасон олами эҳсосоташонро таҳлил карда, ба рафтори худ баҳо дода, онро ҳама вақт бо рафтор ва ҳиссиёти калонсолон муқоиса мекунанд. Мутаассифона, онҳо зимни таҳлили рафтору амали калонсолон баъзан на ҷиҳатҳои мусбат, балки манфии онҳоро мепазиранду қабул мекунанд.**

Тайи солҳои охир дар кишварамон шумораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки аз тарафи наврасон содир мешаванд, хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дар ҷараёни рафтори зиддиичтимоии одамон то дами ҳамчун шаҳрванд ба қайд гирифтани онҳо гоҳ-гоҳ давраҳои гузариш дида мешавад. Яке аз сабабҳои ин зуҳурот, кандашавии алоқаҳои он бо ҷамъият ё нокифоягии робита бо олами иҳотакарда мебошад. Тавре ки маълум аст, муҳити иҷтимоии мавҷуда барои наврасон намояндаи мушахасси ҷамъият ба шумор рафта, бо сабабҳои гуногун ба ӯ улгу (идеал) шуда наметавонанд ё аз нуқтаи назари ӯ «ноҳақ» мебошанд. Боиси қайд аст, ки имрӯзҳо волидайн ҳам ба фарзандони худ кам аҳаммият медиҳанд, ки ин оилаҳоро ба мушкилиҳои калони иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мекунад ва ба рафтори наврасон низ таъсири манфӣ мерасонад. Масъалаи одобу фазилати наврасон дар ҷумҳурии мо то дараҷае муҳим аст, ки боиси қабули қонун «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» гардидааст. Дар психология ва педагогика моҳияти мафҳуми «душвортарбия»-ро бо се аломати муҳимтарин ҷудо менамоянд. Аломати якумро мавҷудияти дуршавӣ аз меъёрҳои рафтор ё худ бадрафторӣ дар наврасон ташкил медиҳад. Меъёр ва дараҷаи бадрафторӣ тавассути тестгузаронӣ ва усулҳои махсуси озмоишӣ муайян карда мешавад. Зери нишонаи бадрафтории наврасон чунин хусусиятҳо ва зуҳуроти онҳо фаҳмида мешаванд, ки онҳо на танҳо таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунанд, балки ҳамсолон (волидон, муаллимон, ҷомеа)-ро аз ин ташвишу нигарониҳо дар рафтори наврасон хабардор менамоянд. Чунин хусусиятҳо на танҳо дуршавиро аз меъёру талаботи мақбули умумибуда ифода мекунанд, балки омили заминаю сарчашмаҳои рафтори ношоям, вайроншавии меъёрҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки метавонанд, ба субъекти рафтор, ба густариши фардияти ӯ, атрофиён ва умуман, ба одамон таҳдиди сахту қатъӣ диҳанд. Барои тавсифи бадрафторӣ чунин мафҳумҳои махсусро истифода мебаранд: *рафтори деликвентӣ ва рафтори девиантӣ*.



Таҳти мафҳуми рафтори деликвентӣ, силсилаи рафторҳои ношоям, айбу гуноҳ, ҳуқуқвайронкуниҳои хурдро мефаҳманд, ки аз ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиддӣ ва хусусияти

ҷинояткоридошта, комилан фарқ мекунанд. Рафтори девиантӣ бошад, дуршавии рафтори одамро аз меъёрҳои қабулкардаи атрофиён мефаҳмонад. Ба доираи ин мафҳум, ҳам рафтори деликвентӣ ва ҳам вайроншавиҳои дигари рафтор (аз майзадагиҳои барвақт то кӯшишҳои суидсид, яъне худкушӣ) дохил мешаванд.

Психологи машҳури рус И. С. Кон ба мафҳуми рафтори девиантӣ равшанӣ андохта, онро ҳамчун «системаи рафтори дуршаванда аз меъёрҳои умумиқабулшуда баррасию таҳлил мекунад. Он меъёрҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва равониро низ дар бар мегирад. Мувофиқи консепсияи рафтори мутобиқшавӣ, ҳар гуна деватсия ба вайроншавиҳои мутобиқшуда (психикӣ, иҷтимоию психологӣ, ҷамъиятӣ) мебарад».

Рафтори девиантӣ ҳамчун рафтори дуршаванда аз меъёрҳои умумиқабулшуда ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад:

Якум, бадрафтории аз меъёрҳои ҳаёти солим дуршаванда, ки мавҷудияти аниқи вайроншавии ҳолати руҳӣ (потологияро)-ро ифода мекунад. Дар навбати дуюм, ин рафтор зидди атрофиён аст, ки зимни он меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва махсусан ҳуқуқӣ вайрон карда мешаванд. Чунин рафторҳо чандон зиёд набошанд ҳам, онҳоро бо мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ ифода мекунанд ва вақте ки хусусияти ҷиддӣ пайдо мекунанду сазовори ҷазо мешаванд, он гоҳ мафҳуми ҷинояткориро истифода мебаранд.

Дуюм, ҳамон наврасоне ба гурӯҳи душвортарбия дохил мешаванд, ки рафтори онҳо ба осонӣ ислоҳ намешавад. Дар робита ба ин, бояд истилоҳҳои «бадрафтор» ва «наврасони аз таълиму тарбия қафомонда»-ро аз якдигар фарқ намуд. Ҳамаи наврасони душвортарбия, бешубҳа, аз назари педагогӣ қафомондаанд. Вале на ҳамаи онҳо аз нигоҳи педагогӣ қафомонда, сустхон, бадгуфтор ва бадрафтор наврасони душвортарбияанд.

Сеюм, наврасони душвортарбия онҳое мебошанд, ки махсусан, ба муносибати фардӣ намудан аз ҷониби муаллимон ва ба эътибору таваҷҷуҳи ҷиддии ҳамсолон ниёз доранд. Онҳо чандон одамони бад ва аз нигоҳи ахлоқ аздастрафта намебошанд, вале баъзе калонсолон ин омилро нодуруст фаҳмидаву шарҳ медиҳанд. Чунин наврасон одатан таваҷҷуҳи махсус ва иштироки фаъоли атрофииёнро талаб менамоянд.

Оё ҳамаи наврасон душвортарбияанд? Албатта, ҳамаи наврасон ва калонсолон дар давоми лаҳзаҳои ҳаёт бештар вақт бо монеаҳои ҷиддие дучор мешаванд ва дар рафти он ҳолатҳои манфии эмотсионалию бартарафнамоии душвориҳоро дар муносибат бо одамон аз сар мегузаронанд. Ҳамаи наврасон дар давраҳои муайяни рушду такомули худ табиати «душвор»-ро гирфта метавонанд, вале он дар дараҷаҳои гуногун ва нисбатан кӯтоҳмуддат зоҳир мешавад. Ба муаллим дар сурати ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардию синнусолӣ ва маҳорати кофии педагогӣ кор бо аксари наврасон на танҳо осон, балки фараҳбахш низ мебошад. Аз ин рӯ, ҷоиз аст, аз хусуси наврасони душвортарбия он вақт бигӯем, ки агар дар наврасон хатою камбудиҳои устувор дар характеру рафторашон мушоҳида шавад. Ҳатто омӯзгори моҳир бо чунин наврасон ҳангоми муошират душворӣ мекашад. Сухан дар бораи наврасони аз назари педагогӣ қафомонда ва ё худ душвортарбия, дар бораи онҳое меравад, ки рафтори онҳо аз сарҳади меъёрҳои иҷтимоӣ берун баромадааст, таъсирпазир набуда, ба таъсироти педагогӣ аз ҷониби муаллимону волидон дода шуда, фаъолона муқобилият нишон медиҳанд. Чунин наврасон аз нуқтаи назари имкони содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби онҳо «гурӯҳи хавфнок»-ро ташкил медиҳанд. Аслан дар ҷомеа оид ба наврасони душвортарбия маълумоти муайяне мавҷуд аст ва маъмурияти муассиса аз психолог ҳалли масъалаҳои чунин наврасонро, пеш аз ҳама, интизор мебошад. Аксари дархостҳо дар шароити ҳозира ба наврасоне дахл доранд, ки дар онҳо токсикомания мушоҳида шуданаш мумкин аст, ё наврасоне, ки майл ба майпарастӣ доранду дар дуздӣ, рафторҳои авбошона ва ғайра худашонро маълум менамоянд. Рафтори девиантӣ ва ифротии характери наврасон метавонанд густариши хусусиятҳои мусбат ва манфиро ба дунбол дошта бошанд. Таҳлили назариявии масъалаи мазкур ба мо маълум намуд, ки рафтори девиантӣ ҳамчун рафтори дуршаванда аз меъёрҳои умумиқабулшуда бо рафтори аддиктивӣ (яъне, дуршавӣ аз ҳолати воқеии психологӣ) ва ифротии характери наврасон шабоҳат доранд. Зеро ҳамаи онҳо дар муносибати наврасон ба худ, ба атрофиён, ба меҳнат ва олами иҳотакарда зоҳир мегарданд ва дар рафторашон инъикос меёбанд. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки дар рафти таҳқиқи рафтори наврасони душвортарбия аз методҳои ташхиси типҳои характери Т.В. Матолин истифода барем. Методикаи мазкури ташхисӣ дар баробари муайян намудани 32 типи характери наврасон боз

имкон медиҳад, ки роҳҳои мушаххаси пешгирии рафтори девиантӣ (каҷравӣ)-и наврасон пайдо гардад.

Аз тарафи дигар, мувофиқи талабот ба тадқиқотҳои психологӣ, тести мазкурро ҳамон вақт дар тадқиқоти психологӣ истифода бурдан мумкин аст, ки агар он ба забон ва фарҳанги тоҷикӣ мутобиқ карда шуда, натиҷаҳои бадастовардашуда аз нигоҳи илмӣ эътимоднок ҳисобида шаванд. Барои мутобиқ намудани тести мазкур ба забони тоҷикӣ, дар қадами аввал муайян карда шуд, ки оё дар ҳақиқат, методи ташхисии аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷумакардашуда характери наврасону навҷавононро дуруст муайян менамояд? Барои озмоиш 25 нафар толибилми Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе интихоб шуданд, ки забони русӣ ва тоҷикиро хеле хуб медонанд. Бо ҳамин матлаб натиҷаи методи ташхисӣ бо забони русӣ ва тоҷикӣ дар ҷадвали психометрикӣ гузошта мешавад, ки дар он сатрҳо мувофиқ ба тартиби ному насаби озмудашавандаҳо ҷудо карда шудаанду сутунҳо балли гирифтаро инъикос мекунанд. Сутуне, ки натиҷаи истифодаи методи ташхисӣ бо забони русиро нишон медиҳад, бо Х ва сутуне, ки натиҷаи истифодаи методи ташхисӣ бо забони тоҷикиро нишон медиҳад, бо У ишора карда мешавад. Дар ҳар як сатр балҳои ифодакунандаи характери наврасон гузошта мешаванд. Ҳамин гуна таҳқиқи психометрикӣ дар ҷадвали зерин оварда шудааст. Ҷадвали 1.

| № | Х | У | $(X_i – M_x)$ | $(У_i – M_y)$ | $(X_i – M_x)^2$ | $(У_i – M_y)^2$ | $(X_i – M_x)\ (У_i – M_y)$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 34 | 35 | -2,5 | 0,5 | 6,25 | 0,25 | -1,25 |
| 2 | 29 | 25 | -7,5 | -9,5 | 56,25 | 90,25 | 71,25 |
| 3 | 37 | 32 | 0,5 | -2,5 | 0,25 | 6,25 | -1,25 |
| 4 | 40 | 40 | 3,5 | 5,5 | 12,25 | 30,25 | 19,25 |
| 5 | 30 | 29 | -6,5 | -5,5 | 42,25 | 30,25 | 35,75 |
| 6 | 38 | 33 | 1,5 | -1,5 | 2,25 | 2,25 | -2,5 |
| 7 | 37 | 32 | 0,5 | -2,5 | 0,25 | 6,25 | -1,25 |
| 8 | 32 | 30 | -4,5 | -4,5 | 20,25 | 20,25 | 20,25 |
| 9 | 41 | 33 | 3,5 | -1,5 | 12,25 | 2,25 | -5,25 |
| 10 | 30 | 26 | -6,5 | -8,5 | 42,25 | 72,25 | 55,25 |
| 11 | 36 | 30 | -0,5 | -4,5 | 0,25 | 20,25 | 2,25 |
| 12 | 38 | 40 | 1,5 | 5,5 | 2,25 | 30,25 | 8,25 |
| 13 | 43 | 42 | 6,5 | 7,5 | 42,25 | 56,25 | 48,75 |
| 14 | 33 | 36 | -3,5 | 1,5 | 12,25 | 2,25 | -5,25 |
| 15 | 49 | 49 | 2,5 | 4,5 | 6,25 | 20,25 | 11,25 |
| 16 | 40 | 31 | 3,5 | -3,5 | 12,25 | 12,25 | -12,25 |
| 17 | 36 | 38 | -0,5 | 3,5 | 0,25 | 12,25 | -1,75 |
| 18 | 33 | 26 | -3,5 | -8,5 | 12,25 | 72,25 | 29,75 |
| 19 | 44 | 39 | 7,5 | 4,5 | 56,25 | 20,25 | 33,75 |
| 20 | 40 | 41 | 3,5 | 6,5 | 12,25 | 42,25 | 22,75 |
| 21 | 32 | 34 | -4,5 | -0,5 | 20,25 | 0,25 | 2,25 |
| 22 | 38 | 40 | 1,5 | 5,5 | 2,25 | 30,25 | 8,25 |
| 23 | 37 | 38 | 0,5 | 3,5 | 0,25 | 12,25 | 1,75 |
| 24 | 31 | 33 | -5,5 | -1,5 | 30,25 | 2,25 | 8,25 |
| 25 | 36 | 30 | -0,5 | -4,5 | 0,25 | 20,25 | 2,25 |
| | | | ∑=-9,5 | ∑=-10,5 | ∑=404,25 | ∑=614,25 | ∑=350,5 |

Барои ҳисоб намудани коэффитсиенти боваринокии тест аз формулаи Пирсон низ истифода карда мешавад.

$$r_{xy} = \frac{\sum(X_i – M_x)\ (У_i – M_y)}{V\ \overline{\sum (X_i – M_x)^2 \ x \sum (У_i – M_y)^2}} \qquad (1)$$

Дар ин формула, $r_{xy}$ – коэффитсиенти боваринокии тест мувофиқи коррелятсияи Пирсон аст. $X_i$ – балли фардии озмудашаванда дар ташхиси якум ба забони русӣ мебошад; $У_i$ - балли фардии

озмудашаванда дар ташхиси дуюм ба забони тоҷикӣ аст; $M_x$ – нишондиҳандаи қимати миёнаи озмудашавандаҳо дар ташхиси якум бо забони русӣ мебошад; $M_y$ - нишондиҳандаи қимати миёнаи озмудашавандаҳо дар ташхиси дуюм бо забони тоҷикӣ аст. Маълумотҳои ҷадвалро истифода карда, қиматҳои $\sum(X_i - M_x)(У_i - M_y)$; $(X_i - M_x)^2$ ва $\sum(У_i - M_y)^2$-ро аз ҷадвал муайян намуда, боваринокии тести мутобиқнамудаамон барои ҳамаи саволҳо ҳисоб карда мешавад.

$$(r_{xy}) = \frac{350,5}{\sqrt{404,25 \times 614,25}} = 0,7$$

Қимати $r_{xy} = 0,7$ маънои онро дорад, ки натиҷаи тест ба забони русӣ ва ба забони тоҷикӣ ба якдигар наздиканд, зеро натиҷаи тест ҳамон вақт ба якдигар наздик ҳисобида мешавад, ки агар қимати $r_{xy}$ бояд дар байни 0,5 ва 1 қарор дошта бошад (яъне, $0,5 \leq r_{xy} \leq 1$). Ҳамин тавр, мо нишон додем, ки дар байни ҷавобҳои тест ба забони русӣ ва тоҷикӣ коррелятсия мавҷуд аст.

Қимати $r_{xy} = 0,7$ ифодакунандаи он аст, ки тести ташхисии мутобиқкардаи мо ба дараҷаи кофӣ боваринок аст.

Аз усули «Хи квадрат» истифода бурда, меъёри $Х^2$ (дар сурати дараҷаи озоди Df =1)-ро истифода намуда, қимати алоқамандии r -ро ҳисоб намудан мумкин аст. Дар мисоли мо: $Х^2 = N \times r^2 = 25 \times (0,7)^2 = 12,3$. Аз сабаби он ки $Х^2 > Хкр = 3,84$ мебошад, пас алоқамандии (монандии) равшан мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, коэффитсиенти r (ҳангоми $0,5 \leq r \leq 1$) дараҷаи баланди боваринокиро нишон медиҳад. $Х^2 > Хкр = 3,84$, ҳангоми Df = 1 нишондиҳандаи баланди монандӣ байни методикаи Т.В.Матолин (характер) ба забони русӣ ва тоҷикӣ мебошад. Баъди исбот намудани дараҷаи боваринокии тести Т.В. Матолин (барои муайян намудани характери наврасон) мувофиқи талабот ба тестҳои ташхисӣ боз зарурати нишон додани эътимоднокии тест пайдо мешавад. Барои исбот намудани дараҷаи эътимоднокии тести мутобиқшаванда мебояд аввал 25 нафар озмудашаванда бо тести тарҷумакардашуда (яъне, бо забони тоҷикӣ) ташхис карда шавад. Баъди на камтар аз ду ҳафтаи гузаштан аз ташхиси якум, боз ҳамин озмудашавандаҳо бо тести тарҷумакардаамон ба забони тоҷикӣ маротибаи дуюм, яъне, такроран ташхис бояд шаванд. Натиҷаҳои бадастоварда мебояд бо ёрии методҳои оморӣ санҷида шаванд, ки то кадом андоза онҳо ба якдигар монандӣ ва ё фарқият доранд. Барои нишон додани дараҷаи эътимоднокии методи ташхисии ба забони тоҷикӣ тарҷумашуда (яъне, тести Т.В. Матолин) аз усули Пирсон истифода мебарем. Натиҷаи методи ташхисии даври якум ва дуюм дар ҷадвали психометрикӣ гузошта мешавад, ки дар он сатрҳо мувофиқ ба тартиби ному насаби озмудашавандаҳо ҷудо карда шудаанду сутунҳо балли гирифтаро инъикос мекунанд. Сутуне, ки натиҷаи истифодаи методи ташхисӣ дар даври якумро нишон медиҳад, бо Х ва сутуне, ки натиҷаи истифодаи методи ташхисӣ дар даври дуюмро нишон медиҳад, бо У ишора карда мешавад. Дар ҳар як сатр балҳои ифодакунандаи характери наврасон гузошта мешаванд. Ҳамин гуна таҳқиқи психометрикӣ дар ҷадвали мазкур оварда шудааст. Ҷадвали 2.

| № | X | У | $(X_i - M_x)$ | $(У_i - M_y)$ | $(X_i - M_x)^2$ | $(У_i - M_y)^2$ | $(X_i - M_x)(У_i - M_y)$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 37 | 33 | 2,1 | -0,3 | 4,41 | 0,09 | -0,63 |
| 2 | 21 | 22 | -13,9 | -11,3 | 193,21 | 127,69 | 157,07 |
| 3 | 34 | 34 | -0,9 | 0,7 | 0,81 | 0,49 | -0,63 |
| 4 | 30 | 29 | -4,9 | -4,3 | 24,01 | 18,49 | 21,07 |
| 5 | 26 | 21 | -8,9 | -12,3 | 79,21 | 151,29 | 109,47 |
| 6 | 46 | 41 | 11,1 | 7,7 | 123,21 | 59,29 | 85,47 |
| 7 | 34 | 33 | -0,9 | -0,3 | 0,81 | 0,09 | 0,27 |
| 8 | 44 | 39 | 9,1 | 5,7 | 82,81 | 32,49 | 51,87 |
| 9 | 41 | 33 | 6,1 | -0,3 | 37,21 | 0,09 | -1,83 |
| 10 | 29 | 31 | -5,9 | -2,3 | 34,81 | 5,29 | 13,57 |
| 11 | 44 | 44 | 9,1 | 10,7 | 82,81 | 114,49 | 97,37 |
| 12 | 35 | 37 | 0,1 | 3,7 | 0,01 | 13,69 | 0,37 |
| 13 | 44 | 40 | 9,1 | 6,7 | 82,81 | 44,89 | 60,97 |
| 14 | 37 | 36 | 2,1 | 2,7 | 4,41 | 7,29 | 5,67 |
| 15 | 33 | 35 | -1,9 | -1,7 | 3,61 | 2,89 | 3,23 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16 | 38 | 40 | 3,1 | 6,7 | 9,61 | 44,89 | 20,77 |
| 17 | 32 | 25 | -2,9 | -8,3 | 8,41 | 68,89 | 24,07 |
| 18 | 28 | 19 | -6,9 | -14,3 | 47,61 | 204,49 | 98,67 |
| 19 | 41 | 36 | 6,1 | 2,7 | 37,21 | 7,29 | 16,47 |
| 20 | 37 | 36 | 2,1 | 2,7 | 4,41 | 7,29 | 5,67 |
| 21 | 29 | 31 | -5,9 | -2,3 | 34,81 | 5,29 | 13,57 |
| 22 | 36 | 37 | 1,1 | 3,7 | 1,21 | 13,69 | 4,07 |
| 23 | 37 | 31 | 2,1 | -2,3 | 4,41 | 5,29 | -4,83 |
| 24 | 28 | 30 | -6,9 | -3,3 | 47,61 | 10,89 | 22,77 |
| 25 | 31 | 40 | -3,9 | 6,7 | 15,21 | 44,89 | -26,13 |
| | | | ∑=-0,5 | ∑=-2,9 | ∑=964,65 | ∑=991,45 | ∑=778,41 |

Барои ҳисоб намудани коэффитсиенти боваринокии тест аз формулаи Пирсон низ истифода бурда мешавад:

$$(r_{xy}) = \frac{778,41}{V\ 964,65 \text{ x } 991,45} = 0,79$$

Ҳамин тавр, қимати $r_{xy=}$ 0,79 ифодакунандаи он аст, ки тести ташхисии мутобиққардашуда ба дараҷаи кофӣ эътимоднок аст. Агар ба эътибор бигирем, ки дараҷаи баланди эътимоднокӣ дар сурати хурд будани дисперсияи хато ба даст оварда мешавад, он гоҳ зарурати ҳисоб намудани қимати нисбии ҳиссаи дисперсияи хато ба миён меояд ва он бо ёрии формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$(S_0)^2 = 1 - r$ ё $S_0 = V\ 1 - r = V\ 1 - 0,79 = V\ 0,21 = 0,45$

Методика ба дараҷаи кофӣ эътимоднок ҳисобида мешавад, агар қимати $S_0 < 0,71$ ва ҳангоми $r > 0,5$ бошад. Дар мисоли мо $r > 0,79$ аст, яъне, $r > 0,5$ мебошад. Қимати $S_0 = 0,45$ яъне $S_0 < 0,71$ аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки тарҷумаи тоҷикии методикаи Т.В. Матолин ба дараҷаи кифоя эътимоднок аст.

Ҳамин тавр, дар омӯзиши мазкур аз методикаи ташхисии типҳои характери Т.В. Матолин истифода кардем. Ин ташхисро дар яке аз синфҳои ибтидоӣ гузаронидем. Дар синфи мазкур ҳамагӣ 25 нафар хонанда таҳсил мекунанд. Рузе, ки бо мақсади ташхиси типиҳои характери наврасони таълимгоҳ ворид шудем, 5 нафари онҳо, мутаассифона, дар дарс иштирок надоштанд. Бинобар ин, таҷрибаро бо 20 нафар гузаронидем. Тавре ки зикр гардида буд, тести мазкур имкони ошкор намудани 32 типи характерро дорад. Аз 20 нафари озмудашаванда, мутаассифона, 5 нафарашон ба таври зарурӣ ҷавоб надоданд. Зеро шкалаи дурӯғи ин 5 нафари озмудашудаҳо аз 5 хол зиёдтар баромад ва мувофиқи талаботи тест, агар шкалаи дурӯғ аз 5 хол бештар бошад, пас, ин натиҷаҳо бояд хато ҳисобида шаванд. Аз ин рӯ, онҳо ба эътибор гирифта нашуданд. Боиси қайд аст, ки 15 нафари дигари озмудашавандагон ҷавобҳои дуруст доданд, зеро шкалаи дурӯғи онҳо аз 0 то 4 холро ташкил дод. Барои шарҳи натиҷаҳои бадастоварда, маълумотҳои нишондодаи 4 нафари озмудашавандаҳо (бо иваз кардани ному насабашон) аз рӯйи тести мазкур ба эътибор гирифта шуданд, ки онҳо чунинанд: озмудашаванда ***А.Н.*** дорои типи №29-уми характер аст ва ба ӯ чунин хислату харатер хос мебошад: *нисбат ба атрофиён серталаб, якрав, мағрур, бисёр шуҳратпараст мебошад. Боғайрат, улфатӣ, ҳолати руҳии ҷанҷолӣ дорад. Нокомиҳоро пинҳон мекунад. Ба намоиш гузоштани худро announcementsеписандад. Хунсард аст.* Хусусиятҳои типи характери ӯро таҳлил карда, маълум менамоем, ки як қатор наврасони душвортарбия дорои хислатҳои *серталабӣ, якравӣ, мағрурӣ, бисёр шуҳратпарастӣ* мебошад. Барои пешгирӣ намудани хислатҳои манфии характери озмудашавандагон чунин роҳҳои ислоҳнамоӣ маслиҳат дода мешавад: м*уносибатро дар асоси ҳурмат ва эҳтиром барқарор бояд намуд. Агар наврас ҳавобаланд бошад, он гоҳ ба нокомиҳояш гоҳ-гоҳ хандидан мумкин аст ва ғайра*.

Озмудашаванда ***М.Р.*** дорои типи № 30-юми характер аст ва ба ӯ чунин хислату характер хос мебошад: н*изомро ба осонӣ иҷро менамояд. Иззати нафси худро нигоҳ медорад. Сарбаланд, ба пешсаф будан майл дорад, аммо бадкина аст. Ҳамаро идора кардан мехоҳад. Боғайрат, суботкор, сарфакор. Таваккулро дӯст медорад, дар ҷодаи ба расидан мақсад устувор, маҳорати артистӣ дар ӯ дида мешавад, гарчанде ки хунсард аст.* Хусусиятҳои типи характери ӯро таҳлил карда, маълум менамоем, ки як қатори наврасони душвортарбия дорои хислатҳое, аз қабили бадкинагӣ мебошад. Барои пешгирӣ намудани хислатҳои манфии характери озмудашаванда чунин роҳҳоиислоҳнамоӣ маслиҳат дода мешавад: ҳ*авобаландиро (мағруриро, маҳмаддоноиро) роҳ додан лозим нест. Дар тақвияти корҳои мусбати ин гуна хонандагон онҳоро дастгирӣ намудан. Дар сарварӣ кӯмак расонида, усули муносибати фармонравоиро роҳ додан лозим нест. Бадхашмиро бартараф кардану зеҳни иҷтимоии эшонро густариш бахшидан лозим аст*.

Озмудашаванда ***С.А.*** дорои типи №32-юми характер аст ва ба ӯ чунин хислату характер хос мебошад: *шуҳратпарастӣ, нокомиҳо боевариро дар ӯ коҳиш намедиҳанд. Ҳавобаланд, бадкина, боғайрат, босубот буда, ба низоъ майл дорад. Ҳатто, агар ҳақ ҳам набошад, гузашт намекунад. Азоби виҷдонро аз сар намегузаронад. Дар муошират ба ҳамдардӣ майл надорад. Танҳо иттилоотро қадрдонӣ мекунад. Дар ин тип маҳдудияти эмотсионалӣ дида мешавад*. Хусусиятҳои типи характери ин гуна хонандагонро таҳлил карда, маълум менамоем, ки дорои як қатор *шуҳратпарастӣ, ҳавобаландӣ, бадкинагӣ ва ғайра* мебошанд. Барои пешгирӣ намудани хислатҳои манфии характери озмудашаванда чунин роҳҳои ислоҳнамоӣ маслиҳат дода мешавад: *дар вазъиятҳои ихтилофӣ дастгирӣ накардан. Ба воситаи шуҳратпарастӣ ба ин гуна хонанда таъсир расонидан. Муносибатро баробар нигоҳ дошта, кӯшиши оҳиста-оҳиста зеҳни иҷтимоиро густариш додан лозим аст*.

Озмудашаванда ***Т.Ф.*** дорои типи №3-юми характер аст ва ба ӯ чунин хислату характер хос мебошад: *фаъол, масхаракунанда, ба ҳама «баробар» муошират карданро меписандад. Аз ҳад зиёд мансабпараст. Ҳангоми бо тарафи муқобил розӣ нашудан, зуд ба ҷанг мехезад. Ба шахсияти худ беэътиноиро таҳаммул намекунад.* Хусусиятҳои типи характери ӯро таҳлил карда маълум менамоем, ки дорои хислатҳое, ба монанди *масхаракунанда, мансабпараст, ҳангоми бо тарафи муқобил розӣ нашудан, зуд ба ҷанг омода шудан ва ғайра* мебошад. Барои пешгирӣ намудани хислатҳои манфии характери озмудашаванда чунин роҳҳои ислоҳнамоӣ маслиҳат дода мешавад: *усули асосӣ ва беҳтарин таваҷҷуҳи махсус ва эҳтиром намудани ӯст. Робитаро бо боварӣ, оромона ва муносибати хайрхоҳона бояд ба роҳ монд. Ҳангоми рафторҳои аффективӣ аксуламали истеҳзоомез имконпазир аст. Дар вақти низоъ набояд ба шарҳу тафсири муносибат пардохт. Беҳтар мебуд, агар ин мушкилӣ баъдтар, дар вазъияти ором ҳал карда шавад. Дар ин ҳангом хубтар мешуд, таваҷҷуҳро ба мушкилӣ ва имкони ҳал намудани он бе шиддати эмотсионалӣ равона намоем.*

Умуман, таҳлилҳо мазкур нишон медиҳанд, ки чунин хислатҳо дар наврасони душвортарбия заминаи иҷтимоӣ дошта, имкони пешгирӣ ва бартараф намудани он мавҷуд аст. Мазмуни фаъолияти пешгирикунандаи рафтори девиантии наврасон аз ҳолат ва типи характери наврасон вобастагӣ дорад.

## АДАБИЁТ


1. Александров А.Н. Психологиия деликвентного поведения при аксентуции характера. М.: 1987
2. Ковалев В.В. Социально - психические аспекты проблемы девиантного поведения у детей и подростков. М., 1981.
3. Кон И. С. Психология ранней юности. М., 1990.
4. Кондрашенко В.Я. Девиантное поведение подросков, Мн.,1988.
5. Леонгард К. Аксентуированные личности. Киев, 1986.
6. Личко А В. Психопатии и аксентуации характера подростков. М., 1977.
7. Личко А.Е. Подростковая аксентуции характера. Л., 1985.
8. Ранев М., Помощь трудньм детям М., 1987.

# СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2044

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (минбаъд – Стратегия) дар асоси Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, №240 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида, воситаи амалисозии Консепсияи мазкур дар самти такмили низоми маориф бо мақсади таъмини сифати таҳсилот тавассути ба роҳ мондани низоми арзёбӣ равона шудааст.

2. Стратегия ба такмили раванди таълим равона шуда, ба таъмини сифати таҳсилот дар Тоҷикистон мусоидат ва барои иштирок дар арзёбии байналмилалии сифати таҳсилот замина мегузорад.

3. Сифати таҳсилот бо назардошти таъмини шароити мусоиди таълиму тарбия, иқтидори кадрӣ, адабиёти таълимӣ мутобиқ ба неруи зеҳнӣ, қобилияти физиологии тарбиягирандагону таълимгирандагон, воситаҳои таълимӣ, методию айёнӣ ва азхудкунии барномаҳои таълимию тарбиявӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба идоракунии сифати таҳсилот дар назди вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои таълимӣ шуъба, бахш ва гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот фаъолият доранд.

5. Дар системаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрзинагии тиҳсилот (бакалавриат, мутахассис, магистр) доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, доктор ҳабилитат дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шуда, бо назардошти зинаҳои таҳсилот натиҷагирӣ карда мешавад.

6. Арзёбии сифати таҳсилот дар шароити ҳозира бо назардошти азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ дар асоси низоми баҳогузории 2-5 хола ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси низоми баҳогузории 100-хола ба роҳ монда шудааст.

7. Натиҷаи таҳлилҳо нишон дод, ки соли 2024 сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 35,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав 42,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 35,7 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 39,5 дарсад ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 44,3 дарсад баробар аст. Инчунин, азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 93,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав 95,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 71,3 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 76,3 дарсад ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 85,3 дарсад муайян карда шуд.

8. Арзёбии сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ нимсолаи якум ва дуюми соли таҳсил гузаронида мешавад. Арзёбӣ дар асоси гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот натиҷагирӣ карда мешавад.

## 3. МУШКИЛОТИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

9. Мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ:

- риоя нагардидани принсипҳои арзёбӣ;
- мукаммал набудани меъёрҳо, воситаҳо ва таснифоти дараҷаҳои арзёбӣ;
- аз ҷониби омӯзгорон мунтазам истифода нагардидани усулҳои муосири арзёбии кишварҳои пешрафта дар раванди таълим;

- таҳлили нопурраи натиҷаҳои арзёбии фаъолияти таълимии таълимгирандагон ва омӯзгорон аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва дар сатҳи зарурӣ омода накардани ҳисобот ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта;

- мавҷуд набудани нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и ягона ҷиҳати ба таври воқеӣ муайян намудани сифати таҳсилот;

- ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои арзёбӣ дар соҳаи маориф;

- коркард нашудани моделҳои арзёбӣ вобаста ба намуд ва зинаҳои таҳсилот, инчунин, таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани ҳамкориҳои сохторҳои дахлдори соҳаи маориф бо сохторҳои марбутаи кишварҳои пешрафта оид ба масъалаҳои арзёбии сифат;

- мавҷуд набудани механизми ягонаи арзёбии сифати таҳсилот дар низоми маориф;

- ба таври зарурӣ маблағгузорӣ нагардидани гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

10. Роҳҳои ҳалли мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот:

- таҳия намудани усулҳои арзёбӣ;
- тавсеаи мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар сатҳи давлатӣ;
- таҷдиди назар намудани Стандарт, нақшаву барномаҳои таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон;
- арзёбии адабиёти таълимӣ (аз ҷумла китобҳои дарсӣ);
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим;
- таваҷҷуҳ намудан ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди таълим;
- дастгирии таҳсилоти фарогир бо назардошти ниёзҳои гуногуни таълимгирандагон;
- таъмини шаффофият ва дастрасии маълумот дар бораи сифати таҳсилот ҷиҳати идоракунии самаранок ва ислоҳи камбудиҳо дар ин самт;
- ҷалби мақомоти дахлдор ба раванди таҳия ва таҷдиди стандарт, нақша ва барномаҳои таълим;
- дастгирии таҳқиқоти педагогӣ барои дарёфти усулҳои инноватсионии таълим, инчунин, таъмини имконоти баробар ва дастрасӣ ба таҳсилот барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа.

## 4. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

11. Мақсади таҳияи Стартегия баланд бардоштани сифати таҳсилот, ба танзим даровардани низоми миллии арзёбӣ ва мутобиқсозии низоми маорифи кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот мебошад. Стратегия барои рушди зеҳнии омӯзгорону мураббиён бо мақсади такмили фаъолияти таълимӣ-методӣ (дастгирии методӣ, такмили ихтисос, омода намудани омӯзгорони оянда дар зинаи таҳсилоти касбӣ) мусоидат мекунад.

12. Стратегияи мазкур ба амалишавии ҳадафҳои зерин мусоидат мекунад:

- мутобиқати барномаҳои таълимӣ бо стандартҳои фаннӣ;
- таъмини арзёбии барномаҳои таълимӣ;
- таъмин намудани сифати адабиёти таълимӣ;
- арзёбии натиҷаи фаъолияти таълимии тарбиягирандагон ва таълимгирандагон;
- мониторинги дастовардҳои тарбиягирандагон ва таълимгирандагон;
- ташкили механизми муосири баҳогузорӣ ва арзёбии мониторинги стандартҳои давлатии таҳсилот;
- заминагузорӣ ба арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ;
- ба низом даровардани идоракунии раванди таълим;
- таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ.

13. Вазифаҳои Стратегия:

- такмил додани раванди таълиму тарбия;
- ба даст овардани маълумот оид ба дастовардҳои таълимгирандагон;
- истифодаи самараноки натиҷаҳои арзёбӣ;
- такмили стандартҳои таҳсилот ва фаннӣ, нақша, барномаҳои таълимӣ;

- гузаронидани арзёбӣ барои самаранокии сифати таълим дар гурӯҳи академӣ-таълимӣ, муассиса ва сатҳи миллӣ ҷиҳати иштирок дар арзёбиҳои байналмилалӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкории зич миёни омӯзгорону тарбиягирандагону таълимгирандагон, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди арзёбии сифати таҳсилот;

- таҳияи барномаҳо, модулҳо, дастурҳои методӣ ва омода намудани тренерони сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои арзёбӣ;

- марҳила ба марҳила аз омӯзиш гузаронидани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба истифодаи механизми миллии арзёбии сифати таҳсилот;

- таҳияи роҳнамо барои кадрҳои роҳбарикунанда: сардорони раёсат, мудирони шуъба, бахш ва роҳбарони гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилоти дар муассисаҳои таълимӣ оид ба баргузории самараноки арзёбӣ;

- ташкили семинарҳои омӯзиши барои мутахассисон ва омӯзгорон оид ба истифодаи воситаҳои таҳияшудаи арзёбии сифати таҳсилот дар ҳама зинаҳои таҳсилот;

- татбиқи технологияҳои муосири таълим барои арзёбӣ;

- банақшагирии чорабиниҳо ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба низоми миллии арзёбии таҳсилот тавассути семинару конференсияҳо;

## 5. САМТҲОИ АСОСӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ СТРАТЕГИЯ

14. Стратегия самтҳои идоракунии раванди арзёбӣ, таҳлили нишондодҳо, фардикунонии раванди таълиму тарбия, такмили ихтисос, таҷдиди назар намудани адабиёти таълимӣ, рақамикунонии раванди таълим, таҳким бахшидани малака ва маҳорати тарбиягирандагону таълимгирандагонро фаро мегирад.

15. Стратегия барои расидан ба ҳадафҳои рушди таҳсилоти босифат, дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва таъмини рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат вобаста ба иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

16. Самтҳои асосии амалисозии Стартегия:

- сиёсати баҳодиҳӣ ва идоракунӣ: таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳо ва расмиёти арзёбӣ, эҷоди маводди таълимӣ ва дастурҳо барои омӯзгорон;

- арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ: ҷорӣ намудани низоми арзёбие, ки на танҳо донишҳои академӣ, балки инчунин тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои ҳамкориро баҳо медиҳад;

- технологияҳои рақамӣ: ҳамгироии воситаҳои рақамӣ барои идоракунии арзёбӣ, таҳлили натиҷаҳо ва фардӣ кардани таълим;

- такмили ихтисоси омӯзгорон: инкишофи мунтазами касбии омӯзгорон, мубодилаи таҷрибаи пешқадам ва дастгирии методӣ;

- таҳқиқи самаранокӣ мониторинг ва таҳлили татбиқи стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти такмил ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи замони муосир;

- омӯзиш, мушоҳида ва таҳқиқи самаранокии истифодаи воситаҳои муосири арзёбие, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон ва беҳтар намудани мазмуни онҳо бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардидаанд;

- арзёбии вазъи таҳияи саволномаҳои тестӣ барои муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон дар асоси талаботи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти такмил ва мутобиққунонӣ ба меъёрҳои замони муосир;

- омӯзиш ва таҳқиқи раёсат, шуъбаҳои маориф, роҳбарияти ҳама зинаҳои таҳсилот дар таъмини рушди касбии омӯзгорони фаннӣ, арзёбии дақиқ ва шаффофи дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон;

- таҳқиқи самаранокии татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда дар фарогирии таълимгирандагон ба фаъолияти пурсамар, худбаҳодиҳӣ дар раванди омӯзиш ва бартарафсозии мушкилоти ошкоргардида;

- таҳияи тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони фаннӣ (арзёбии дохилисинфӣ);

- омӯзиш, мушоҳида ва таҳқиқоти нақши ҳавасмандгардонии муассисаҳои таълимӣ барои таҳияи супоришҳо ҷиҳати арзёбӣ, таҳлили натиҷаҳои аттестатсия, имтиҳоноти

марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва пешниҳоди ҳисобот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

17. Таҳияи нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и таҳлилии муассир дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми маорифи миллӣ:

- таҳияи низомномаи арзёбии миллӣ;
- истифодаи нишондиҳандаҳои расмӣ ҳамчун асоси амалисозии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- фаъолгардонии механизмҳои муосири арзёбӣ дар сатҳи миллӣ;
- таҳияи саволномаҳо барои арзёбӣ дар асоси намунаҳои арзёбии байналмилалӣ;
- таҳияи дастурҳои методии арзёбӣ барои мақомоти ваколатдор дар соҳаи арзёбӣ;
- ба роҳ мондани таҳлилҳои мунтазами сифати таҳсилот бо истифода аз воситаҳои арзёбии муосир;
- таҳияи пурсишномаи ягона барои муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар амалигардонидани таҳсилоти босифат;
- таҳия ва ҷорӣ намудани низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди фаъолияти таълимӣ бо такя ба методологияи рушди муттасили касбӣ, ки тавассути ташхис, банақшагирӣ, татбиқ ва бознигарӣ амалӣ карда мешавад;
- таҳияи барномаҳои таълимии таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;
- ташкили ҳамкории пайваста байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият дар асоси корҳои таҳлилии ба натиҷаи арзёбӣ асосёфта;
- гузаронидани таҳқиқоти марҳилавӣ бо истифода аз натиҷаҳои арзёбиҳои байналмилалӣ бо назардошти хусусисиятҳои низоми маорифи миллӣ;
- ҷорӣ намудани усулҳои таҳлили арзёбӣ дар сатҳи гуногун ва татбиқи раванди ташхис, банақшагирӣ, истифода ва бознигарӣ;
- фаъолгардонии нақши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар таҳлил ва таъмини сифати таҳсилот бо такя ба натиҷаҳои арзёбиҳои ҷорӣ ва ҷамъбастӣ;
- такмили малака ва маҳорати касбии омӯзгор тавассути усул ва технологияҳои муосири таълим;
- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди мониторинг ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим;
- таҳияи маводди таълимию методӣ ва роҳнамо вобаста ба технологияи нави арзёбӣ;
- иштироки фаъолонаи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалии сифати таҳсилот;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои иштирок дар ҳама намуди арзёбиҳо.

18. Натиҷаи арзёбӣ ҷиҳати мубодилаи таҷриба, ҳамкории илмию таълимӣ, дастгирии молиявию техникӣ амалӣ гардида, барои рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф мусоидат менамояд.

19. Натиҷаи арзёбии байналмилалӣ барои такмили минбаъдаи методологияи таълим ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири арзёбӣ замина мегузорад:

- таҳияи барномаҳо бо истифода аз натиҷаҳои арзёбиҳои байналмилалӣ;
- таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ;
- такмил додани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар асоси натиҷаҳои ноилгардидаи арзёбӣ.

20. Нишондиҳандаҳои мақсаднок:

- баланд гардидани сифати таҳсилот мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва арзёбии байналмилалӣ;
- талаботи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат ва дастовардҳои онҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ;
- таҳким ёфтани заминаи модди-техникӣ ва технологияи рақамӣ;
- ташаккули муҳити рақобатпазир, эҷодкорӣ, навоварӣ байни омӯзгорон ва таълимгирандагон.

21. Дар марҳилаи ниҳоии амалисозии Стратегияи мазкур сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шуда, натиҷагирии он то 100 дарсад баланд бардошта мешавад.

22. Натиҷаҳои омӯзиш, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва фаннӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат мекунад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф;
- таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, стандартҳои таълимӣ (фаннӣ)-и таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ бо назардошти талаботи замони муосир ва меъёрҳои байналмилалӣ;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаву барномаҳои таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо назардошти дастовардҳои илмӣ, дархости корфармоён, таълимгирандагон вобаста ба хусусиятҳои асосии физиологию синнусолӣ ва таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;
- таҳия ва таҷдиди назар намудани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ бо назардошти талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ;
- таҳияи роҳнамо, дастурҳои таълимӣ-методӣ барои омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо назардошти татбиқи технологияҳои муосири таълим;
- муайян кардани самаранокии истифодаи технологияҳои муосири таълим, таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосир, таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот, рушди салоҳиятҳои асосӣ ва фаннии таълимгирандагон дар раванди таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот;
- иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

## 6. МАБЛАҒГУЗОРИИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

23. Стратегияи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки ҳамасола ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҷудо карда мешаванд, инчунин сармоягузории хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва шариконии рушд, шарикони иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ мегардад.

24. Андозаи маблағгузорӣ бо назардошти чорабиниҳои мушаххас дар нақшаи амали Стратегия, ки барои ҳар се сол таҳия мегардад, пешбинӣ карда мешавад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

25. Мониторинг ва арзёбии Стратегияи мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, назорат дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ гузаронида мешавад.

26. Мониторинг ва арзёбии Стратегия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

27. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, назорат дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои таъмини амалисозии самаранокии Стратегияи мазкур масъулият доранд.

*Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот дошта, садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар доранд.*

***(Консепсияи миллии тарбия)***

# Д А Ъ В А Т

## ТАРҒИБИ ОБУНА

**Муштариёни азиз!**

Оё медонед?

Муҳтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст: **ШИНОХТАНИ МАҚОМИ МАОРИФ ЧУН ОМИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ**

Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба муҳтавои он манзури алоқамандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

- маорифи кишвар рушд мекунад;
- сифати таҳсилот боло меравад;
- сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
- идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
- маърифати ҷомеа такмил меёбад...

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҳаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

Нархи солонаи обуна барои соли 2025 дар идора (ё тариқи суратҳисоб) 200 сомонӣ бо назардошти хизматрасонии почта.

**«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!**

